Ш 21

# ШАХРИЁР

Тадж 2 уч-ф.
Ш 37 Шахризер
Избранное оч
Ле Душанбе
1958
2р.

АКАДЕМИЯИ ФАНҲОИ РСС ТОҶИКИСТОН
ИНСТИТУТИ ШАРҚШИНОСӢ

# ШАҲРИЁР

## (БАРГУЗИДАИ АШЪОР)

Гирдоварандагон: Ғ. Қодиров, М. Муллоаҳмадов
Муҳаррири масъул: Қ. Айнӣ

Нашриёти «Дониш»
Душанбе—1983

**Шаҳриёр.** (Баргузидаи ашъор). Гирдоварандагон: Ғ. Қодиров, М. Муллоаҳмадов. Душанбе: «Дониш», 1983, саҳ. 212.

Муҳаммадҳусайни Шаҳриёр аз зумраи он шоирони номии муосири Эрон аст, ки беҳтарин анъанаву суннатҳои назми овозадори халқҳои форсизабонро идома дода, ҳамчунин ба тақозои асри XX — замони кашфиётҳои бузургу прогресси илму фан асарҳои шоиста офаридаанд.

Умед аст, ки гулчини осори рангину бои ин устоди мумтози сухан, ки бори аввал дар шакли маҷмӯа ба хонандагони тоҷик пешкаш мешавад, завқи дӯстдорони назми форсиро шодоб хоҳад кард.

Тақризкунандагон: Ф. Н а ҷ м о н о в — номзади илми филология, доценти УДТ С. С и д д и қ о в — номзади илми филология, ходими калони илмӣ.

Ш $\frac{4603020000 - 045}{\text{М } 502 - 83}$ 84 — 81 © Издательство «Дониш», 1983 г.

**Бо қарори Совети таҳририяву нашрияи Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон чоп мешавад**

Составители Гиёсиддин Қадыров, Мирзо Муллоахмадов

БИБЛИОТЕКА
Инв. №

**ШАХРИЯР**

**Избранные стихи**

(на таджикском языке)

Ответственный редактор **Камол Айни**

Муҳаррири нашриёт З. И. О ч и л о в а
Муҳаррири техникӣ В. Н. Щ е м е л и н и н а
Рассом Р. А б д у р а з з о қ о в
Мусаҳҳеҳ Л. О ч и л о в а

ИБ 520

Ба матбаа 24. VI. 1982 с. супорида шуд. Ба чопаш 03.11.1982 с. имзо шуд. ҚЛ 00805. Формати $60 \times 84^{1}/_{16}$. Қоғази тип. № 2. Гарнитураи адабӣ. Чопи баланд. Ҷузъи тахминию ҳисобӣ 12,32. Ҷузъи рангҳо-нусхаи чопшуда 12,507. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 13,0. Адади нашр 2730. Супориши 1143. Нархаш 2 сӯм.

Нашриёт ва чопхонаи «Дониш», Душанбе, 29, кӯч. Айнӣ, 121, бинои 2.

*Фалак гӯ, бо ман ин номардиву номардумӣ бас кун,*
*Ки ман султони ишқу шаҳриёри шеъри Эронам.*
*(Шаҳриёр)*

# МУҲАММАДҲУСАЙНИ ШАҲРИЁР

Шаҳриёр аз ҷумлаи шоирони тавоно ва суханпардозони номдори Эрони муосир мебошад. Зиёда аз ним қарн аст, ки ашъори зебои вай дар кишвараш даст ба даст мегардад ва нусхаҳои шеъри ӯро мардум ба расми ёдгор ва армуғон ба якдигар мефиристоданд.

Ҷомеаи шеършиноси Эрон, чӣ муътақидони шеъри қадим ва чӣ тарафдорони «шеъри нав» шеваи каломи шоирро меписанданд. Масалан мунаққиди сахтгир А. Дастғайб номи Шаҳриёрро дар радифи бузургтарин устодони шеъру адаби муосири Эрон монанди М. Баҳор, Эраҷ Мирзо, Ишқӣ, Орифи Қазвинӣ, Фаррухии Яздӣ ва Парвини Эътисомӣ ёд мекунад.[1] Дар олами шеъру шоирӣ низ мақоми шоирро бисьёр азиз ва маҳбуб медонанд ва ӯро бо эҳтиром «устод» мехонанд. Байтҳои зерини шоири маъруф Ядуллои Аминӣ (Мафтун) гувоҳи ҳамин эҳсосоти самимӣ нисбат ба шоир мебошад:

Эй миёни базми дилҳо шамъи сӯзон, Шаҳриёр,
Охирин султони мулки майфурӯшон, Шаҳриёр.
Ғамгусори мардуми ҳасраткаши даврони мо,
Тарҷумони рӯҳи гунги дардмандон, Шаҳриёр.
Дар муҳити сарди имрӯзӣ, ки дилҳо мурда аст,
Нури хуршедаст дар фасли зимистон Шаҳриёр.
Аввалин устоди шеъру охирин султони ишқ,
Ҳар куҷо номи ту дар оғозу поён, Шаҳриёр.

Ҳамин қабули завқи умум ва мақоми баланди шоир дар шеъри муосири форсӣ мебошад, ки омӯзишгоҳе дар Табрез ба номи вай номгузорӣ шуда, рӯзи 16 исфандмоҳи ҳар сол (7 ё 8 март) ба унвони «рӯзи Шаҳриёр» дар зодгоҳаш ҷашн гирифта мешавад.

Омили ин шӯҳрати босазо танҳо лутф ва табъи файзбори шоир аст, ки худи ӯ низ бо камоли ифтихор дар ашъораш ба он ишора кардааст:

Ман аз савомеи кохи рафеи маърифатам,
Ки дар муқобили он осмон кунад таъзим...

---

[1] А. Дастғайб. Нимо Юшиҷ (нақд ва баррасӣ). Теҳрон, 1351, с. 98.

Ба шаҳриёрии мулки сухан бараидам ном,
Барои хотири лутфи каломy табъи салим.

Хонандагони советӣ бо ном ва эҷодиёти Шаҳриёр дер боз ошно ҳастанд. Намунаҳои ашъори ӯ ба забонҳои русӣ ва озарбойҷонӣ борҳо ба чоп расидааст. Чанд сол пеш осори мунтахаби шоир дар Боку интишор ёфт, ки вай манзумаҳои «Ҳайдарбобо», «Афсонаи шаб», «Эй вой модарам» ва дигар осори мутафарриқаи шоирро дар бар мегирад. Шӯҳрати Шаҳриёр дар Тоҷикистон асосан бо воситаи ғазалҳояш паҳн гардидааст. Баъзе намунаҳои ашъораш аз он ҷумла достони «Қаҳрамонони Сталинград» саҳифаҳои маҷмӯа ва рӯзномаву маҷаллоти мухталифро оростаанд ва аз тарафи хонандагони шеърдӯсти тоҷик баҳои баланд гирифтаанд. Илова бар ин ғазалҳои «Ҳоло чаро?», «Як шаб бо Қамар», «Таронаи ҷовидон», «Ёди Шаҳёр» ва амсоли он дар миёни ҳофизони республикаи мо шӯҳрати босазое доранд.

* * *

Сайид Муҳаммадҳусайн Беҳҷати Табрезӣ, мутахаллис ба Шаҳриёр соли 1906 дар Табрез ба дунъё омадааст. Падараш Ҳоҷӣ Мироқои Хушкинобӣ аз мардони фозил ва хушнависони замони худ буд. Айёми кӯдакии шоир дар зодгоҳаш ва деҳоти атрофи он, аз он ҷумла Хушкиноб, ки аҷдодони вай аслан аз он ҷо будаанд, гузаштааст. Ӯ таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаро дар назди падар ва мактабҳои миёнаи Табрез оғоз карда, сипас ба Теҳрон омада таҳсилоти миёнаро дар мадрасаи «Дорулфунун» ба поён расондааст. Пас аз он ба мадрасаи тиббӣ дохил мешавад вале ба далели нороҳати хаёл ва пешомадҳои дигари шахсӣ таҳсилро аз соли охир, яъне аз соли панҷум раҳо мекунад. Баъдҳо ҳам Шаҳриёр, ба саъю кӯшишҳои дӯстон ва хешовандонаш нигоҳ накарда, дигар ба касби интихобкардааш рағбате нишон намедиҳад ва соли 1932 вориди хидмати давлат мешавад.

Чанд сол дар шаҳрҳои Нишопуру Машҳад вазифаҳои гуногуни идоравиро анҷом дода, соли 1937 ба Теҳрон бармегардад ва дар банки кишоварзӣ ба вазифаи ҳисобдор ба кор дохил мешавад. Ҳарчанд худи шоир дар яке аз маснавиҳояш ба корҳои идоравию ҳисоб майлу рағбат надоштанашро таъкид намуда.

Хидмати ман идора рафтан нест,
Мӯҳмалӣ[2] гуфтану шунуфтан нест.
Ман ба кори ҳисоб мард наям,
Балки бо ин ҳисоб мурданиям

мегӯяд, вале маҷбур буд барои таъмини маишат солҳои зиёд ба ин гуна корҳо машғул гардад. Баъди як муддати кӯтоҳи иқомат дар Теҳрон шоир аз танҳоӣ ва норохатиҳои зиндагӣ ба танг омада, ба диёри худ меравад ва солҳои зиёд дар он ҷо мемонад ва ҳоло бо оилааш дар он ҷо мисли бисьёре аз ҳунармандони он диёр ҳаёти фақиронае ба сар мебарад.

Байти зерин шоҳиди ин воқеияти талх аст:

Маро сармоя табъе буд в-он ҳам
Ки дар ин ҷомеа қимат надорад.
Чунон дар заҳматам аз зиндагонӣ,
Ки мурдан пеши ман заҳмат надорад.

Шаҳриёр забонҳои арабӣ ва франсавиро хуб медонад, ва дар навохтани сетор устод аст. Бинобар ин шеъраш бо мусиқӣ пайванди ногусастанӣ дорад. Ба қавли худи шоир:

Шарҳи шӯрангези ишқи Шаҳриёр,
Дар ғазал мепечаду сими сетор.

Шаҳриёр бисьёр ҷавон ба шеъргӯӣ шурӯъ кардааст. Аввал дар шеър «Беҳҷат» тахаллус мекардааст. Вале баъдтар ба мақсади интихоби тахаллус дубор аз девони Ҳофиз фол мегирад ва байтҳои зерин дучор мешаванд:

Давоми умру мулки ӯ бихоҳ аз лутфи ҳақ, эй дил,
Ки чарх ин сиккаи давлат ба номи шаҳриёрон зад.

** ** **

Ғами ғарибию ғурбат чу бар наметобам,
Ба шаҳри худ раваму шаҳриёри худ бошам.

Онгоҳ тахаллусашро ба «Шаҳриёр», ки дар байтҳои мазкури Ҳофиз ҷой дораид иваз менамояд ва бо ин ном ҳам дар адабиёти Эрон шӯҳрат меёбад. Ба ин муносибат худи ӯ чунин мегӯяд:

---

[2] Муҳмалӣ — беҳуда.

Гадои Хоча будам дар азал худ шаҳриёрам хонд,
Чи қои он ки Шерозам бихонад Ҳофизи сонӣ.

Аввалин мачмӯаи ашъори Шаҳриёр соли 1928 бо сарсухани Маликушшуаро Баҳор, Саид Нафисӣ ва Пажмони Бахтиёрӣ ба табъ расидааст. Шоири бузург ва олими дақиқсанҷ аз мутолааи ашъори шоири чавон ба вачд омада, ӯро «на танҳо ифтихори Эрон, балки ифтихори олами шарқ»[3] мешуморад ва ба ояндаи дурахшони вай умедҳои калон изҳор менамояд. Пас аз чанде манзумаи «Руҳи Парвона», дар вафоти ҳунарпешаи машҳури Эрон чоп мешавад ва шӯҳрати ӯро бештар мегардонад. Соли 1952 мачмӯаи нави осори шоир, ки асосан ғазалиёту қитъаҳои ӯро дар бар мегирад, дар ду чилд нашр мегардад.

Зимнан бояд қайд кард, ки Шаҳриёр монанди тамоми ҳунармандони бузург сахттарин ва бераҳмтарин мунаққиди осори худ мебошад. Яке аз дӯстони наздик ва ҳамкорони шоир Муҳаммади Зуҳарӣ менависад, ки ҳар гоҳ, ки мухлисон ва алоқамандони ашъораш аз ӯ хоҳиш мекарданд, ки девонашро ба чоп расонад вай дар чавоб мегуфт: «Ҳанӯз зуд аст, ки ман ба чопи девон бипардозам. Ашъоре, ки гуфтаам хуб дорад, бад ҳам дорад. Ҳамаи инҳо муҳтоҷи расидагӣ ва мурури мучаддад аст. Бояд бимонад, бояд он чи қобил ва ноқобил аст аз якдигар тафкик шавад. Хеле шеър мегӯянд ва хеле шеър чоп мекунад. Шоир ва нависандае эҳтироми худро маръӣ медорад, ки барои хонандааш ҳам эҳтироме қоил шавад»....[4]

Ниҳоят соли 1967 бо исрору кӯшишҳои зиёд ба дӯстонаш муяссар мегардад, ки ашъори пароканди ӯро гирд оварда, куллиёти ӯро дар ду чилд ба табъ расонанд. Ин куллиёт, ки бо тасҳеҳи худи шоир чоп шудааст, мавриди истиқболи гарми хонандагон қарор гирифта, чандин маротиба аст, ки такроран интишор меёбад.

Баъзе мунаққидони Эрон Шаҳриёрро «яке аз охирин посдорони шеъри асили форсӣ» ва ё ба қавли шоири муосир Мафтун «охирин султони мулки майфурӯшон» мешуморанд. Дар ҳақиқат ҳам агар мо чомаи фохири ғазалиёти зебо, забони суфта ва хушоҳанги осори ӯро дар қолабҳои расмии

---

[3] Куллиёти девони Шаҳриёр, китоби I, чопи саввум ч. I, Табрез, 1349, с. 4 (минбаъд: Куллиёти девон, китоби, саҳ.).

[4] Муҳаммади Зуҳарӣ. Ниг.: Куллиёти девон, китоби I, с. 9.

шеъри қадими форсу тоҷик ба назар гирем, хохем дид, ки устод Шаҳриёр дар ин майдон аз шаҳриёрони воқеъӣ аст. Вале бо вуҷуди ин азамат ва маҳорат дар шеъри куҳан Шаҳриёр аз пайравони мутаассиби ин сабки сухангӯӣ нест. Агар ҳар гоҳ дар баёни афкораш дар қолабҳои шеъри қадим маҳдудияте ҳис кунад, ки монеъаи парвози хаёлу андешаи солим бошад, вай бебокона он садҳоро мешиканд ва марому мақсади худро дар муносибтарин шаклҳои шеърии имрӯз, ки аз қайду банди арӯз озодтар ҳастанд, ҷо медиҳад. Лекин ин шоири забардаст ҳаргиз забони латифи шеър, қоидаҳои матлуби назми классикӣ ва оҳангу мусиқии каломро фидои ҳавову ҳаваси «нававарӣ» намекунад ва ё фикру мазмунеро аз адабиёти Ғарб, ки дар 20—25 соли охир дар фарҳанг ва тамаддуни Эрон нуфузи бисьёре ҳосил карда буд, намегирад. Балки ба дуньё аз дидгоҳи худ нигариста сухан аз муҳити худ, аз мушоҳадот, эҳсосот ва таҷрибаҳои ҳаёти худ мегӯяд ва ин суханон ҳаргиз аз ҷаҳони хаёлу завқи табиӣ берун намераванд. Бинобарин, дар замоне, ки баъзе аз шоирони ҷавони муосир дар талоши навҷӯӣ гоҳо ашъоре месозанд, ки бо табиати шеъри форсу-тоҷик чандон созгорӣ надоранд, баъзе намунаҳои осори Шаҳриёр нишондиҳандаи роҳу равиши дурусти шеъри имрӯзи Эрон мебошад.

Чуноне ки ишора кардем Шаҳриёр тақрибан дар тамоми жанрҳои маъмули классикӣ шеър эҷод кардааст. Вале дар миёни онҳо ғазал мавқеи махсусе дорад. Шоир дар ин жанр бисьёр тавоно аст. Дар миёни зиёда аз 360 ғазале, ки дар куллиёташ дарҷ гардидааст, ашъори сусту носуфта ниҳоят кам аст. Албатта, ғазалиёти шоир дар солҳои гуногун, зери таъсири шароиту ҳолатҳои мухталиф эҷод гардидаанд ва табъан аз ҷиҳати арзиши адабӣ ва маънавӣ баробар нестанд. Дар миёни онҳо гоҳо ғазале ё абьёте низ дучор мешавад, ки ба пояи ашъори зебои вай намерасанд ва худи шоир низ ба он ишора кардааст. Вале миқдори чунин абьёт ниҳоят кам аст ва кирои баҳсу гуфтугӯ намекунад.

Гузашта аз пухтагии фикру мазмун ғазалиёти Шаҳриёр аз назари санъати шеърӣ низ комил мебошанд. Ҳеҷ гоҳ дар вазну қофияи ғазалҳояш навоқисе ба назар намерасад ва ё дар парвариши мазмун изҳори нотавонӣ намекунад. Шаҳриёр муддате аз пайравони афкори тасаввуфӣ буда як силсила ғазалу шеърҳо дар ин замина сохтааст. Вале орифи гӯшагир ва сӯфии пуштипо ба ҷаҳонзадае намешавад ва дере нагузашта аз ин роҳ баргашта умри худро дар роҳи шеъру

шоирӣ мебахшад. Дар баъзе ғазалҳояш монанди «Рахти сиёҳу бахти сафед», «Рӯсиёҳи ҳиҷоб», «Дам бизан, эй зан», «Иди хун» ва «Арбоби зимистон» шоир кӯшиш кардааст, ки дар мавзӯъҳои озодии занон, ранҷу дарди камбағалон, ватандӯстӣ ва аз қабили он сухан гӯяд. Чуноне ки маълум аст, гунҷонидани мавзӯъҳои иҷтимоӣ дар қолаби мавзуни ғазал, ки барои мазмунҳои лирикӣ ва ишқӣ омодатар аст, кори басо мушкил буда диққат ва маҳорати фаровонеро мехоҳад.

Шаҳриёр дар ғазалсароӣ аз пайравони Ҳофизи Шерозист, ба тавре ки мегӯяд:

Ҳар чӣ дорам, ҳама аз давлати Ҳофиз дорам.

Эътиқод ва ихлоси шоир ба ин устоди бузурги сухан ба андозаест, ки даҳҳо шеър дар васфи ӯ сурӯда, зиёда аз 100 ғазали вайро ҷавоб гуфтааст.

Яке аз хусусиятҳои муҳимми ғазалиёти шоир дар он аст, ки онҳо ба ҳаёти вай бисьёр вобаста мебошанд. Аксарияти онҳо алоқамандона ба ин ё он лаҳзаҳои зиндагии шахсӣ ё иҷтимоии ӯ сурӯда шудаанд. Чунон ки худи шоир мегӯяд:

Дар шевани ҷанин гаҳи зодан тааммуле,
Пайдост матни нома зи унвони зиндагӣ.

Бинобар ин онҳо ҳар тавре ки таъбир ва тафсир нагарданд, ба зиндагонии шоир наздик ҳастанд. Хулоса ғазалиёти Шаҳриёр оинаи ҳаёт ва рӯзгори ӯ буда, мероси арзандаест, ки аз вай дар таърихи адабиёти Эрон ҷовидона хоҳад монд.

Дар олами қасидасароӣ Шаҳриёр чандон маъруф нест. Қасида дар осори вай мавқеъи дуюмдараҷа дорад ва бисьёре аз он дар мавзӯъҳои динӣ иншо гардидаанд. Забони қасидаҳояш равон ва фасеҳ буда, миқдори абьёташ нисбатан камтар аст. Зебоии фикр ва бадеъият, ба ақидаҳои муҳаққиқон, ба андозаи ғазалҳояш дар қасоидаш ҳам мавҷ мезанад.

Яке аз шоҳкориҳои заволнопазири Шаҳриёр достони «Қаҳрамонони Сталинград» мебошад. Албатта дар ин баҳси мухтасар таҳлил ва тавсифи манзарасозиҳо, қудрати таҷассум ва баёни шоир дар ин достон аз имкон берун аст. Бинобарин дар ин ҷо мо танҳо ба чанд нуктаи муҳими он ишора карда мегузарем.

Шаҳриёр аз набарди Сталинград як достони афсонавӣ насохтааст. Тамоми ҳодисот ва рӯйдодҳо ҳамон тавре ки

дар амал воқеъ гашта буданд, тасвир шудааст. Қалами мӯъҷизанигори шоир ин саҳнаро бо чунон маҳорат ва ба андозае ба ҳақиқати таърихӣ наздик таҷассум кардааст, ки хонанда тасаввур мекунад, ки шоир шахсан шоҳид ва иштироккунандаи он воқеъа будааст. Масалан:

Шаҳсаворон селосо дар паи душман равон,
Ғурриши фармондеҳон ҳар дам фузун, ҳар лаҳза беш.
Тонке аз кор уфтода, тупҳову ҳамчунон
Пеш метозад, ки бошад, истодан куфри кеш,
Чун паланги захми он як дар бронкор[5] ғарқи хун,
Дам ба дам ғурришкунон, худ медиҳад фармон: Пеш!
Кист донӣ? Ҳарду поро тӯп бурда афсаре.

Зимнан бояд гуфт, ки қудрати тафаккур ва хаёлпардозии шоир бисьёр баланд аст. Аз рӯи гувоҳии яке аз дӯстонаш вақте ки Шаҳриёр манзумаи «Тахти Ҷамшед»-и худро дар ҳузури ҷамоате мехонад, ҳама хаёл мекунанд, ки шоир ин сохтмони таърихиро борҳо тамошо кардааст. Зеро мисраҳои:

Баъди сӣ қарн сабоватсимост,
Сангҳо сайқаливу чеҳранамост

тасвири ҳақиқии вазъи кунунии боқимондаҳои ин биност. Вале чӣ ҷои тааҷҷуб ва ҳайрат буд вақте ки шунавандагон мефаҳманд, ки шоир ҳеҷ вақт тахти Ҷамшедро надидааст. Ҳамин тавр ҳам вақте ки Шаҳриёр шаҳри Сталинградро тасвир мекунад кас гумон мекунад, ки вай бо ин шаҳр ба хубӣ ошност:

Шаҳри Оҳан, сарзамини қаҳрамонон, бо шукӯҳ,
Ҳалқасон Волга гирифта дар миёнаш чун нигин
Сабзазорон сар кашида то ба домони уфуқ,
Бешазорон туфта чун маҳди шерон саҳмгин,
Бурҷу боруҳо ба сони посбонони абӯс,
Чашм дар раҳ ҳар яке аз гӯшае дорад камин,
Ҳаст гӯӣ интизори фитнаву шӯру шаре.

Шоир нисбат ба Иттифоқи Советӣ ҳисси дӯстона ва эҳтироми бузурге дорад. Ӯ ин «кишвари паҳновари досу чаккуш»-ро, сарзамини мардуми хушбахт мешуморад ва ба биҳишти афсонавӣ монанд мекунад.

---

[5] **Бронкар** — замбали тиббӣ.

Бар сари амвоҷи тӯфони шабонгаҳ Ахриман,
Ногаҳон дуньёи хокӣ дид хандон чун биҳишт,
Духтарони Украин дар киштзорон дода сар,
Бо суруди досу чаккуш нағмаи урдибиҳишт...

Вале ин «биҳишти дуньёи хокӣ» барои душманонаш саҳмгин ва дандоншикан аст. Бинобар ин вақте ки ғоратгарони гитлерӣ «Европаро фурӯ бурда» ба ин диёр по мениҳанд, дар ҳар қадам бо муқобилияти бе назири «мардуми сарзамини озодагон» рӯ ба рӯ мешаванд:

Аждаҳо дар сарзамини саҳмгине мехазид,
В-он чи бо ӯ рӯ ба рӯ дандоншикан, пархошҷӯ.
Ӯ Урупоро ба осонӣ фурӯ балъида буд.
Лек ин ҷо бо чӣ душворӣ барад шаҳре фурӯ
Иштиҳои ҳар дам афзунтар ба худ бинад, вале
Луқмаҳои устухондор асту медаррад гулӯ.
Боз дар ҳар хез дарпечад ба ҳам бахру баре.

Ҳиссиёти самимонаи шоир ба ҳадди олӣ мерасад, ки ӯ дар бораи халқи советӣ сухан мегӯяд. Ҷонбозӣ ва қаҳрамонии бе мислу монанди одамони советӣ дар муҳорибаи Сталинград ва умуман дар замони ҷанг бо Германияи фашистӣ, Шаҳриёрро ба андозае мутаасир мекунад, ки вай ба иродаи устувор ва рӯҳи шикастнопазири ин халқи қаҳрамон таҳсин мехонад:

Эй фаре, бар инчунин имони пӯлодин, фаре!

Бояд дар назар дошт, ки дар замони ҳукмронии режими диктатории Паҳлавӣ (1925 — 1979), ки изҳори ҳар гуна самимият ва муҳаббат нисбат ба «кишвари досу чаккуш» хавфи ҷон дошт, Шаҳриёр чӣ шаҳомати мардонае зоҳир кардааст.

Масъалаи қолаби шеърии ин достон низ тозагиҳои ҷолибе дорад. Чунон ки дар мисолҳои боло дидем, ҳар банди достон аз ҳафт мисраъ иборат буда мисраҳои дуюм, чаҳорум ва шашум ҳамқофия омаданд. Мисраи охир бошад озод ва бо мисраҳои ҳафтуми ҳар як аз 41 банди достон ҳамқофия шудаанд, ки мислашро мо дар адабиёти классикӣ дучор нанамудем.

Чизи дигаре ки дар ин достон ҷолиби таваҷҷӯҳ аст, лаҳни тантанавор, каломи бо салобату пурфурӯғест, ки бо мавзӯъ таносуби комил ва ҳамоҳангии том дорад. Дар он баландии

руҳ ва табъи ҳамосасароии Фирдавсӣ ба хубӣ ошкор аст. Гузашта аз инҳо, дар достон ташбеҳоти тоза байтҳои латифу зебо бисьёр аст. Масалан вақте ки духтарон гранатаҳо ба камар баста, барои гирифтани «тоҷи ифтихор» худро ба зери танкҳои душман мепартоянд шоир мегӯяд:

Бо сари зулфе, ки дар пои ватан мерехтанд,
Оҳанин тадбири душманро табаҳ месохтанд.

Ин масраҳо ба ғайр аз маънои баланд, аз назари шоирӣ низ дилангез мебошанд. Хулоса, ба фикри мо, дар ин асари Шаҳриёр тамоми нозуккориҳо, хаёлпардозиҳои шоирона ва сеҳрофариниҳое, ки ба устодони бузурги адаб нисбат медиҳанд, ба таври аъло мавҷуд аст. Шоири пуртаҷриба аз ин саҳнаи дурахшони таърихи барои моҷароҷӯён дарси ибрат ва барои наслҳои оянда як сабақи диловарӣ ва шуҷоат сохтааст.

Қитъа, рубоӣ ва дигар ашъори мутафарриқае, ки Шаҳриёр дар мазмунҳои лирикӣ, фалсафӣ ва ғайра эҷод кардааст, ҳар кадом дар навъи худ хонданӣ ва дилнишин мебошанд. Илова бар ин Шаҳриёр ба лаҳҷаҳои маҳаллии озорбойҷонӣ низ шеърҳо эҷод кардааст. Масалан манзумаи «Салом ба Ҳайдарбобо», ба шаҳодати донишмандон яке аз шоҳкориҳои назми муосири туркизабон ба шумор меравад. Ин асар борҳо дар Туркия ва Озарбойҷони Советӣ ба чоп расида, чандин тарҷумаи форсӣ низ дорад.

Чунон ки гуфтем Шаҳриёр аз гӯяндагонест, ки ба ғайр аз мазмунофариниҳои тоза дар шаклҳои шеърӣ низ ташаббус ва навовариҳое ба вучуд овардааст. Ин эҷодкориҳои шоир ду гурӯҳанд.

Гурӯҳи якум шеърҳое мебошанд, ки дар онҳо бо каму зиёд кардани мисраҳо ва ё қофиябандии мисраҳо, монанди достони «Қаҳрамонони Сталинград», манзумаҳои «Ду мурғи биҳиштӣ», «Ҳазьёни дил» ва ғайра шоир тағьироти ҷузъие дохил кардааст. Барои намуна як банд аз манзумаи «Ҳазьёни дил» меоварем:

Он беди канори ҷодаи деҳ,
Оё кӣ пас аз манаш гузар кард?
Ҳар барге аз он забони дил буд
Бо ман чӣ фасонаҳо, ки сар кард.
Ӯ монду ҷавони ошиқ аз деҳ
Шаб ҳамраҳи корвон сафар кард,
Аз ёру диёр қаҳр карда.

Танҳо фарқе, ки дар миёни ин шеър ва достони «Қаҳрамонони Сталинград» ба назар мерасад он аст, ки мисраҳои ҳафтуми бандҳои он озод буда, бо мисраҳои ҳафтуми бандҳои дигар ҳамқофия намешавад. Ин қабил корҳои шоир чандон тозагие надоранд. Назири онҳо дар эҷодиёти шоирони давраи машрутият (1905 — 1911) Деххудо, Баҳор, Эраҷ Мирзо, Ашрафиддини Ҳусайнӣ ва шоирони солҳои баъдӣ, Хонларӣ, Таваллулӣ, Ҳасани Ҳунармандӣ, Мӯширӣ, Нодирпур, Амири Фирӯзкӯҳӣ ва ғайраҳо низ дучор мешавад.

Гурӯҳи дуюми тозаҷӯиҳои шоир ҷолибтар мебошанд. Дар ингуна шеърҳои худ монанди «Паём ба Эйнштейн», «Наққош», «Эй вой, модарам» ва амсоли он Шаҳриёр якнавохтии шеъри қадимро барҳам мезанад, мисраҳоро дарозу кӯтоҳ карда, қолабҳои арӯзиро мешиканад. Вале оҳанг ва ритми шеърро нигоҳ медорад. Ба ин тартиб шоир дар таҳаввули шеъри муосири форсӣ саҳми арзандаи худро мегузорад.

Ба таври умумӣ аз ин сайри мухтасаре, ки дар девони Шаҳриёр намудем, ба хулосаҳои зерин омадан мумкин аст:

— Шаҳриёр аз шоирони забардастест, ки дар эҷодиёташ анъанаҳои беҳтарини адабиёти гузаштаи форсу тоҷикро давом ва инкишоф дода истодааст.

— Шоир таҳаввули табиӣ ва такомули ногузири таърихиеро, ки имрӯз дар шеъри форсӣ тағьироти ҷиддие ба вуҷуд овардааст, ба хубӣ дарк карда, дар ин ҷодаи навбуньёд қадамҳои устуворе гузоштааст.

— Дар эҷодиёти шоир оҳангҳои иҷтимоӣ; озодӣ ва ҳуқуқи занон, тарбияи насли ҷавон, кори неку хайрхоҳӣ, ғояи ватанпарастӣ, инсондӯстӣ, мазаммати беадолативу нобаробарӣ ва амсоли ин ҷои намоёнеро ишғол мекунад. Вақте ки ӯ ҷони худро дар хатар андохта байтҳои зеринро:

Яке насли ҷавон бояд, ки зояд,
Ба ҳамди ширхорӣ шергирон...
Ба ташкилоти ҳизбӣ дода пайванд,
Ба нерӯи ҷавонон рои пирон.
Яке ҷунбиш падид ояд асосӣ,
Дар ин кишвар мадораш бо мудирон...
Гурӯҳе ногузир аз дор бошанд,
Ки буданд аз хиёнатногузирон
Гурусна иди қурбон гирад он рӯз,
Ба қурбонгоҳи хунхорону серон...

гуфта буд, ба назари бисьёр касон онҳо ҳамчун як орзӯи дили шоир менамуд. Вале имрӯз ки мо шоҳиди ғалабаи бу-

зурги халқи Эрон дар революцияи февралии соли 1979 ҳастем, мебинем, ки ин гуфтаҳои шоири дурандеш пешгӯии як ҳақиқати ногузири таърихӣ будааст.

— Эҳсосоташ воқеъӣ ва самимӣ буда парвози хаёлаш баланд, доираи тафаккураш васеъ ва қудрати манзарасозӣ ва тасвиру тавсифаш дар миёни шоирони муосири Эрон мумтоз аст.

— Забони осораш равону суфта аст ва аз қоидаву қонуни забон ва мантиқи калом хориҷ намешавад.

* * *

Маҷмӯае, ки инак ба хонандагон тақдим мешавад гулчине аз куллиёти девони ду ҷилдаи Шаҳриёр[6] буда, аввалин бор аст, ки ба алифбои тоҷикӣ ба чоп мерасад.

Шеърҳо аз тарафи худи шоир номгузорӣ шуда дар ин ҷо ҳам бо ҳамон номҳо омадаанд.

**Чун баъзе намунаҳои интихоб** шуда аз ҷиҳати миқдор зиёд набуданд, бинобар ин онҳо зери номҳои умумӣ; таркибот ва тарҷеот, мухаммас ва мусаддасот ва ғайра оварда шуданд.

Як ҳисса осори шоир ба услуби шеъри озод суруда шуда аст, бинобарин онҳо дар боби алоҳида, таҳти унвони «Навовариҳои шоир» ҷудо карда шуданд.

Тартиби ҷо ба ҷо гузории ашъори ин маҷмӯа ба тариқи зайл аст:

Ғазалиёт, қасоид, маснавиёт, таркибот ва тарҷеот, мухаммас ва мусаддасот, муқатаот, дубаётӣ ва рубоиёт, ниҳоят навовариҳои шоир.

Дар охир бояд қайд кард, ки осори устод Шаҳриёр мавзӯи баҳс ва гуфтугӯи бисьёр аст. Вале мо ба ҳамин роҳнамои мухтасаре, ки дар боло ба унвони муқаддима оварда шуд, қаноат намуда хонандагони соҳибзавқро ба тамошои гулзори шеъри Шаҳриёр даъват мекунем.

**Ғ. ҚОДИРОВ**

---

[6] Куллиёти девони Шахриёр дар ду китоб, чопи саввӯм. Табрез, 1349 (1970).

# АЗ FАЗАЛИЁТ

## ЧӢ МЕКАШАМ!

Дар васл ҳам зи ишқи ту, эй гул дар оташам,
Ошиқ намешавӣ, ки бубинӣ чӣ мекашам.
Бо ақл оби ишқ ба як ҷӯ намеравад,
Бечора ман, ки сохта аз обу оташам.
Дишаб сарам ба болиши нози висолу боз,
Субҳ асту сели ашк ба хун шуста болишам.
Парвонаро шикояте аз ҷаври шамъ нест,
Умрест дар ҳавои ту месӯзаму хушам.
Халқам ба рӯи зард биханданду бок нест,
Шоҳид шав, эй шарори муҳаббат, ки беғашам.
Бовар макун, ки таънаи тӯфони рӯзгор,
Ҷуз дар ҳавои зулфи ту дорад мушаввашам.
Сарве шудам ба давлати озодагӣ, ки сар
Бо кас фурӯ намеравад ин табъи саркашам.
Дорам чу шамъ сирри ғамаш бар сари забон,
Лаб мегазад чу ғунчаи хандон, ки хомӯшам,
Ҳар шаб чу моҳтоб ба болини ман битоб,
Эй офтоби дилкашу моҳи паривашам.
Гар зери пираҳан шуда, пинҳон кунам туро,
Сеҳри парӣ дамида ба пироҳане кашам.
Лаб бар лабам бинеҳ ба навозиш даме чу най,
То бишнавӣ навои ғазалҳои дилкашам.
Сози Сабо[1] ба нола шабе гуфт, Шаҳриёр
Ин кори туст ман ҳама ҷаври ту мекашам.

## БА МУРҒОНИ ЧАМАН

Хароб аз ёди поизи[2] хуморангези Теҳронам,
Хумори он баҳори шӯху шаҳрошӯби Шимронам.[3]
Худоё, хотироти саркаши як умр шайдоӣ,
Гирифта дар димоғи хаста чун хоби парешонам.
Хаёли рафтагон шаб то саҳар дар ҷонам овезад,
Худоё, ин шабовезон чӣ мехоҳанд аз ҷонам?
Парешонёдгориҳое барбоданду мепечанд,
Ба гулзори хазони умр чун рагбори боронам.

---

[1] **Сабо** — яке аз оҳангсозон ва мутрибони маъруф, ки аз дӯстони шоир буд.
[2] **Поиз** — тирамоҳ.
[3] **Шимрон** — ҷои хуш боду хавоест дар шимоли Теҳрон.



БИБЛИОТЕКА
Инв. №
Пединститута

Хазон ҳам бо суруди баргрезон оламе дорад,
Чӣ ҷои ман ки аз сардиву хомӯшӣ зимистонам.
Магар каффораи озодиву озодагиҳо буд.
Ки аъсобам ғулу занҷир гашту сабр — зиндонам.
Ба бухроне, ки кардам оташам шуд аз арақ хомӯш,
Хушо, он оташин табҳо, ки дилкаш буд ҳазьёнам.
Сетори мутриби шавқам гусаста сими ҷонсӯзам.
Шубони водии ишқам шикаста нои нолонам.
На ҷоме, к-ӯ дамад дар оташи афсурдаҷони ман.
На дуде, к-ӯ барояд аз сари шӯридасомонам.
Шукуфта шамъи дамсозам чунон хомӯш шуд, к-аз вай
Ба ашки тавба хуш кардам, ки мебораш ба домонам.
Гиреҳ шуд дар гулӯям нола, ҷои сим ҳам холӣ.
Ки ман вохондани ин панҷаи печида натвонам.
Куҷо ёру диёре монд аз бемеҳрии айём,
Ки то оҳе барад сӯзу гудози ман ба ёронам.
Биё, эй корвони Миср, оҳанги куҷо дорӣ?
Гузар бар чоҳи Канъон кун ман охир моҳи Канъонам,
Суруди обшори дилкаши Пасқалъаам дар гӯш,
Шаби поизи Табрез асту дар боғи Гулистонам.
Гурӯҳи кӯдакон саргаштаи чархифалакбозӣ,
Ман аз бозии ин чархи фалак сар дар гиребонам.
Ба мағзам ҷаъбаи шаҳри фаранги умри бе ҳосил,
Ба чарх афтодаву гӯӣ дар офоқ аст ҷавлонам.
Чӣ дарьёе; чӣ тӯфоне, ки ман дар печу тоби он,
Ба завраққои соҳибкуштаи саргашта мемонам.
Аз ин шӯрам, ки имшаб зад ба сар ошуфтаву сангин,
Чӣ мегӯям, намефаҳмам, чӣ мехоҳам, намедонам,
Ба ашки ман гулу гулзори шеъри порсӣ хандон,
Мани шӯридабахт аз чашми найсон абри гирьёнам.
Куҷо то гӯядам барчину то кай гӯядам, бархез,
Ба хони ашки чашму хуни дил умрест меҳмонам...
Фалак, гӯ бо ман ин номардиву номардумӣ бас кун,
Ки ман султони ишқу шаҳриёри шеъри Эронам.

## ЗАКОТИ ЗИНДАГӢ

Шаб ҳама бе ту кори ман шиква ба моҳ кардан аст,
Рӯз ситора то саҳар тира ба оҳ кардан аст.
Матни хабар, ки як қалам бе ту сиёҳ шуд ҷаҳон,
Ҳошия рафтанам дигар нома сиёҳ кардан аст.
Чун ту на дар муқобилӣ, акси ту пеши рӯ ниҳам,

Ин ҳам аз обу оина хоҳиши моҳ кардан аст.
Навгули нозанини ман, то ту нигоҳ мекунӣ,
Лутфи баҳори орифон дар ту нигоҳ кардан аст.
Лавҳаи худнамоиву оинаи тамомқад.
Беҳтар аз ин чӣ такья бар мансабу ҷоҳ кардан аст.
Моҳи ибодат асту ман бо лаби рӯзадор аз ин,
Қавлу ғазал навиштанам бими гуноҳ кардан аст.
Лек чароғи завқ ҳам, ин ҳама кушта доштан,
Чашм ба гул гирифтану моҳ ба чоҳ кардан аст...
Аз ғами худ бипурс, к-ӯ бо дили мо чӣ мекунад,
Ин ҳам агарчи шикваи шаҳна ба шоҳ кардан аст...
Гоҳ ба гоҳ пурсише кун, ки закоти зиндагӣ,
Пурсиши ҳоли дӯстон гоҳ ба гоҳ кардан аст.
Бӯсаи ту ба коми ман кӯҳнаварди ташнаро
Кӯзаи оби зиндагӣ тӯшаи роҳ кардан аст.
Худ бирасон, Шаҳриёр, эй ки дар ин муҳити ғам,
Бе ту нафас кашиданам умр табоҳ кардан аст.

**РӮЗАШИКАН***

То даҳан бастаам, аз нӯшлабон мебарам озор,
Ман агар рӯза бигирам, рутаб[4] ояд сари бозор.
То баҳор аст даре аз қафаси ман накушояд,
Вақте ин дар бикушояд, ки гуле нест ба гулзор.
Чашми шоҳид ба саропардаи мижгон чӣ ҳикоят,
Оҳӯ аз сабза баровард сару шер зи найзор.
Ҳаргиз ин давраи гулу лола намехостам аз бахт,
Ки ҳарифон ҳама зор аз ману ман аз ҳама безор.
Дасту абзор чу медод ба гӯши ҳунарам, гуфт:
Рав, ки бозори ту рӯзе, ки на даст асту на абзор.
Ҳар дам аз синаи ин хок диле зор бинолад,
Ки гуле будаму бозичаи гулчини дилозор,
Гул бичӯшиду гулобаш ҳама хиси[5] араҳи шарм,
Ки ба як хандаи тифлона чӣ буд он ҳама озор.
Чашми наргис нигарон аст, вале доғи шақоиқ
Чашми хунини шафақ бинаду абри маҳи озор.

---

* Дар чанд соли охир шоир камтар шеър мегуфт, ки ин боиси эътироз ва илтимоси аҳли завқу адаб гардид. Ин ғазалро шоир ба он муносибат гуфтааст.

[4] **Рутаб** — хурмои тару тоза.

[5] **Хис** — тар.

Абр аз он бар сари гулҳои чаман зор бигирьяд,
Ки хазон бинаду ошуфтани гулҳои чаманзор.
Шаҳриёр асту ҳамин шеваи шайдоии булбул,
Бигузоред, бигирьяд ба ҳавои гули худ зор.

### ТӮТИИ ҚАННОД

Ало, эй навгули раъно, ки рашки шохи шамшодӣ,
Нигорин нахли мавзунӣ, ҳумоюн сарви озодӣ.
Арӯси бахти моро моҳ дар оина мерақсад,
Ки шамъи ҳуҷла механдад ба рӯи чун ту домоде.
Ман ин пиронасар тоҷе, ки дорам бо ту хоҳам дод,
Ки аз бахти ҷавон бо давлати табъи худододӣ.
Ба сайди хотирам ҳар лаҳза сайёде камин гирад,
Қамонабрӯ, туро сайдам, ки дар сайёдӣ устодӣ.
Чу шӯрангез пайкарҳо нигорад килки мушкинат,
Ало, эй Хусрави Ширин, ки худ бе теша Фарҳодӣ.
Қалам ширину хат ширин, сухан ширину лаб ширин,
Худоро, эй шакарпора, магар тӯтии қаннодӣ.
Арӯси моҳ шояд чун тӯӣ ширин писар зояд,
Магар парвардаи домони ҳӯрӣ ё паризодӣ.
Ман аз ширинии шӯру наво бедод хоҳам кард,
Чунон, к-аз шеваи шӯхиву шайдоӣ, ту бедодӣ.
Ту худ шеъриву чун сеҳру парӣ афсонаро монӣ,
Ба афсӯни кадомин шеър дар доми ман афтодӣ.
Гар аз ёдам равад олам, ту аз ёдам нахоҳӣ рафт.
Ба шарти он ки гаҳгоҳе ту ҳам аз ман кунӣ ёде.
Хушо ғалтидану чун ашк дар пои ту афтодан,
Агар рӯзе ба раҳмат бар сари хоки ман истодӣ.
Ҷавонӣ, эй баҳори умр, эй руъёи сеҳромез,
Ту ҳам ҳар давлате будӣ чу гул бозичаи боде.
Ба пои чашмаи табъи латифе Шаҳриёр охир
Нигорин сояе ҳам дидиву доди сухан додӣ.

### ЛАБ*

Шабе, ки ман макидам қанд аз он лаб,
Ба ашке буд шаккарханд аз он лаб.
Кунун ҷонам ба каф мепурсам аз пайк,

* Шоир ин ғазалро дар ҷавоби байти яке аз мухлисонаш
Шабе, ки бо ту будам ёд аз он шаб,
Шабе, ки бе ту бошам дод аз он шаб.
сохтааст.

Ки як пайғоми холӣ чанд аз он лаб?
Сухан гар нархи ҷон, пас бо чӣ чизе
Ту савдо мекунӣ савганд аз он лаб?
Даҳан бикшову чандин ташнакомам,
Худоро, эй парӣ, мапсанд аз он лаб.
Зимистон мекунад мӯи сапедам,
Бигӯ, то барфам ояд банд аз он лаб.
Тавонам дар ғамат ҷон кандан, аммо
Куҷо дил метавонам канд аз он лаб.
Шабе бо ҳам ғазал хондему гулқанд,
Мизоқи[6] ҷони ман оганд аз он лаб.
Дур афшонд аз ғазал бо ман валекин
Ба ҷонам оташе афканд аз он лаб.
Кунун дар боғи табъам шохи ҳар гул
Ба пирӣ мехӯрад пайванд аз он лаб.
Гадои ишқаму чун ғунча доман,
Ба зар печида давлатманд аз он лаб.
Биханду гул бигӯ, гул бишнав, эй дил,
Ки дорам ёдгор ин панд аз он лаб.

Ғазал аз ҳар лабе зебост, аммо
Диловез афтаду дилбанд аз он лаб.
Ба ҳам монанд ширинон, валекин
Маро шаҳдест бе монанд аз он лаб.
Ба Чин гар кофа мепечанд аз он зулф,
Ба Мочин ғунча мечинанд аз он лаб.
Ба заъфу ғаш фитодам зарду бемор,
Ба болинам расон гулқанд аз он лаб.
Дил аз рашкам хӯрад хун, Шаҳриёро,
Ки бошад хотире хурсанд аз он лаб.

## РАХТИ СИЁҲУ БАХТИ САФЕД

Рӯи бахти зан аз ин рахт сиёҳӣ гирад,
Шайх коми дил аз ин рӯи камоҳӣ[7] гирад.
Шоҳиди бахтсапедӣ ҳам дар бар, муфтӣ
Оре, аз давлати ин рахт сиёҳӣ гирад.
Дузд бозор нахоҳад магар ошуфтаву ринд,
Обро карда гилолуд, ки моҳӣ гирад.

---

[6] **Мизоқ** — завқ, тамъ, маза.
[7] **Камоҳӣ** — рост будан, ҳамчунон.

Қош, к-ин раҳбари гумроҳ ивази рӯи занон
Дасти атфоли ятими сари роҳе гирад.
Бомдодон, ки ба анвори тамаддун хуршед,
Саҳнаи ин фалаки номутаноҳӣ[8] гирад.
З-ин сиёҳпӯш занон сафҳаи офоқи ҷаҳон,
Хуш тасовири ҳаюлои факоҳӣ[9] гирад...
Зани бе парда паси парда, ки беҳтар донад,
Ваъдаи қутбиву пайғоми шафоҳӣ гирад.
Дар ҳиҷоб аст манохӣ[10], ҳама то рафъи ҳиҷоб,
Парда аз рӯи риёкори манохӣ гирад.
Интиқоми ҳақ агар даст барорад, бояд
Яқа ё худ факули[11] шайхи кулоҳӣ гирад...
Шаҳриёро, биҳил[12] ин миллати ғофил, ки ҳанӯз
Паи афсонаи лотоили воҳӣ гирад.

## ШОИРИ «АФСОНА»*

Нимо,[13] ғами дил гӯ, ки ғарибона бигирьем,
Сар пеши ҳам орему ду девона бигирьем.
Ман аз дили ин ғору ту аз қалъаи он Қоф,
Аз дил ба ҳам афтему ба ҷонона бигирьем.
Дудест дар ин хона, ки кӯрем зи дидан,
Чашме ба каф орему ба ин хона бигирьем.
Охир на чароғем, ки хандем ба айвон,
Шамъем, ки дар гӯшаи кошона бигирьем.
Ин шона парешонкуни кошонаи дилхост,
Як шаб ба парешонӣ аз ин шона бигирьем.
Ман низ чу ту шоири афсонаи хешам,
Боз о, ба ҳам, эй шоири «Афсона» бигирьем.
Паймони хати ҷом яке ҷуръа ба мо дод,
К-аз даври ҳарифон ду-се паймона бигирьем.
Баргаштан аз оини харобот на мардист,
Маймурда биё, дар сафи майхона бигирьем.
Аз ҷӯшу хурӯши хуму хумхона хабар нест,

---

[8] **Номутаноҳӣ** — бепоён, беинтиҳо.
[9] **Факоҳӣ** — хандаовар.
[10] **Манохӣ** — корҳои манъшуда.
[11] **Факул** — гиребони курта, ки ҷудо дӯхта мешавад.
[12] **Биҳил** — бигузор.
* Мақсад манзумаи «Афсона» аст, ки нахустин шеъри озод ба шумор меравад.
[13] **Нимо** — Нимо Юшиҷ (Алӣ Исфандиёрӣ 1895—1961) муаллифи «Афсона» ва асосгузори «шеъри нав» Эрон.

Бо ҷӯшу хурӯши хуму хумхона бигирьем.
Бо ваҳшати девона бихандем ниҳонӣ,
Дар фоҷеъаи ҳикмати фарзона бигирьем.
Бо чашми садаф хез, ки бар гардани айём.
Хармуҳра бубинему ба дурдона бигирьем.
Оини арӯсиву чаку чона[14] задан нест,
Бастанд ҳама чашму чаку чона, бигирьем.
Булбул, ки набудем, бихонем ба гулзор,
Ҷуғде шуда шабгир ба вайрона бигирьем.

Парвона набудем дар ин машъала боре
Шамъе шуда дар мотами парвона бигирьем.
Бегона кунад дар ғами мо ханда, вале мо
Бо чашми худӣ дар ғами бегона бигирьем.
Бигзор ба ҳазьёни ту тифлона бихандаңд,
Мо ҳам ба таби тифл табибона бигирьем.

## НОКОМИҲО

Зиндагӣ шуд ману як силсила нокомиҳо,
Мастам аз соғари хуни ҷигарошомиҳо.
Баски бо шоҳиди нокомиям улфатҳо рафт,
Шодкомам дигар аз улфати нокомиҳо.
Бахти баргаштаи мо хирасарӣ оғозид
То чи бозад дигарам тира саранҷомиҳо.
Дерҷӯшии ту дар бӯтаи ҳиҷронам сӯхт,
Сохтам ин ҳама, то вораҳам аз хомиҳо.
То ки номӣ шудам аз ном набурдам сӯде,
Гар намурдам ману ин гӯшаи гумномиҳо.
Нашавад роми сари зулфи диловомам дил,
Эй дил, аз каф надиҳӣ домани оромиҳо.
Бода паймудану роз аз хати соқӣ хондан,
Хуррам аз айши Нишопураму Хайёмиҳо.
Шаҳриёро, варақ аз ашки надомат мешуй,
То ки номат набарад дар уфуқи номиҳо.

## НАИ ДАМСОЗ

Бинол, эй най, ки ман ғам дорам имшаб,
На дилсӯзу на ҳамдам дорам имшаб.

---

[14] **Чаку чона** — манаҳ, фук, каму зиёд кардани нарх дар савдо ё муомилаи дигар.

Дилам захм аст аз дасти ғами ёр,
Ҳам аз ғам чашми марҳам дорам имшаб.
Ҳама чизам зиёдӣ мекунад, ҳайф,
Ки ёр аз ин миён кам дорам имшаб.
Чу асре омад аз дар, гуфтам, эй дил,
Ҳама айше фароҳам дорам имшаб,
Надонистам, ки буми шоми ғамгин,
Ба боми рӯзи хуррам дорам имшаб.
Бирафту кӯраам дар сина афрӯхт,
Бубин оҳи дамодам дорам имшаб.
Ба дил ҷашну арӯсӣ ваъда кардам,
Надонистам, ки мотам дорам имшаб.
Даромад ёру гуфтам дам гирифтем,
Дамам рафту ҳама ғам дорам имшаб.
Ба уммеде, ки гул то субҳидам ҳаст,
Ба мижгон ашки шабнам дорам имшаб.
Магар обастани Исост табъам,
Ки бар дил бори Марьям дорам имшаб.
Сари дил кандан аз лаъли нигорин,
Аҷаб нақше ба хотам дорам имшаб.
Агар рӯинтане бошам ба ҳиммат,
Ғами ҳамтои Рустам дорам имшаб.
Ғами дил бо кӣ гӯям, Шаҳриёро,
Ки маҳрумаш зи маҳрам дорам имшаб.

## ҚОРВОНИ ШАВҚ*

Гарди саманди ёр расиду савор ҳам,
Шустам ба ашки шавқ ғам аз дил, ғубор ҳам,
Чашме бисӯдаму нами ашке ба пои ёр,
Нӯшин даме, ки ғам буваду ғамгусор ҳам.
Ҷонон расида буду ба ҷон дастрас набуд,
Ӯ дошт сарбаландаму ман шармсор ҳам.
Чашмам набуду тоқати дидори ёр низ,
Чашмам бидоду тоқати дидори ёр ҳам.

---

* Дӯстони Шаҳриёр шоирони маъруфи имрӯзи Эрон Соя, Нодирпур, Мафтун, Муширӣ рӯзе ба дидани ӯ меоянд. Шаҳриёр бо хурсандӣ онҳоро пешвоз мегирад ва бо ин мисраи Ҳофизи Шерозӣ. «Дидор шуд муяссару бӯсу канор ҳам», Сояро дар оғӯш мегирад. Соя низ бадеҳатан мисраи дуюмро ба ин тартиб: «Аз шаҳр шиква дораму аз Шаҳриёр ҳам», мегӯяд. Ин Шаҳриёрро тахти таъсир қарор медиҳад ва ӯ ҳамон шаб ин ғазали зеборо месозад.

То гарди раҳ бишӯем аз он корвони гул,
Абри баҳор мешудаму ашкбор ҳам.
Васлам ба бар кашиду бибурд аз дили ҳазин,
Доғи фироқу дағдағаи интизор ҳам.
Бо рӯю мӯи ӯ гузарондам ба рӯзгор,
Бас рӯзҳои равшану шабҳои тор ҳам.
Оташ задам ба хеш ба ғавғои вопасин,
Бошад, ки халқ бар сарам ояндӯ ёр ҳам.
Шамъе ба раҳ гирифтаму гуфтам, ки дилбарон
Рӯзе гузар кунанд аз ин раҳгузор ҳам.
Ҷонпарвар аст сояи сарви баланди ёр,
То пай барӣ ба сояи парвардигор ҳам.
Гуфтӣ, ки бар наоядат аз нола ҳеҷ кор,
Дидӣ, ки нола кардаму омад ба кор ҳам.
Бо ҷабри рӯзгор муҳаббат кун ихтиёр,
Хоҳӣ ба ихтиёр шудӣ бахтиёр ҳам.
Хавфу риҷост вазнаи мизони одамӣ,
Дил бимнок бояду уммедвор ҳам.

***

Аз ман салом бод ба он ёру он диёр,
Ё раб, ки ёр бод саломат, диёр ҳам.
Он рӯз ёд бод, ки будем даври ҳам,
Базме, ки ёди ёр шуду ёдгор ҳам.
Ҳамроҳи Соя нодирагуфтори шоирон
Нодир, ки тоҷ дораду дарбору бор ҳам.
Сайдам ба турки такья ба шамшери чашми шоҳ,
Ҳарчанд шергираму шоҳиншикор ҳам.
Моти рухи Мушириву шатранҷи ҳусни ӯ,
Фарзини шоҳи ишқу мушириу мушор[15] ҳам.
Бишкуфт неши хандаи Мафтун, ки Соя гуфт:
«Аз шаҳр шиква дораму аз Шаҳриёр ҳам».

## АХГАРИ НУҲУФТА*

Эй дил, ба сози арш агар гӯш мекунӣ,
Аз сокинони фарш фаромӯш мекунӣ,

[15] **Мушор** — чизе, ки ба он ишора шуда бошад.
* Бо хоҳиши шоир Соя ин ғазалро Шаҳриёр дар ҷавоби ғазали ӯ:

Имшаб ба қиссаи дили ман гӯш мекунӣ,
Фардо маро чу қисса фаромӯш мекунӣ

сурудааст.

Гар нои Зуҳра бишнавӣ, эй дил ба гӯши ҳуш,
Офоқро ба замзама мадҳуш мекунӣ.
Шаб, к-аз ниҳеби шери фалак хуфтаи хароб,
Хоби саҳар ҳавола ба харгӯш мекунӣ.
Чун зулфи соя панҷа дарафкан ба моҳтоб.
Гар хоби худ мушаввашу мағшуш мекунӣ.
Бар абрпора гӯшаи абрӯи моҳ бин,
Гар худ ҳавои зулфу баногӯш мекунӣ.
Ишқи маҷоз ғунчаи ишқи ҳақиқат аст,
Гул гӯ шукуфта бош агар бӯш мекунӣ.
Аз ман, худойро ғазали ошиқӣ махоҳ,
Қ-аз пириам чу тифл қаламдӯш мекунӣ.
З-ин ахгари нуҳуфта дамидан, худойро
Бас ахгари шукуфта, ки хомӯш мекунӣ.
Ноқуси дайрро ҷараси корвон магир,
Симурғро муқоиса бо қуш[16] мекунӣ.
Бо шер аз гавазн ҳикоят кунанду меш,
Худ кист гурба, то сухан аз мӯш мекунӣ.
Ман шоҳи кишвари адабу шарму иффатам,
Бо ман кадом даст дар оғӯш мекунӣ.
Пиронасар мушоҳидаи хатти шоҳидон
Неши надоматест, ки худ нӯш мекунӣ...
Гӯ, ҷоми бода ҷӯши муҳаббат занад, чаро
Туркона ёди хуни Сиёвуш мекунӣ.
Дунъё худ аз даричаи ибрат азизи мост,
З-ин хоку шиша оинаи ҳӯш мекунӣ.
Бо шеъри Соя чанд чу хамъёзаҳои субҳ
Моро хумори хамри шаби дӯш мекунӣ.
Теҳрони бе Сабо самараш чист, Шаҳриёр,
Нимо нарафта, гар сафари Юш[17] мекунӣ.

## МОҲИ МАКТАБ

Хаста аз дарсу китобам, ишрате хоҳам ҳисобӣ,
Бе китоб, эй моҳи мактаб аз бағал баркаш китобе.
Ман хушам бо бекитобӣ то хати сабзи ту дорам,
Хоса, чун соғар бигирӣ, хуштарам бо беҳисобӣ...
Сояпарвар моҳи ман, бифкан кулоҳи соягустар,
То нагардад офтоб аз шарми рӯят офтобӣ.

[16] Қуш — номи паррандаест аз қабили боша ва шоҳин.
[17] Юш — маҳалли таваллуди Нимо Юшич.

Чашмат аз сарнайзаи мижгон ҳисоре беҳ, ки дар шаҳр,
Инқилоб ангехтаст ин турки масти инқилобӣ.
Токи абрӯят худоро гӯ, ба ҷодӯӣ наҷунбад,
Меравад дар хонаи имони мо бими харобӣ.
Бо фақири ишқ боғу бустони сина манмо,
Қ-обаш афтад дар даҳан аз навбари себу гулобӣ
Гавҳари оличанобӣ худ ба гармӣ барфурӯзад,
Ҳар кӣ чун хуршед дорад гавҳари оличанобӣ.
Гуфт: «Қурбони раҳи ҷонон чӣ дорӣ?». Гуфтамаш: «ҷон»,
Вой аз он мардозмой, ваҳ аз ин ҳозирҷавобӣ.
Шаҳриёро, гар фитад дар Каъба девонат бидуздам,
Эй ба дафтар, рашки девони Заҳири Форьёбӣ.[18]

## РАЙҲОНА Ё КАБӮТАРИ ҲАРАМ

Дар шавқ нагунҷад дили девонаи моро,
Ганҷе, ки падид омада вайронаи моро.
Бо силсилаи мӯи ту то субҳидам имшаб,
Хобест парешон дили девонаи моро...
Мардум ҳама бе хайру мани гумшуда гумном,
Ё раб, кӣ нишон дода дари хонаи моро?
Ин мурғи биҳиштӣ, ки ба дом омада, ё раб,
Тарсам, ки даҳан во накунад донаи моро.
Бар сина фишорам сари ҳиҷлат, ки надорам
Ҷоне, ки сазад ҳадьяи ҷононаи моро.
Эй ходимаи боғ, ба мастӣ, ки бинеҳ пой,
Пур кун ба дари майкада паймонаи моро.
Мушкил, ки парӣ бо манӣ девона шавад ром,
Афсун бидам, эй сӯзи дил, афсонаи моро.
Нисбат натавон кард ба шамъу гулу райҳон,
Рухсораи маҳтобии Райҳонаи моро.
Хомӯшии мо мояи сардист, кuҷой
Соқӣ, ки даме гарм куни чонаи[19] моро.
Мо булбули ишқему дили шаб, ки шуд офоқ,
Муштоқ бувад нолаи мастонаи моро.

## СИЯҲЧАШМОНИ ШЕРОЗӢ

Дилу ҷоне, ки дарбурдам ман аз туркони қафқозӣ,
Ба шӯхӣ мебаранд аз ман сияҳчашмони шерозӣ.

---

[18] **Заҳири Форьёбӣ** — шоири охири асри XII ва аввали асри XIII.
[19] **Чона** — манаҳ, фӯқ, ин ҷо ба маънои даҳон гарм кардан.

Ман он пирам, ки шеронро ба бозӣ барнамеғирам,
Ту оҳуваш чунон шӯхӣ, ки бо ман мекунӣ бозӣ.
Қамони осмон бину саманди саркашӣ пай кун,
Ки бо тири қазо бозист бар сайди ҳарамтозӣ...
Ба ҳар боме паридан чашми иффат хира месозад,
Қабӯтар ошьён бозад аз ин ошуфтапарвозӣ.
Хазони гул навои булбулонро дар гулӯ бандад,
Ки бум аст он, ки бо зоғу заған донад ҳамовозӣ.
Зи оҳи ҳамдамон бори кудуратҳо падид ояд,
Биё, то ҳарду бо оина бигзорем ғаммозӣ,
Ғубори фитна гӯ бархез аз он сарчашмаи табъе,
Ки чун чашми ғизолон донад афсуни ғазалсозӣ.
Ба мулки Рай, ки фарсояд равони Фахри Розиҳо,
Чи инсофе равад бо мо, ки на фахрему на розӣ.
Арӯси табъро гуфтам, ки Саъдӣ парда афрозад,
Ту аз ҳар дар, ки бозой бад-ин шӯхию таннозӣ.
Фишонд аз барги гул шабнам, ки лофи шеър дар Шероз,
Бисоти пилаварро[20] монаду бозори харрозӣ[21].
Ҳар он, к-ӯ саркашӣ донад мабодаш сарварӣ, эй гул,
Ки сарви ростин дидам сазовори сарафрозӣ.
Гар аз ман зиштӣ бинӣ ба зебоии худ бигзар,
Ту зулф аз ҳам кушой беҳ ки абрӯ дарҳам андозӣ.
Зи хунсардиву хомӯшӣ ба шамъи кушта мемонам,
Худоё, зинда кун бозам ба дилсӯзиву дамсозӣ.
Ба шеъри Шаҳриёр он беҳ, ки ашки шавқ бифшонанд,
Тарабнокони табрезиву шангулони[22] Шерозӣ.

### ДУСТ Ё ДУШМАН

Дили ман ишқи бутон дорад дӯст,
Душмани хеш ба ҷон дорад дӯст.
Ин чӣ сиррест, ки савдогари ишқ,
Ивази суд зиён дорад дӯст
Дӯст шуд душмани ҷонам, ё раб,
Ё дилам душмани ҷон дорад дӯст.
Ишқ софӣ кунад оинаи дил,
Ғам дили ошиқ аз он дорад дӯст.
Ҳар чи ман суҳбати пирам ҳавас аст,

---

[20] **Пилавар** — фурӯшанда.
[21] **Харрозӣ** — фурӯши молҳои чакана.
[22] **Шангулон** — зеборухон.

Дили бе пир ҷавон дорад дӯст.
Тир гӯ оҳу камонам қади хам,
Турки ман тиру камон дорад дӯст.
Чанд бедор нишастан, эй чашм
Чашми мо хоби гарон дорад дӯст.
Худ зи сози суханам ҳаст аён,
Ки дилам сӯзи ниҳон дорад дӯст.
Кист дар гулшани гетӣ, гардун?
Боғбоне, ки хазон дорад дӯст.
Дили ман мурғаки кам ҳавсалаест,
Ҳама фарьёду фиғон дорад дӯст.
Шаҳриёр, аз ғами он сарви равон,
Ашки чун сели равон дорад дӯст.

## ХОРИ ДОМАНГИР

Боз маҳтоби дилафрӯзам, худоё, дер кард,
Хона ҳам зиндон шуду зиндониён дилгир кард.
Арсаи ғам буду Сӯҳроби яле дар хоку хун,
Ваҳ, ки боз ин бемурувват нӯшдору дер кард.
Булбули табъи маро ёрои гул гуфтан намонд,
Сӯҳбате гӯӣ гулам бо хори домангир кард.
Каъбаи завқу сафоро раҳраве даркор буд,
Дӯстон бо хатти сайри корвон тағьир кард.
Боз моро дар ғазал мехост гири қофия?
Ё ғизоли ман, худоё, худ ба доме гир кард.
Имшабам гар худ набошад хӯрду хоб, андеша нест,
Ғуссае хӯрдам, ки сахт аз хӯрду хобам сер кард.
Интизораш ҳар дамам умре ба поён мебарад,
Ваҳ, ки ин як дам маро то пои умре пир кард.
Бас, ки пурчин чеҳраам бо ёди рӯву мӯи ӯст,
Дидани оина чун оҳам ба дил таъсир кард.
Тири мижгон сӯзани меҳру руфӯи ёр буд,
Рӯ ба ҷони ман камони абрӯвонаш тир кард.
Чашми масташ роми пайконҳои мижгонаш набуд,
Зулфи ӯ нозам, ки ин шери сияҳ занҷир кард.
Пираму аз давлати ишқам дилу ҷони ҷавон,
Ваҳ чи бо ҷони ҷавонам ин дили бепир кард.
Шаҳсавори табъи ман шавқи шикори дил надошт,
Шаҳриёро, оҳуи чашмони ёрам шер кард.

## ЁРИ КУҲАН

Ман чӣ дорам, ки шавад сарфи қиморам бо ту,
Сарфа аз даст набозӣ, ки надорам бо ту.
Вақти озода ба ташвиш табаҳ натвон кард,
Мани афтодаи дарвеш чи корам бо ту.
Ба шаби мастии ман ҷуръаи ҷоме назадӣ,
Ки бувад дарди сари субҳи хуморам бо ту.
Ман ки аз дӯши ту боре натавонам бардошт,
Боре, эй ҷон насазад заҳмати борам бо ту,
Гар шабистони ман, эй шамъ, наафрӯхтаӣ,
Бас бувад хотираҳои шаби торам бо ту.
На гулам будиву на булбули боғам, лекин,
Рафт аз дил ҳаваси боғу баҳорам бо ту.
Хор ё гул ҳама кайфияти мо бо ту гузашт,
Эй сафаркарда, ба якҷо гулу хорам бо ту.
Ман сари кори ҳарифони куҳан дораму бас,
Тоза гӯ, боз наафтад сарукорам бо ту.
На гумон дор, ки пиронасарам ишқе нест,
Ту биё хуш, ки ҳамон ошиқи зорам бо ту.
Ҳар кӣ бо ман ба сари аҳди қадим асту вафо,
Гӯ тафовут накунад қавлу карорам бо ту.
Манаму дору надорам ҳама ин завқу сафо,
Ту вафо кун, ки ҳама дору надорам бо ту.
Ман дигар бори сафар бастаам аз ёру диёр,
Гар ту худ бор диҳӣ, ёру диёрам бо ту.
Зиндаамро нашудӣ кавкаби зиндонафрӯз,
Баъд аз ин кавкабаи шамъи мазорам бо ту.
Шаҳриёр он на, ки аҳди ту фаромӯш кунад,
Шаҳр гӯ зеру забар бош, ки ёрам бо ту.

## ҒАЗАЛИ ХУДОҲОФИЗӢ

Гуфтӣ ту ҳам ба маҷлиси ағьёр меравӣ,
Ағьёр худ манам, ту паи ёр меравӣ.
Бе хор нест гарчи гуле дар ҷаҳон, вале
Ҳайф аз ту гул, ки худ ақиби хор меравӣ.
Эй наварӯси парданишини хуми шароб,
Гуфтам, ки худ ба хонаи хуммор меравӣ...
Боре хаёли худ ба парасториам гузор,
Эй нотабиб, к-аз сари бемор меравӣ.
Яъқуби бенаво на чу ҷонат азиз дошт.

Охир чи Юсуфӣ, ки ба бозор меравӣ?
Ин бори ғам камаршикан аст, эй дил, аз худо
Ёрӣ талаб, ки зери чунин бор меравӣ...
Ин охирин ғазал ба худоҳофизӣ[23] бихон,
Эй булбули хазон, ки зи гулзор меравӣ.
Дигар маё, ки ваъдаи дидори мо ба ҳашр,
Он ҳам агар ба ваъдаи дидор меравӣ.
Дунболи туст оҳи дили зори Шаҳриёр,
Оҳиста рав, ки сахт дилозор меравӣ.

## НИГИНИ ГУМШУДА

Гулчин, ки омад, эй гул, ман дар чаман набошам,
Охир на боғбонам, шартаст ман набошам.
Ночор чун ниҳад сар бар домани гулам хор,
Чокам бувад гиребон, гар дар кафан набошам.
Аҳде, ки риштаи он бо ашк тоб додӣ,
Зулфи ту худ бигӯяд ман дилшикан набошам.
Акнун ки шамъи ҷамъе дудам ба сар равад беҳ,
То чашми рашку ғайрат дар анҷуман набошам.
Бе чун ту ҳамзабоне ман дар ватан ғарибам,
Гар бояд ин ғарибӣ, гӯ дар ватан набошам.
Ишқам ба хилвати шаб бо ғунчаҳои вахшист,
Ман булбулам, ҳарифи зоғу заған набошам.
Гирам нигини Ҷам буд акнун, ки ёва кардам,
Мухтоҷи мӯҳрабозӣ бо Аҳриман набошам.
Бо ишқ зодам, эй дил, бо ишқ мирам, эй ҷон,
Ман беш аз ин асири зиндони тан набошам.
Бежан ба чоҳи деву чашми Манижа гирьён,
Гар ғайратам наҷӯшад, пас Таҳмтан набошам.
Бегона буд ёру бигрифт хӯи ағьёр,
Ман низ, Шаҳриёро, ҷуз хештан набошам.

## СОЯИ МОҲ

Шабаму равшанӣ аз чашман моҳе дорам,
Бахт чун оина аз давлати оҳе дорам.
Ба ғуломии ту овехтам ин ҳалқа ба гӯш,
То ҳама шаҳр бидонанд, ки шоҳе дорам.
Найнавози ғазалам то ба чарогоҳи хаёл,

[23] Худоҳофизӣ — хайрухуш, хайрбод.

Чун ту оҳубачаи чашмсиёҳе дорам.
Гӯ ба номарди фалак пой ба кафшам накунад,
Чӣ кунам, гар ба сар аз моҳ кулоҳе дорам.
Гӯ наларзад дигар аз бориши пайконам пушт,
Ман ки чун подшаҳи ҳусн паноҳе дорам.
Хонадам бахт ба шоҳаншаҳии кишвари ишқ,
Ки дар иқлими ҳунар ҳашмату ҷоҳе дорам.
Боз гаштам ба сари роҳи муҳаббат, ки ҳанӯз,
Ба сари кӯи вафо чашм ба роҳе дорам.
Бори ҳиҷрон тани чун пораи кӯҳе хоҳад.
Ман тану боли тунук чун пари коҳе дорам.
Ба хати сабзи ту, к-аз ашк муҳаббат шӯем,
Гар ба оинаи дил занги гуноҳе дорам.
Шоҳиди шеър бувад зевараш аз гавҳари ашк,
Ман агар даъвии ҳусн аст гувоҳе дорам.
Абрӯи туст, ки пайваста кашад нақши хаёл,
Ман маҷоли қалами сеҳри ту гоҳе дорам.
Шаҳриёро, дили ҳар зарра ба меҳре равшан,
Ман ба дил равшанӣ аз сояи моҳе дорам.

## ШАҚАРИН ПИСТАИ ХОМӮШ

Эй дил, ҳанӯз он сангдил бо мо намегӯяд сухан,
Охир ту ҳам моро биҳил якдам ба ҳоли хештан.
Моҳо, парирӯё, сухан бо ман намегӯӣ чаро,
Охир ман аз девонагӣ бо моҳ мегӯям сухан.
Ман меҳри ту парвардаам, ту кини ман, то чун кунад
Номеҳрубониҳои ту бо меҳрбониҳои ман.
Ин талхкомиҳои ман в-он туршрӯиҳои ту,
Бо шӯрбахтон шафқате, эй шоҳиди шириндаҳан.
Паймонаи мастон туро бишкаст паймони дуруст,
Ҳушьёр бошу бишкан ин паймонаи паймоншикан.
Донӣ, ки он пири куҳан бо навҷавононаш чӣ гуфт:
«Бахти ҷавон, бахти ҷавон, ёрӣ куҳан, ёри куҳан».
Дар ҷонфурӯшии манат донам, ки ҷои ҳарф нест,
Боре гаронҷонӣ макун, ҷон меҳарӣ, ҳарфе бизан.
Бозам ба гулгашти чаман охир чӣ мехонад баҳор,
Бе гулъузори хеш ман дигар чӣ мехоҳам чаман?
То ёди рӯву мӯи ту бозам ба ҷон тозад сабо,
Гулбаргро созад қарин бо ёсуман ё бо суман,
Сар мениҳам дар кӯҳ з-он доғе, ки афрӯзад ба дил,
Ҳар гаҳ, ки лола по ниҳад дар домани дашту даман.

Як осмон анҷум зи чашм аз дурии моҳи рухат,
Орам, чу орад осмон аз моҳу анҷум анҷуман.
Ёди ватан аз дил маро берун нахоҳад шуд, вале
Овораи кӯи бутон мушкил кунад ёди ватан.
Аз ҳаҷри Юсуф солҳо бигзашту бархезад ҳанӯз,
Афғони ин пири ҳазин шабҳо аз ин байти ҳазан.
То хомаи авфам кашад бар дафтари исьён худо,
Хоҳам, ки ҳасратномаи ҳиҷрат нависам бар кафан.
Сангиндилонанд, эй аҷаб ку Шаҳриёро, оташе,
То дил гудозӣ сангро аз сӯзу сози хештан.

## ҚУМРИИ МАҲЗУН

Гарчӣ ҳаргиз накунӣ ёд аз ман,
Дили шод аз туву ношод аз ман.
Дили девона чу дар оина дид,
Ки паридӣ ту паризод аз ман.
Ошьёнам шикани зулфи ту буд,
Сарви ман, то шудӣ озод аз ман.
Ту рамидиву ман оромам нест,
Зулфат эрод нагирад аз ман.
Хез, эй мурғи саҳар, нола кунем.
Шохи сарв аз туву шамшод аз ман,
Ба зуфофи гулу булбул бинем,
Ки арӯс аз туву домод аз ман.
Зулф чун парда ба гӯш овезад,
Гар паёме бибарад бод аз ман.
Кӯҳи сабрам ману ин сели сиришк
Мебарад буньяву[24] буньёд аз ман,
Аз ту корам шуда фарьёду фиғон,
Ки фиғон аз туву фарьёд аз ман.
Ҳама дод аз ману бедод аз туст,
Ваҳ, ки дод аз туву бедод аз ман.
Ҳар чи бедод кунӣ, ёд аз ту,
Боз ёди ту кунам, дод аз ман.
Сайди хунинаму дар ҳасрати он,
Ки наранҷад дили сайёд аз ман.
Хуни ман рехтӣ, эй шоҳ, вале
Шуд хиҷил ханҷари ҷаллод аз ман.
Даст агар мерасадат дур бидор,

[24] Бунья — вуҷуд, ниҳод.

Шарри ин шаҳнаи тайёр аз ман.
Ёди ин қумрии маҳзун аз ту,
Қанди он тӯтии қаннод аз ман.
Хусраво, хандаи ширин аз ту,
Дар ғамат нолаи Фарҳод аз ман,
Шеъри ман шеваи наққошии туст,
Шаҳриёр аз туву Беҳзод аз ман.

## РӮСИЁҲИИ ҲИҶОБ

Бифкан зи оташин рухат, эй маҳ, ниқобро,
То аз хиҷолат об кунӣ офтобро.
Ман ҳам хароби гӯшаи фаттони чашми ту,
Ҳар гӯша фитнаест ҷаҳони харобро.
Эй гул, маҷоли ханда наёбӣ дар ин чаман,
Бар шишаҳои дидаи ман бин гулобро.
Он ҷо, ки роҳи хоб занад чашми масти дӯст,
Дигар ба хоб ҳам натавон дид хобро.
Эй хуфта зери парчами зулфи ту инқилоб,
Бархезу барфароз алами инқилобро.
Зинатфурӯши зишт ниқобаш нуҳуфта айб,
Эй гул, бипӯш зинату бифкан ниқобро.
Шайх аз сиёҳрахтии зан шуд сапедбахт,
Унвони рӯсиёҳӣ аз он шуд ҳиҷобро.
Аз гирьяи саҳоб ғараз хандаи гул аст,
То теғи офтоб бидаррад саҳобро.
Рӯзе, ки зан суол кунад аз ҳуқуқи хеш,
Он шермард кист, ки гӯяд ҷавобро.
Ту худ мабош саъва, ки сайёди сангдил,
Дар тиррас наёфта ҳаргиз уқобро.
Бо шайх аз шароб ҳикоят макун, ки шайх,
То хуни халқ ҳаст, нанӯшад шаробро.
Оре, гузар ба бодияи ғурбат асту ғам,
Гар худ далели қофила созӣ ғуробро.[25]
Ҳайф аз чароғи шаръ, ки мо дарнаёфтем,
Бо чашми хира роҳи хатову савобро.
Соқӣ, биё, ки боди баҳорам ба гӯш гуфт:
«Магзор зулфи шоҳиди ишқу шубобро»
Ғори ғам аст дар паю ғавғои растхез,
Мутриб, бикӯб барбату чангу рубобро.

---

[25] **Ғуроб** — зоғ.

Гарданда осиёи фалак хок кардааст
Дар зери санги ҳодиса Афросиёбро,
Бо шеъри Шайху Хоҷа[26] дарафтода Шаҳриёр,
Чун кӯдаке, ки сафҳа шуморад китобро.

## МАЛОЛИ МУҲАББАТ

Гоҳе гар аз малоли муҳаббат биронамат,
Дурӣ чунон макун, ки ба шеван бихонамат.
Чун оҳи ман ба роҳи кудурат марав ки ашк
Пайки шафоатест, ки аз пай давонамат.
Ту гавҳари сиришкиву дурдонаи сафо,
Мижгон фишонамат, ки ба доман нишонамат.
Сарви баланди ман, ки ба додам намерасӣ,
Дастам агар расад, ба худо мерасонамат.
Пайванди ҷон ҷудо шуданӣ нест, моҳи ман,
Тан нестӣ, ки ҷон диҳаму вораҳонамат.
Мотамсарои ишқ ба оташ чӣ мекашӣ?
Фардо ба хоки сӯхтагон мекашонамат.
Дасти навозише ба сару гӯши ман бикаш,
Созе шудам, ки шӯру навое бихонамат.
Ту тарки обхӯрди муҳаббат намекунӣ,
Ин қадр беҳуқуқ ҳам, эй дил, надонамат.
Эй ғунчаи ғуле, ки лаб аз ханда бастаӣ,
Боз о, ки чун сабо ба даме бишкуфонамат.
Як шаб ба рағми субҳ ба зиндони ман битоб,
То ман ба рағми шамъ сару ҷон фишонамат.
Чӯпони дашти ишқаму нои ғазал ба лаб,
Дорам ғизоли чашми сияҳ мечаронамат.
Лабханд кун муоваза бо ҷони Шаҳриёр
То ман ба шавқ ин диҳаму он ситонамат.

## ҒИЗОЛИ РАМИДА

Навиштам ин ғазали нағз бо саводи ду дида,
Ки балки роми ғазал гардӣ, эй ғизоли рамида.
Сиёҳии шаби ҳаҷру умеди субҳи саодат,
Сапед кард маро дида то дамид сапеда.
Надида хайри ҷавонӣ ғами ту кард маро пир
Бирав, ки пир шавӣ, эй ҷавони хайрнадида.

---

[26] Мурод Шайх Саъдӣ ва Хоҷа Ҳофиз аст.

Ба ашки шавқ расондам туро ба ин қаду акнун
Ба дигарон расадат мева, эй ниҳоли расида.
Зи моҳ шарҳи малоли ту пурсам, эй маҳи бемеҳр,
Шабе, ки моҳ намояд малӯлу рангпарида.
Баҳори ман, ту ҳам аз булбуле ҳикояти ман пурс,
Ки аз хазони гулаш хорҳо ба дида халида.
Ба гирдбод ҳам аз ман гирифта оташи шавқе,
Ки хоки ғам ба сар афшон ба кӯҳу дашт давида.
Ҳавои пираҳани чоки он парист, ки моро
Қашад ба ҳалқаи девонагони ҷомадарида.
Фалак ба мӯи сапеду тани такида маро хост,
Ки дӯку пунба барозад ба Золи пуштхамида.
Хабар зи доғи дили Шаҳриёр мешавӣ, аммо
Дар он замон, ки зи хокаш ҳазор лола дамида.

## ДАМ БИЗАН, ЭЙ ЗАН

Як дам зи ҳуқуқи маданӣ дам бизан, эй зан
В-ин доми сияҳсилсила барҳам бизан, эй зан.
Ин ҷомаи мотам ба дили мо зада сад чок,
Сад чок дар ин ҷомаи мотам бизан, эй зан.
Обастани Исои такомул туӣ охир
Пас чок ба пироҳани Марьям бизан, эй зан.
Бикшой чу хуршед руху тири таҷаллӣ
Бар дидаи номаҳраму маҳрам бизан, эй зан.
То захмаи созат бидарад пардаи авҳом,
Ин нағма гаҳе зеру гаҳе бам бизан, эй зан
Бо саъю амал парчами иқболу шарафро
Мардона ба сар то сари олам бизан, эй зан
Бар барги гулат шабнами ашк ин ҳама бас нест?
Дигар ба сару синаи худ кам бизан, эй зан.

## СОЗИ ИБОДӢ*

То кай чу бод сар бидавонӣ ба водиям,
Эй каъбаи мурод, бубин номуродиям.
Дилтанги шомгоҳу ба чашми ситорабор,
Гӯӣ чароғи кавкабаи бомдодиям.
Чун лолаам зи шӯълаи ишқи ту ёдгор,

* **Ибодӣ** — навозандаи машҳури Эрон, ки дӯсти шоир будааст.

Доғи надоматест, ки бар дил ниҳодиям.
Девона дил ба ҳалқаи зулфи ту баста буд.
Чун шуд парӣ, ки силсила аз по кушодиям.
Рафтӣ ба кӯи дигару бурдӣ маро зи ёд,
Ман ҳам равам ба гӯр, ки дигар зиёдиям.
Мурғи биҳишт будаму афтодамат ба дом,
Аммо ту тифл будиву аз даст додиям.
Чун тифли ашк пардадарӣ шеваи ту буд,
Пинҳон намекунам, ки зи чашм уфтодиям.
Ман дарси ишқ ҷуз хати сабзе нахондаам,
Сармашқи абрӯе, ки ба ин бесаводиям.
Гуфтӣ, хумори ишқ ба тарьёки сабр куш,
Ман худ ба ин кушандаи бепир одиям.[27]
Фарзанди сарфароз, худоро, чӣ айб дошт,
Эй модари фалак, ки сияҳбахт зодиям.
Тӯфони ишқ ҳарчи тавонад бигӯ бикун,
Шамъам, вале ба ҳуҷлаи фонуси бодиям.
Бе тори турраҳои ту марҳамгузори дил,
Бо захмаи Сабову сетори Ибодиям.
Дар кӯҳсори ишқу вафо обшори ғам,
Хонад ба ашки шавқаму гулбонги шодиям.
Бо ин хати шикаста қаламҳои дудбасар,
Дар ҷустуҷӯи нусхаи шеъри мидодиям.
Шаб буду ишқу водии ҳиҷрону Шаҳриёр,
Моҳе натофт, то шавад аз меҳр ҳодиям.

## ГАВҲАРФУРӮШ

Ёру ҳамсар нагирифтам, ки гарав буд сарам,
Ту шудӣ модару ман бо ҳама пирӣ писарам.
Ту ҷигаргӯша ҳам аз шир буридиву ҳанӯз,
Мани бечора ҳамон ошиқи хунинҷигарам.
Хуни дил мехӯраму чашми назарбозам ҷом,
Ҷурмам ин аст, ки соҳибдилу соҳибназарам.
Ман, ки бо ишқ нарондам ба ҷавонӣ ҳавасе,
Ҳаваси ишқу ҷавонист ба пиронасарам.
Падарат гавҳари худ то ба зару сим фурӯхт,
Падари ишқ бисӯзад, ки дар омад падарам.
Ишқу озодагиву ҳусну ҷавониву ҳунар,
Аҷабо, ҳеҷ наарзид, ки бе симу зарам.

---

[27] **Одӣ** — одаткарда.

Ҳунарам кош гиреҳбанди зару симам буд,
Ки ба бозори ту коре накушуд аз ҳунарам.
Сездаҳро ҳама олам бадар имрӯз аз шаҳр,
Ман худ он сездаҳам, к-аз ҳама олам бадарам.[28]
То ба девору дараш тоза кунам аҳди қадим,
Гоҳе аз кӯчаи маъшуқаи худ мегузарам.
Ту аз они дигарӣ, рав, ки маро ёди ту бас,
Худ ту донӣ, ки ман аз кони ҷаҳони дигарам.
Аз шикори дигарон чашму диле дорам сер,
Шераму ҷӯи шағолон набувад обхӯрам.
Хуни дил мавҷ занад дар ҷигарам чун ёкут,
Шаҳриёро, чӣ кунам лаъламу вологуҳарам

## ТӮТИИ ХУШЛАҲҶА

Мояи ҳусн надорам, ки ба бозори ман оӣ,
Ҷонфурӯши сари роҳам, ки харидори ман оӣ.
Эй ғизоле, ки гирифтори каманди ту шудам, бош
То ба доми ғазал афтиву гирифтори ман оӣ.
Гулшани табъи ман ороста аз лолаву насрин,
Ҳама дар ҳасратам, эй гул, ки ба гулзори ман оӣ.
Сипари сулҳу сафо дораму шамшери муҳаббат,
Бо ту он панҷа набинам, ки ба пайкори ман оӣ.
Сайдро шарт набошад ҳама дар дом кашидан,
Ба каманди ту фитодам, ки нигаҳдори ман оӣ.
Нусхаи шеъри тар орам ба шифохонаи лаълат,
Ки ба як ханда давои дили бемори ман оӣ.
Рӯзи равшан ба худ аз ишқи ту кардам чу шаби тор,
Ба умеде ки ту ҳам шамъи шаби тори ман оӣ.
Гуфтамаш: «Найшакари шеър аз он парварам аз ашк,
Ки ту, эй тӯтии хушлаҳҷа, шакархори ман оӣ».
Гуфт: «Агар лаб бикушоям ту бад-он табъи гуҳарбор,
Шаҳриёро, хиҷил аз лаъли шакарбори ман оӣ».

## ҶОДӮИ БОБУЛ

То ҷилва мекунӣ ба чаман сарвиву гулӣ,
Чун мезанӣ ба нағма баҳориву булбулӣ.
Шӯрафкан ин таронаи дилкаш ба лаъли туст,

[28] Дар Эрон рӯзи сездаҳуми ҷашни Наврӯз мардум аз шаҳр берун мераванд.

Ё булбулест дар шикани ғунчаи гулӣ.
Абрӯ камони Рустаму гесӯ каманди Зол,
Худ паҳлавон ба мӯяву[29] дастон ба Зобулӣ
Лаъли лаби ту дар шикани зулфи пуршикан,
Чун ғунчаи гуле, ки ба шохи қаранфулӣ.
Аз шаҳри Бобуливу ба ин ҷодуи ҷамол.
Дигар фасона нест, ки ҷодуи Бобулӣ.
То чист боли ҳиммати парвонаи хаёл,
Оре, ту шамъи ғурфаи кохи тахайюлӣ.
Ғавгои шаҳр дар паят афтода чун насим,
То чун гулат ба сӯе, ки бошад тамоюле.
Доруи ишқ сабру таҳаммул бувад, вале
Ту хирмани гул, офати сабру таҳаммулӣ.
Овози дилнавози ту з-он ғунчаи даҳан,
Гулбонги булбулест, ки бар хезад аз гуле.
Гулқанди шеъри ман ба татовул барад магас,
Тӯтии ман чаро ту ба чандин тағофулӣ.
Эй дил, чӣ дидӣ аз сари зулфи паривашон,
Қам кун хаёли хеш парешон, магар хулӣ[30]
Ӯ Шаҳриёр, ҳамсари моҳу ситораҳост,
Ту лоту лут муштарии осмон ҷуле[31].

## ҚАЛАМАНДОЗ

Ман дигар сӯи чаман ҳам сари парвозам нест,
Қи пари бозам агар ҳаст дили бозам нест.
Ошьён сохтан арзонии мурғони чаман,
Ошьён сӯхтаам ман, ки ҳамовозам нест.
Чун тавонам, ки сар орам ба дам соз, ки соз,
Ҳама аз сар кунадам боз, ки дамсозам нест.
Мутрибам гӯ ба саломат бираву соз бибар,
Қи ба сар шӯре аз он Салмаку[32] Шаҳнозам нест.
Соз агар дам занам аз оташи ман месӯзад.
Гӯ бисӯзад, ки ғами сӯхтани созам нест.
Эй, ки гоҳат сари ноз асту гаҳе рӯи ниёз,
Ман ҳамон рӯи ниёзам, ки сари нозам нест.
Дам ба нои ғам худ зан, ки навоӣ донад,

---

[29] **Мӯя** — гирья, зорӣ.
[30] **Хул** — камақл, аблаҳ.
[31] **Ҷул** — пӯшок, полон.
[32] **Салмак** — номи яке аз оҳангҳои қадими Эронӣ.

Ман дигар сози дили қофияпардозам нест.
Охир он диққату машқам ба хати ишқ гузашт,
Ҳолиё ҳолу маҷоли қаламандозам нест.
Шохиси фақраму чандон мутамоиз аз халқ,
Ки касе мункири шахсияти мумтозам нест.
Ба ҳариме задаам пои сарири[33] иззат,
Қ-аз фалак доияи ҳурмату эъзозам[34] нест.
Оҳам оинаи дил гоҳ мукаддар созад,
Ба гумоне, ки дигар шоҳиди таннозам нест.
Дар китобе, ки манам аввалу охир матлаб,
Ман саранҷом нагирам, ки сароғозам нест.
Шаҳриёрам, ба ҳар аспе, ки бигардонам пой,
Гарчи шамшери масофу[35] сафи сарбозам нест.
Лекин аз фитнаи ишқи ту инон мепечам,
Ки дигар тавсани[36] табъи татаритозам нест.

## ДАР РОҲИ ЗИНДАГОНӢ

Ҷавонӣ шамъи раҳ кардам, ки ҷӯям зиндагониро,
Наҷустам зиндагонирову гум кардам ҷавониро.
Кунун бо бори пирӣ орзӯмандам, ки баргардам,
Ба дунболи ҷавонӣ кӯрароҳи зиндагониро.
Ба ёди ёри дерин корвонгумкардаро монам,
Ки шаб дар хоб бинад ҳамраҳони корвониро
Баҳоре буду моро ҳам шубобеву шакархобе,
Чӣ ғафлат доштем, эй гул, шабехуни хазониро.
Чи бедории талхе буд аз хоби хуши мастӣ,
Ки дар комам ба захр олуд шаҳди шодмониро.
Сухан бо ман намегӯӣ, ало эй ҳамзабони дил,
Худоро, бо кӣ гӯям шикваи беҳамзабониро.
Насими зулфи ҷонон ку, ки чун барги хазондида
Ба пои сарви худ дорам ҳавои ҷонфишониро.
Ба чашми осмонӣ гардише дорӣ балои ҷон,
Худоро, бармагардон ин балои осмониро.
Намирӣ, Шаҳриёр, аз шеъри ширини равон гуфтан,
Ки аз оби бақо ҷӯянд умри ҷовидониро.

---

[33] **Сарир** — тахти подшоҳӣ.
[34] **Эъзоз** — иззат кардан, азиз шуморидан.
[35] **Масоф** — майдони ҷанг.
[36] **Тавсан** — аспи саркаш.

## У БУДУ У НАБУД

Ашкаш чакиду дигараш он обрӯ набуд,
Аз оби рафта ҳеҷ нишоне ба ҷӯ набуд.
Мижгон кашид ришта ба сӯзан, вале чи суд,
Дигар ба чоки сина маҷоли руфӯ набуд.
Дигар шикаста буд дилу дар миёни мо
Сӯҳбат ба ҷуз ҳикояти сангу сабӯ набуд
Ӯ буд дар муқобили чашми тарам, вале
Оваҳ[37], ки пеши чашми дилам дигар ӯ набуд
Ашкаш намемакидаму бемори ишқро
Ҷуз буғзи шарбат дигаре бар гулӯ набуд.
Олуда буд домани поку ба рағми ишқ,
Бо ашк низ дасту дили шустушӯ набуд.
Аз гуфтугӯву ёди ҷафо карданам чӣ суд?
Ӯ буд бевафову дар ин гуфтугӯ набуд.
Ҳайф аз нисори гавҳари ашк, эй арӯси бахт,
Бо рӯи зишт зевари гавҳар накӯ набуд.
Моҳе, ки меҳрубон нашуд аз ёд рафтанист,
Атре намонд аз гули рангин, ки бӯ набуд.
Озодагон ба ишқ хиёнат намекунанд,
Ӯро хисоли мардуми озодахӯ набуд.
Чун ишқу орзӯ ба дилам мурд, Шаҳриёр,
Ҷуз мурданам ба мотами ишқ орзӯ набуд.

## ҲАВОИ РАШТ*

Ду ҳафта рафту ҳанӯз он маҳи дуҳафта наомад,
Биришта гашт дилу он ба Рашт рафта наёмад.
Чу гул ба ваъдаи як ҳафта рафта буд, худоро
Чӣ шуд, ки ваъдаиякҳафта шуд ду ҳафта наёмад.
Ҳавои Рашт бигирад, ки офтоби ман он ҷо
Бирафту ёдаш аз ин ёри дилгирифта наёмад.
Баҳор омаду гулдони ман шукуфт дар айвон
Вале баҳори ман, он гулбуни шукуфта наёмад.
Ба базми боғ хушаш буд хоби нози сабуҳӣ
Ки ёдаш аз мани шаб то саҳар нахуфта наёмад.
Ҳанӯз таҳнияти ид гуфтанам бигузоред,
Чаро, ки иди ман он таҳният нагуфта наёмад.

---

[37] **Оваҳ** — ох.
* **Рашт** — номи шаҳрест дар шимоли Эрон.

Чӣ гуна сездаҳ соли худ бадар кунӣ, эй бахт,
Ки моҳи чордаҳ он ёри рӯ нуҳуфта наёмад.
Бисуфт гавҳари ашку бирехт аз сари мижгон,
Ки дар канори ман он гавҳари насуфта наёмад.
Рақиб гуфта, ки барф омада гирифта ҳама роҳ,
Ҳабиб ҳам магар ин гуфтаро шунуфта наёмад!
Вале зи барф наяндешадаш саманд, ҳамоно
Ки дида барф ба мижгони ман наруфта наёмад.
Ба сояи кӣ тавон бурд, Шаҳриёр, паноҳе?
Ки сарви нози ман он соя во гирифта наёмад.

## ХАЗОНИ ҶОВИДОНӢ

Маҳи ман ҳанӯз ишқат дили ман фигор дорад,
Ту яке бипурс аз ин ғам, ки ба ман чӣ кор дорад?
На балои ҷони ошиқ шаби ҳаҷри туст танҳо,
Ки висол ҳам балои шаби интизор дорад.
Ту ки аз маи ҷавонӣ ҳама сархушӣ, чӣ донӣ?
Ки шароби ноумедӣ чӣ қадар хумор дорад.
На ба худ гирифта Хусрав паи оҳувони арман,
Ки каманди зулфи Ширин ҳаваси шикор дорад.
Мижа сӯзани руфӯ кун нахи ӯ зи тори мӯ кун,
Ки ҳанӯз васлаи дил ду-се бахья кор дорад.
Дил чун шикаста созам зи гузаштаҳои Ширин,
Чӣ таронаҳои маҳзун, ки ба ёдгор дорад,
Ғами рӯзгор гӯ рав паи кори худ, ки моро,
Ғами ёр бехаёли ғами рӯзгор дорад.
Гули орзӯи ман бин, ки хазони ҷовидонист,
Чӣ ғам аз хазони он гул, ки зи пай баҳор дорад.
Дили чун танӯр хоҳад суханони пӯхта, лекин
На ҳама танӯр сӯзи дили Шаҳриёр дорад.

## ИДИИ УШШОҚ

Сабо ба шавқ дар айвони Шаҳриёр омад,
Ки хезу сар бадар аз дахма кун, баҳор омад.
Зи зулфи заркаши хуршед банди сими сетор,
Ки пардаҳои шаби тира тору мор омад.
Ба шаҳр чанд нишинӣ шикастадил, бархез,
Ки боғу бешаи Шимрон шукуфазор омад.
Ба сони духтари чодарнишини саҳрой,
Арӯси лола ба домони кӯҳсор омад...

Кушуд пир дари хуму боғбон дари боғ,
Шаробу шаҳд ба бозору гул ба бор омад.
Дигар ба ҳуҷра нағунҷад димоғи савдое,
Ки бо насими саҳар бӯи зулфи ёр омад.
Бизан сабуҳиву баргир зери хирқа сетор,
Ғазал биёр, ки булбул ба шохсор омад.
Бурун хиром ба гулгашти лолазор имрӯз,
Ки лолазор пур аз сарви гулузор омад.
Сабо ба ҳайати гул шуд вазири таблиғот,
Биёр бода, ки кобина[38] рӯи кор омад.
Хуҷаста бод ба Эрони бостон наврӯз,
Ки ёдгор зи Ҷамшеди комгор омад.
Чӣ ҷои Лашгарак, эй шоҳидони искибоз,[39]
Ки барф об шуду кӯҳ ашкбор омад...
Шукуфта дор ба баргу наво ятимонро,
Ки кӯдакони чаман низ найнавор омад.
Ба даври ҷоми маям доди дил бидеҳ соқӣ,
Чиҳо, ки бар сарам аз даври рӯзгор омад.
Ба пои сози Сабо шеъри Шаҳриёр, эй турк,
Бихон, ки идии ушшоқи беқарор омад.

## БАХТИ ХУФТАВУ ДАВЛАТИ БЕДОР

Моҳам омад ба дари хонаву дар хона набудам,
Хона гӯӣ ба сарам рехт чу ин қисса шунудам.
Он ки мехост ба рӯям дари давлат бикушояд,
Бо кӣ гӯям, ки дари хона ба рӯяш накушудам.
Омад он давлати бедору маро бахт фурӯ хуфт,
Ман, ки як умр шаб аз дасти хаёлаш нағунудам.
Он ки мехост ғуболи ғамам аз дил бизудояд,
Овах, овах, ки ғубори раҳаш аз по назудудам.
Ёр суд аз шарафам сар ба Сурайёву, дареғо,
Ки ба пояш сари таъзим ба шукрона насудам.
Эй насими саҳар, он шамъи шабистони тарабро,
Гӯ ба сар меравад аз оташи ҳиҷрони ту дудам.
Ҷонфурӯшии маро бин, ки ба ҳеҷаш нахарад кас,
Ин шуд, эй мояи уммед, зи савдои ту судам.
Ба ғазал ром тавон кард ғизолони рамида,
Шаҳриёро, ғазале ҳам ба сазояш насурудам.

---

[38] **Кобина** — ба маънои кабинети вазирон.
[39] **Иски** — лыжа.

## ҲУШАМ МЕРАВАД

Нӯшини ман боз ин сафар, ҳамроҳи ҳушам меравад,
То ҳаст нешам мезанад, то рафт нӯшам меравад.
То ҳушам аз сар меравад чашмам намебинад, вале
Дишаб ба чашми хештан дидам, ки ҳушам меравад.
Ман мондаам, эй корвон, боре ба ин тундӣ марон,
Донӣ, ки чун кӯҳи гарон боре ба дӯшам меравад.
Эй дил, ба чашми масти ӯ мастӣ раҳо кун, гӯ бирав,
Дигар ҳуморам гӯ биё, чун майфурӯшам меравад.
Дӯш омаду ашкаш ба чашм аз ман видое карду рафт,
Ҳолӣ сиришк аз дидагон бо ёди дӯшам меравад.
Ақлам ба ранҷиш гуфт: «Аз ӯ бардор дил». Гуфтам: «Ба чашм»,
Аммо куҷо ин ҳарфҳо, ҷоно, ба гӯшам меравад!
Мағзам барошуфтанду боз имкони шеърам гӯ мабош,
Илҳоми ишқат ҳаст, к-ӯ шаб бо сурушам меравад.
Ӯ пардае буд аз ҳунар нӯшида айби шӯру шар,
Ашке биёяд пардадар чун пардапӯшам меравад.
Он к-ӯ ба ман бад мекунад, бо ман, на бо худ мекунад,
Ман то ба гӯши осмон ҷӯшу хурӯшам меравад.
Бар кохи истиғнои худ аз дуду оташ дар амон,
На ёде аз Искандару на-з Дориюшам меравад.
Ёди ту ёре шуд маро доим хамӯшу шармгир,
То боз меоям ба худ ёри хамӯшам меравад.
Дил, Шаҳриёро, зор шуд, дилбар рафиқозор шуд,
Табъам зи худ безор шуд бас кун, ки гӯшам меравад.

## ШАЙДОӢ

Риндаму шӯҳра ба шӯридагиву шайдоӣ,
Шеваам чашмчарониву қадаҳпаймоӣ.
Ошиқам хоҳаду расвои ҷаҳоне, чӣ кунам,
Ошиқонанд ба ҳам ошиқиву расвоӣ.
Хати дилбанди ту бодо, ки дар атрофи рухат,
Қори ҳар булҳавасе нест қаламфаросоӣ.
Нест базме, ки ба болои ту ороста нест,
Эй барозанда ба болои ту базмороӣ.
Шамъи мо худ ба шабистони вафо сӯхт, ки дод
Ёди парвонаи парсӯхта бепарвоӣ.
Дергоҳест, ки дигар накунад ёди ватан,
Дар сарфи зулфи пареши ту дили ҳарҷоӣ.

Лаъли шоҳид нашунидем бад-ин ширинӣ,
Зулфи маъшуқа надидем бад-ин зебоӣ.
Қош як рӯз сари зулфи ту дар даст афтад,
То ситонам ман аз ӯ доди шаби танҳоӣ.
Хуни мино бихӯру бишканаш аз санг, ки ман
Сангҳо хӯрдаам аз ин фалаки миноӣ...
Шаҳриёр аз ҳаваси қанди лабат чун тӯтӣ
Шӯҳра шуд дар ҳама офоқ ба шаккархоӣ.

## АШҚИ НАДОМАТ

Гар ба пирона сарам бахти ҷавонӣ ба сар ояд,
Аз дари оштиям он маҳи бемеҳр дарояд.
Омад аз тобу табам ҷон ба лаб, эй кош, ки ҷонон,
Бо дами исавиям ин дами охир ба сар ояд.
Хобам ошуфту чунон буд, ки бо шоҳиди маҳтоб,
Ба тамошои ман аз равзанаи кулба дарояд.
Дилкаш он чеҳра, ки чун лола барафрӯхта аз шарм,
Бори дигар ба суроғи мани хунинҷигар ояд.
Сарви ман, гул бинавозад дили парвонаву булбул,
Гар ту ҳам ёдат аз ин қумрии бе болу пар ояд.
Шамъи ларзони шабонгоҳаму ҷонам ба сари даст,
То насими саҳарам болупарафшон ба бар ояд.
Пири Қанъони ман аз нола биосой, ки Юсуф,
Писаре нест, ки дигар ба суроғи падар ояд.
Донам он сангдил охир шавад аз карда пушаймон,
Он замон дар паи ман кӯй ба кӯ, дар ба дар ояд.
Равад аз дида чу бо ёди манаш ашки надомат,
Лола аз хокаму аз колбудам[40] нола барояд.
Дуд шуд шамъ аз он шӯъла, ки бар хирманаш афрӯхт,
Чанд гӯӣ, ки ба поёни шаби ғам саҳар ояд.
Моҳи Қанъон чу ба талхӣ ба дили чоҳ канад ҷон,
Қорвон гӯ ҳама бо бору гулобу шакар ояд.
Шаҳриёро, гила аз гесӯи ёр ин ҳама бигзор,
Қ-охир он қисса ба поён расад ин ғусса сар ояд.

## САРВИ БОРОВАР

Хушо сарве, ки ман дар сояаш аз бахт бар хӯрдам,
Хушо нахле, ки аз шохи наботаш найшакар хӯрдам.

[40] **Колбуд** — бадан.

Хушо шӯхе, ки ҳардам лаълаш аз хони шакар бахшид
Ғароматҳои[41] умре, к-аз ғамаш хуни ҷигар хӯрдам.
Дар ин гулшан, ки сарваш бесамар хонанду бесоя,
Ҳумоюнсоя сарви ман, ки ҳар солаш самар хӯрдам,
Маро пирона сар дар сар ба ҷуз ишқи ҷавонон нест,
Ҷавониҳо, ки кардам филмасал имрӯз сар хӯрдам.
Шаробе хӯрдам аз ҷоми лаби лаъли сияҳчашме,
Ки умре аз сари мастӣ ба девору ба бар хӯрдам.
Ба рағми ҷони хуршеду хами фирӯзаи гардун,
Май он бошад, ки ман аз лаъли он вологуҳар хӯрдам.
Қашидам дар ғамаш лоҷуръа ҷоми ҳафтхат бар сар,
Ба абрӯ хам наёвардам, ки захм аз шери нар хӯрдам.
Ҳунар аз даври ман нозад, ки дар даври даҳони ёр,
Агар тангам маишат нон ба бозӯи ҳунар хурдам.
Ба хони нокасон, ҷони писар, ҳаргиз набурдам даст,
Ки гар худ нони холӣ хӯрдам, аз хони падар хӯрдам.
Сухан аз ёр гӯям бӯ[42] ки бахтам борвар бошад,
Ки гар аз кор гуфтам чашмзахми коргар хӯрдам.
Ба зулфи ёр ҳам бармехӯрад гар ғайр аз ин бошӣ,
Ки ман сад бор бо ин нуктаи борик бархӯрдам.
Гули гирои ҳуснам бас, ки дар ишқам налағзад пой,
Замин гар хӯрдам аз дасти гулоби чашми тар хӯрдам,
Чарогоҳе бад-ин нағзиву оҳуе банд-ин шӯхӣ,
Ту гӯӣ асп баргардон, на охир мағзи хар хӯрдам.
Ба дунон амни хотир медиҳанду хони беминнат,
Ман ин як луқмаро ҳам бо дусад хавфу хатар хатар
хӯрдам.
Ба рӯи наъши[43] парвона саҳар ларзид шамъу гуфт:
«Ту фориғ рав, ки ман гар бад задам, боре батар
хӯрдам».
Ба дуньёе, ки нашморад худ аз навъи башар моро,
Ман аз ҷон, Шаҳриёро, ғуссаи навъи башар хӯрдам.

## ҚОРВОНИ ГУЛ

Баҳор омад, баҳор омад, хваш омад,
Баҳори дилкушову дилкаш омад.
Нигорин корвони гул ба саҳро,

[41] **Ғаромат** — товон.
[42] **Бу** — бошад.
[43] **Наъш** — ҷаноза, ҷасад.

Тилои маҳду нили мафраш омад.
Шукуфа бо кулоҳи таркдӯзӣ,
Бунафша бо қабои заркаш омад.
Маро бо ёди айёми ҷавонӣ,
Сари савдои ёри маҳваш омад.
Салое[44] деҳ, ки махмури шабонгоҳ,
Ба саҳбои сабӯҳӣ сархуш омад.
Хамида шохи гул аз ғунча гӯӣ,
Қамондоре ба тиру тиркаш омад.
Ба ҷоми лола, шабнам ишвае дод,
Ки наргисро ба дил заъфу ғам омад.
Ба ёди чашмаҳои синаи кӯҳ
Дилам муме шуду дар оташ омад.
Зи шаш сӯ дилситонон панҷаву мо,
Яке дил ку дучори ҳар шаш омад.
Ҳама гулҳои мардум сар ба роҳанд,
Гули ман саргарону саркаш омад.
Ҳанӯзам пои ҷон чалд асту чолок,
Агар пои танам лухту лаш омад.
Ба ҳар май лаб маёло, Шаҳриёро,
Ҳарифе ҷӯ, ки бе ғаллу ғаш омад.

## ҲАБИБӢ

Давои бе давоиву илоҷи бе табибиро,
Ба болинам расон, ё раб, ҳабиби ман Ҳабибиро.
Ғубори ғам, бутам аз дил магар зулфи ту бездояд,
Ки абри ошноӣ бистурад гарди ғарибиро.
Зи маҳрӯён насибам нест ҷуз ҳасрат, фалак гӯӣ
Ба номи ман кашида қуръаи ҳасратнасибиро.
Раҳи ошиқфиребӣ роҳу расми бевафоён аст,
Ҳабиби ман, наомӯзӣ раҳи ошиқфиребиро.
Навои ошиқӣ, эй гул биё аз Шаҳриёр омӯз,
Ки ҳар ное наянгезад навои андалебиро.

## ҚАНДИ МУКАРРАР

Чӣ париваш, ки ба девонаи худ сар назанад,
Он паррандаст, ки дар хилвати мо пар назанад.
Ҳар шаб овехта чун ҳалқа ба дар дорам чашм,

---

[44] Сало — даъват.

Гарчи он силсиламӯ ҳалқа ба ин дар назанад.
Раҳгузар гӯшнавоз аст садои пояш,
Гар дили вахшии ман пар чу кабутар назанад.
Боз дар хирмани гесӯи ту печида насим,
Гӯ бисоти дили шӯрида ба ҳам бар назанад.
Дари дигар задан аз шарм надонад он моҳ,
Гарчи шояд дари ин ғамкада дигар назанад.
Тӯтӣ он ҷо, ки ҳавои шакаристонаш нест,
Магаси сифла чаро таъна ба шаккар назанад.
Қаламам пеши надомат шуду ҷавҳар дилхун,
То кас ин нақши ғамангез ба дафтар назанад.
Шамъ то сӯзу гудозаш накунад маҳрами роз,
Сар ба хилватгаҳи риндони қаландар назанад.
Тӯтии табъи ман аз лаъли ту омӯхт сухан,
Чун тавонад, ки дам аз қанди мукаррар назанад.
Шаб, ки чашме накушудам ба рухи моҳи азиз,
Чашмдорам, ки дигар чашмакӣ ахтар назанад.
Моҳи ман хиргаҳии чоҳи муҳоқ[45] аст ҳанӯз,
Гӯ, ки хуршед сар аз хаймаи ховар назанад.
Теғи хуршед ба мижгони ту монад ҳар субҳ,
Гар ба захми дили мо найзаву ханҷар назанад.
Ашки ман бо дили сангини ту дар хавфу риҷост,
Сели бе воҳима бар садди Сикандар назанад.
Ҳамраҳи кавкабаи хусни ту кардам оҳе,
Ки фалак роҳи ту, эй турки ситамгар назанад.
Шаҳриёро, чӣ балокаш дилу ҷоне дорӣ,
Оташе, к-ӯ ба ту зад ҳав[46], ки ба кофар назад.

## ҚОРВОНИ БЕХАБАР

Қорвон омаду дилхоҳ ба ҳамроҳаш нест,
Бо дил ин қисса нагӯям, ки ба дилхоҳаш нест.
Қорвон омаду аз Юсуфи ман нест хабар,
Ин чӣ роҳест, ки берун шудан аз чоҳаш нест.
Моҳи ман нест дар ин қофила роҳаш надиҳед,
Қорвон бор набандад шаб агар моҳаш нест.
Номае ҳам нанавиштаст, худоё, чӣ кунам?
Гоҳаш ин лутф ба мо ҳаст, вале гоҳаш нест.

---

[45] **Муҳоқ** — се шаби охири моҳи солшумории қамарӣ, ки моҳ дида намешавад.

[46] **Ҳав** — захм.

Моҳам аз оҳи дили сӯхтагон бехабар аст,
Магар оинаи шавқу дили огоҳаш нест.
Ё раб, оинаи ӯ лутфу сафоеш намонд,
Ё бисоти дили бишкастаи ман оҳаш нест...
Доштам шоҳеву бар тахти гулам ҷояш буд,
Ҳолиё тахти гулам ҳаст, вале шоҳаш нест.
Тахти султони ҳунар бар уфуқи чашму дил аст,
Хусрави ховарӣ ин хаймаву хиргоҳаш нест.
«Хоҳам андар ақибаш рафту ба ёрони азиз»,
Боре ин мужда, ки чоҳе ба сари роҳаш нест.
Шаҳриёро, ақиби қофилаи кӯи умед,
Гӯ касе рав, ки чу ман толеи гумроҳаш нест.

## ГАДО ПОДШОҲКУН

Эй талъати ту, ханда ба хуршеду моҳ кун,
Зулфи ту рӯзи равшани мардум сиёҳкун.
Холи ту оташест дили офтобсӯз,
Хати ту сояест сияҳрӯй моҳкун.
Яъқубҳо зи ҳаҷри ту байтулҳазиннишин,
Эй сад ҳазор Юсуфи Мисрӣ ба чоҳкун.
Нахли қади баланди ту буньёди сарвкан,
Райҳони боғи сабзи хатат гул гиёҳкун.
Ҳаргиз нарафтааст, ба сар моҳро кулоҳ.
Эй худ дар ин миён, сари мо кулоҳкун.
Аз хона ошьёни дили мо ба ҳам марез,
Эй шонаи ту, хирмани сунбул табоҳкун.
Пири хирад, ки масъалаомӯзи ҳикмат аст,
Дар нуктаи даҳони ту шуд иштибоҳкун.
Қорам зи ишқи ту ба ҷуз афғону оҳ нест,
Эй кори ошиқони худ афғону оҳкун.
Беҳҷат, гадои ҳусни ту шуд шаҳриёри ишқ
Эй хоки даргаҳи ту, гадо подшоҳкун.

## МОҲИ ДАРЬЁ

Чун нагирад дил, ки моҳи ман ҳавои Рашт дорад,
Шохи шамшодам сари гулчидану гулгашт дорад.
То кушояд чини пешонии дарьё хандаи меҳр,
Моҳи ман оҳанги Бандар Пахлавиву[47] Рашт дорад

[47] **Бандари Паҳлавӣ** — бандарест дар канори баҳри Қаспий. Ҳоло ора ба номи қадимааш Анзалӣ номгузорӣ гардидааст.

То бари симин ба собуни кафи дарьё бишўяд,
Осмон аз меҳру маҳ бар дўш тосу ташт дорад.
Бо каманди зулфи мушкин кори шаҳре сохту инак,
Ба саманди нозу тамкин рў ба кўҳу дашт дорад.
Осмон нашносадаш қоиқ зи акси завраки моҳ,
Моҳи ман чун шаб ба дарьё азми сайру гашт дорад.
Ҳашт боғи хулди рўяшро сиришкам ҳафт дарьёст,
Чашми ман ин ҳафтро аз давлати он ҳашт дорад.
Шаҳриёро, иди мо ҳам бо гулу ширинӣ имсол,
Меравад ҳампои ў то кай сари баргашт дорад.

## ИНТИЗОР

Боз имшаб, эй ситораи тобон наомадӣ,
Боз, эй сапедаи шаби ҳиҷрон наомадӣ.
Шамъам шукуфта буд, ки хандад ба рўи ту,
Афсўс, эй шукуфаи хандон наомадӣ.
Зиндонии ту будаму маҳтоби ман, чаро
Боз имшаб аз даричаи зиндон наомадӣ.
Бо мо сари чӣ доштӣ, эй тирашаб, ки боз
Чун саргузашти ишқ ба поён наомадӣ.
Магзор, қайди ман, ки ба яғмо барад магас,
Тўтии ман, ки дар шакаристон наомадӣ,
Шеъри ман аз забони ту хуш сайди дил кунад,
Афсўс, эй ғизоли ғазалхон наомадӣ.
Гуфтам ба хони ишқ шудам мизбони моҳ,
Номеҳрубони ман, ту ки меҳмон наомадӣ.
Хони шакар ба хуни ҷигар даст медиҳад,
Меҳмони ман, чаро ба сари хон наомадӣ?
Девони Ҳофизӣ туву девонаи ту ман,
Аммо, парӣ ба дидани девон наомадӣ.
Нашнохтӣ фиғони дили раҳгузар, ки дўш,
Эй моҳи қаср, бар лаби айвон наомадӣ.
Гетӣ матои чун манашояд гарон ба даст,
Аммо ту ҳам ба дасти ман арзон наомадӣ.
Сабрам надидаӣ, ки чун завраки шикастаест,
Эй тахтаам супурда ба туфон наомадӣ.
Айши дили шикаста ба азо мекунӣ, чаро?
Идам туӣ, ки ман ба ту қурбон, наомадӣ
Дар табъи Шаҳриёр хазон шуд баҳори ишқ,
Зеро ту, хирмани гулу райҳон наомадӣ.

## ТУ БИМОНУ ДИГАРОН

Аз ту бигзаштаму бигзоштамат бо дигарон,
Рафтам аз кӯи ту, лекин ақиби сар нигарон.
Мо гузаштему гузашт он чи ту бо мо кардӣ,
Ту бимону дигарон, вой ба ҳоли дигарон.
Рафта чун маҳ ба маҳокам, ки нишонам надиҳанд,
Ҳарчи офоқ биҷӯянд карон то ба карон.
Меравам, то ки ба соҳибназаре боз расам,
Маҳрами мо набувад дидаи кӯтаҳназарон.
Дили чун оинаи аҳли сафо мешикананд,
Ки зи худ бехабаранд ин зи худо бехабарон.
Дили ман дор, ки дар зулфи шикан дар шиканат,
Ёдгорест зи сарҳалқаи шӯридасарон.
Гули ин боғ ба ҷуз ҳасрату доғам нафузуд,
Лоларӯё, ту бибахшой ба хунинҷигарон.
Раҳи бедодгарон бахти ман омӯхт туро
В-арна донам ту куҷову раҳи бедодгарон
Саҳл бошад ҳама бигзоштану бигзаштан,
Қ-ин бувад оқибати кори ҷаҳони гузарон.
Шаҳриёро, ғами оворагиву дар ба дарӣ,
Шӯрҳо дар дилам ангехта чун навсафарон.

## ВОЙ — ВОИ МАН

Ҳар дам чу тӯб мезанадам пушти пой вой,
Қас пеши пои тифл наафтад, қи вой-вой.
Дар пои сарв даст нагиранд аз касе,
Он ҷо чи бекасе, ки биафтад зи пой вой.
Дерошнотар аз ту надидам, вале чи зуд,
Бегона гаштӣ, эй маҳи дерошной вой.
Дар доманат гиристани созам орзӯст,
То сар кунам навои дили бенавой вой.
Сӯзи дилам ҳикояти сози ту мекунад,
Лаб бар лабам бинеҳ, ки барорам чу ной вой,
Аз сӯзи ҳаҷр нолаи ман зор зор шуд,
Бо шавқи васл гирьяи ман ҳой-ҳой вой.
«Ман парварондамат, ки ту бо ин баҳо шудӣ»,
Гум кардӣ, эй матои муҳаббат баҳой вой.
Охир сазои хидмати дерини ман, ҳабиб,
Ин шуд, ки бишнавам сухани носазой вой.
Чуз неку бад ба ҷой намонад, чӣ мекунӣ.

На ишқи ман, на ҳусни ту монад ба ҷой вой.
Эй кош, вой вои манаш меҳрубон кунад,
Гар меҳрубон нашуд чӣ кунам, худой вой.
Ман Шаҳриёри кишвари ишқам, гадои ту,
Эй подшоҳи ҳусн, маранҷон гадой вой.

## ДАВЛАТИ ҶОВИД

Дӯш гесӯи туро рехта дидам бар душ,
Хотирошуфтаам имшаб зи парешонии дӯш.
Аҷаб аз риштаи ақле, ки напечад дар пой,
З-он сияҳ силсилагесӯ, ки ту дорӣ бар душ.
Гардиши ҷоми азал гар сифати наргиси туст,
Магар аз хоби абад чашм бимолад мадҳӯш.
Лаъли хомӯши ту орад ба хурӯшам, оре,
Булбул аз ғунчаи хандон нашикебад хомӯш.
Оби чун оташ мехоҳаму дар дида кашам
Бод агар оварадам хоки раҳи бодафурӯш.
Гарчи дарвешаму мискин ту дар оғӯши ман ой,
То маро давлати поянда кашад дар оғӯш.
Ба шаби васли ту офоқ хабар хоҳам кард,
Ба дафу чангу наю ғулғулаи нӯшонӯш.
Ман агар тори сари зулфи ту гирам дар чанг,
Тор дар нола равад, чанг дарояд ба хурӯш.
Гар дилат санг бихонам, назанам неши забон,
Ташна ҷуз санг набинад ба дили чашмаи нӯш.
Бахт агар ёр шавад рахт ба сӯи ту кашам,
Мани саргаштаи тӯфонзадаи хонабадӯш.
Дурри дандони туву ғунчаи хандони туро,
Пой то сар ҳама чашмему саропо ҳама гӯш.
Шаҳриёри ғазалам шухра чу моҳи хуршед,
Гуфтам ин нағз ғазал то чӣ писандад Шедӯш.

## ХАЗОН

Хазон асту ҳангомаи баргрез,
Шигифто аз ин боди ҳангомахез.
Рабоянд африштагон рангу бӯй,
Бад-он ҷодӯиҳо, ки оранд низ.
Арӯси гӯл аз шӯ гирифта талоқ,
Аҷӯзаш ба сар куфт рахту ҷаҳиз.
Зи санҷоқи борону шаллоқи бод

Бувад нозуконро гурезогурез.
Замин гӯӣ аз ашки ошиқ гиласт,
Ки пои паричеҳрагон хӯрд лиз[48].
Дарахтон чу пои гурезе намонд
Кушуданд бо бод дастиситез.
Фурӯ рехт ҷаллоди боди хазон
Ҷавонони боғ аз дами теғи тез.
Шаҳидон ниҳоданд паҳлӯ ба хок,
Ба савдои наврӯзу он растхез.
Пароканд дарбори султони гул,
Хадам[49] рафту ҳайли[50] ғулому каниз.
Кушуданд зоғон ба тороҷ даст,
Намонд аз бисоти чаман ҳеҷ чиз.
На бар гардани сарв тавқи суман,
На дар гӯши мӯ гушвори мавиз.
Зару зевар аз худ бирезад чаман,
Ки дуньё пас аз гул наярзад пашиз[51].
Бинолад ба тобути гул гирдбод,
Бигардад ба гирди чаман хокбез.
Ҳарамбонӯи беди маҷнун нигар,
Ки гесӯ кунад дар азои азиз.
Зи сози дарахтон ба мизроби бод,
Чи оҳангҳо во шавад нолахез.
Ба сайри табиат бирав, Шаҳриёр,
Ки завқе наангезадат пушти миз.

## ҒИЗОЛУ ҒАЗАЛ

Имшаб аз давлати май дафъи малоле кардем,
Ин ҳам аз умр шабе буд, ки ҳоле кардем.
Мо куҷову шаби майхона, худоё, чӣ аҷаб,
Қ-аз гирифтории айём маҷоле кардем.
Тир аз ғамзаи соқӣ, сипар аз ҷоми шароб,
Бо камондори фалак ҷангу ҷидоле кардем.
Ғам ба руинтании ҷоми май андохт сипар,
Ғам магӯ, арбада бо Рустами Золе кардем...
Ниме аз рух бинамуду хаме аз абрӯе,

[48] Лиз хӯрдан — лағжидан.
[49] Хадам — ҷамъи ходим.
[50] Хайл — гурӯҳ.
[51] Пашиз — пули хурди камарзиш.

Васати моҳ тамошои ҳилоле кардем.
Рӯзаи ҳаҷр шикастему ҳилоли абрӯй,
Манзарафрӯз шаби иди висоле кардем.
Бар гули ораз аз он зулфи тиллоифомаш,
Ёди парвонаи зарринпару боле кардем.
Мактаби ишқ бимоноду сияҳҳуҷраи ғам,
Ки дар ӯ буд агар касбу камоле кардем.
Чашм будем чу маҳ шаб ҳама шаб то чун субҳ,
Сина оинаи хуршедҷамоле кардем.
Ишқ агар умр напайваст ба зулфи соқӣ,
Ғолиб он аст, ки хобеву хаёле кардем.
Шаҳриёри ғазалам хонда ғизоли ваҳшӣ,
Бад нашуд бо ғазале сайди ғизоле кардем.

## САЛОМИ ОШНО

Гардиш, эй чарх ба комам кардӣ,
Қуръаи бахт ба комам кардӣ,
Оҳуеро, ки рамидӣ аз ман,
Хондӣ афсуневу ромам кардӣ,
Ту ҳумо, авҷнишинӣ зи чи рӯй,
Ошьён бар лаби бомам кардӣ.
Ғайри дашном ба оини ту нест,
Саҳв кардӣ, ки саломам кардӣ.
Дерҷӯшии ту ҷони ман сӯхт,
Пухтаӣ боз, ки хомам кардӣ.
Хоҷа, бифрӯхтаем сад раҳу боз.
Ба яке ҳалқа ғуломам кардӣ.
Бирав, эй дӯст ҳалолат накунам,
Зиндагиро ту ҳаромам кардӣ.
Умри хиҷрони ту ҳам гашт тамом,
Лек рӯзе, ки тамомам кардӣ.

## ВИДОИ ҶАВОНӢ

Ҷавонӣ ҳасрато, бо ман видои ҷовидонӣ кард,
Видои ҷовидонӣ, ҳасрато, бо ман ҷавонӣ кард.
Баҳори зиндагонӣ тай шуду кард офати айём
Ба ман коре, ки бо сарву суман боди хазонӣ кард.
Рафиқи нимароҳе чун маро дар хоби нӯшин дид,
Ба лолои ҷарас оҳанги кӯчи корвонӣ кард.
Қазои осмонӣ буд муштоқиву маҳҷӯрӣ,

Чӣ тадбире тавонам бо қазои осмонӣ кард.
Шароби арғувонӣ чораи рухсори зардам нест,
Бинозам силии гардун, ки чеҳрам арғувонӣ кард.
Қамонабруи ман, чун тир рафту чархи чавгонӣ,
Ба зери бори ғам болои чун тирам камонӣ кард.
Фалакро таркаш аз тир ин қадар донам, ки холӣ монд,
Дигар бо ин дили хунин чӣ гӯям он чӣ донӣ кард.
Ҳанӯз аз обшори дида домон рашки дарьё буд,
Ки моро сиккаи оташфишон оташфишонӣ кард.
Чӣ буд ар боз мегаштӣ ба рӯзи ман гавоноӣ,
Ки худ дидӣ чиҳо бо рӯзгорам нотавонӣ кард.
Ба хуни дил чу ман май рехтам дар ҷоми майхорон,
Фиғон з-он наргиси масте, ки бо ман саргаронӣ кард.
Ҷавонӣ кардан, эй дил, шеваи ҷонона буд, аммо
Ҷавонӣ ҳам паи ҷонон шуду бо мо ҷавонӣ кард.
Азизон, моҳи ман то дар муҳоқи чоҳи ҳиҷрон шуд,
Ғами он Юсуфи сонӣ маро Яъқуби сонӣ кард.
Ҷавонӣ худ маро танҳо умеди зиндагонӣ буд,
Дигар ман бо чӣ уммеде тавонам зиндагонӣ кард.
Ҷавонон, дар баҳори умр ёд аз Шаҳриёр оред,
Ки умре дар гулистони ҷавонӣ нағмахонӣ кард.

## ҲОЛО ЧАРО

Омадӣ, ҷонам, ба қурбонат, вале ҳоло чаро?
Бевафо, ҳоло ки ман афтодаам аз по чаро?
Нӯшдоруиву баъд аз марги Сӯҳроб омадӣ,
Сангдил ин зудтар мехостӣ, ҳоло чаро?
Умри моро мӯҳлати имрӯзу фардои ту нест,
Ман, ки як имрӯз меҳмони туам, фардо чаро?
Нозанино, мо ба нози ту ҷавонӣ додаем,
Дигар акнун бо ҷавонон ноз кун, бо мо чаро?
Ваҳ, ки бо ин умрҳои кӯтаҳи беэътибор
Ин ҳама ғофил шудан аз чун мани шайдо чаро?
Шӯри Фарҳодам ба пурсиш сар ба зер афканда буд,
Эй лаби ширин, ҷавоби талхи сарболо чаро?
Эй шаби ҳиҷрон, ки як дам дар ту чашми ман нахуфт,
Ин қадар бо бахти хоболуди ман лоло чаро?
Осмон чун ҷамъи муштоқон парешон мекунад,
Дар шигифтам ман, намепошад зи ҳам дунъё чаро?
Дар хазони ҳаҷри гул, эй булбули табъи ҳазин,
Хомӯшӣ шарти вафодорӣ бувад, ғавғо чаро?
Шаҳриёро, бе ҳабиби худ намекардӣ сафар,
Ин сафар роҳи қиёмат меравӣ, танҳо чаро?

## СОҲИБ ДОРАД ИН ДИЛ

Занад чашмак, ки толиб дорад ин дил,
Надонад маҳ, ки соҳиб дорад ин дил.
Қанизи ахтарон чашманду бедор,
Бихоб эй маҳ мувозиб дорад ин дил.
Ҳузури маҳфили унсам набинӣ,
Ҳавои ёри ғоиб дорад ин дил.
Шаби ҳичрон напиндорӣ, ки танҳост,
Ки чун ёдаш мусоҳиб дорад ин дил.
Ба ҷосусӣ кулоғаш бар дарахт аст,
Маханд, эй гул муроқиб дорад ин дил.
Нахоҳад ҷирахори[52] ҳар дари шуд,
Ки аз давлат мувоҷиб дорад ин дил.
Пас аз як умр ҷонибдории дӯст
Куҷо рӯи аҷониб[53] дорад ин дил.
Мабин, эй дида, имшаб дар рухи моҳ,
Ки худ шарм аз кавокиб дорад ин дил.
Ба ҳар чашмам ҳиҷоби ҳафт пардаст,
Дусад дарбону ҳоҷиб дорад ин дил.
Надорад ҷинси марғубеву офоқ,
Ба худ муштоқу роғиб дорад ин дил.
Ҳунар бинад набинад, Шаҳриёро,
Ки сад чандон маоиб дорад ин дил.

## ТАРОНАИ ҶОВИДОН

Эй шохи гул, ки дар паи гулчин давониям,
Ин нест музди ранҷи ману боғбониям.
Парвардамат ба ноз, ки биншонамат ба пой,
Эй гул, чаро ба хоки сияҳ менишониям.
Дарьёб дасти ман, ки ба пирӣ расӣ ҷавон,
Охир ба пеши пои ту гум шуд ҷавониям.
Гар нестам хазона хазаф[54] ҳам наям ҳабиб,
Боре мадеҳ зи даст ба ин ройгониям.
То гӯшвори ноз гарон кард гӯши ту,
Лаб во нашуд ба шиква зи бе ҳамзабониям.
Эй Юсуфи азиз, ки сонӣ надидамат,

[52] **Ҷирахор** — нонхӯр, туфайлихӯр.
[53] **Аҷониб** — аҷнабиҳо, бегонагон.
[54] **Хазаф** — хиштпора.

Бозо, ки дар фироқи ту Яъқуби сониям.
Бо сад ҳазор захми забон зиндаам ҳанӯз,
Гардун гумон надошт ба ин сахтҷониям.
Ёрӣ зи табъ хостам, ашкам чакиду гуфт:
«Ёри зи ман биҷӯй, ки бо ин равониям».
Эй гул, биёву аз чамани табъи Шахриёр
Бишнав таронаи ғазали ҷовидониям.

## ДЕВОН ВА ДЕВОНА

Ё раб, мабод, к-аз по ҷонони ман биафтад,
Дарду балои ӯ, кош бар ҷони ман биафтад.
Ман чун зи по биафтам дармони дарди ман ӯст,
Дард он бувад, ки аз по дармони ман биафтад.
Чашмам ба чашмаш афтод, аммо набуд чашме,
Қ-аз барқи он шарар дар аркони ман биафтад.
Як умр гирья кардам, эй осмон раво нест,
Дурдонаам зи чашми гирьёни ман биафтад.
Моҳам ба интиқоми зулме, ки карда бо ман,
Тарсам ба дарди ишқу ҳиҷрони ман биафтад.
Даври фалак фиканда дар чоҳаму аҷаб нест,
Моҳаш ба даври оҳу афғони ман биафтад.
Аз гавҳари муродам чашми умед бастаст,
Ин ашк нест, к-андар домони ман биафтад.
Ман худ ба сар надорам дигар ҳавои сомон,
Гардун куҷо ба фикри сомони ман биафтад.
Дасти хаёл ёзад шаб дар каманди махтоб,
Рустам агар ба чоҳи зиндони ман биафтад.
Хоҳад шуд аз надомат девона, Шаҳриёро,
Гар он парӣ ба дасташ девони ман биафтад.

## ИДИ ХУН

Навҷавонони ватан бистар ба хоку хун гирифтанд,
То ки дар бар шоҳиди озодиву қонун гирифтанд.
Ройгон дар пои номардон барафшонӣ, чӣ донӣ,
Қ-ин ҳумоюнгавҳар аз коми наҳангон чун гирифтанд.
Лола аз хоки ҷавонон медамад бар дашту ҳомун,
Ё дирафши[55] сурх бар сар инқилобиюн гирифтанд.
Хуррам он мардон, ки рӯзе хоинин дар хун кашиданд,

[55] Дирафш — байрақ.

З-он сипас он рӯзро ҳар сола иди хун гирифтанд.
То ба сайри қаҳқарой[56] охирин фурсат кунам гум,
Худ инони ҳизб дар каф душманони дун гирифтанд.
Бо даме пинҳон чу ахгар ишқро конун биафрӯз,
Кӯраафрӯзони ғайрат ком аз ин конун гирифтанд...
Хавфи кобӯси сиёсат ҷурми хоби ғафлати мост,
Сахт моро дар хумори алкулу[57] афьюн гирифтанд.
Қор бо афсона набвад, риштаи тадбир метоб,
Оре, арбоби азоим мор бо афсун гирифтанд.
Хоки Лайлои ватанро ҷони Ширин бар сар афшон,
Хусравони ишқ дарси ибрат аз Маҷнун гирифтанд.
Шаҳриёро, то муҳити худ таназзул кун, маяндеш,
Қ-ин қабо бар қомати табъи ту номавзун гирифтанд.

### ДУНЬЁИ ДИЛ

Чанд бори ғами дуньё ба тани танҳое,
Вой бар ман тани танҳову ғами дуньёе.
Тирборони фалак фурсати онам надиҳад,
Ки чу тир аз ҷигари реш барорам вое,
Лолаеро, ки бар ӯ доғи дурангӣ пайдост,
Ҳайф аз нолаи маъсуми ҳазоровое.
Охирам ром нашуд чашмғизоли ваҳшӣ.
Гар чи ангехтам аз ҳар ғазале ғавғое.
Ман ҳамон шоҳиди Шерозаму натвонӣ ёфт,
Дар ҳама шаҳр ба ширинии ман шайдое.
То на аз гирья шудам кӯр, биё варна чӣ суд,
Аз чароғе, ки бигиранд ба нобиноӣ.
Ҳама дар хотирам аз шоҳиди рӯъёи хеш,
Бигзарад хотира бо дилкашии рӯъёе.
Гоҳ бар дурнамои уфуқ аз гӯшаи абр,
Бо тулӯи малаки ҷилва диҳад симое,
Инъикосест бар он гардиши чашми обӣ,
Аз ҷамолу азамат чун уфуқи дарьёе.
Даст бо дӯст дар оғӯш на ҳадди ману туст,
Манаму ҳасрати бӯсидани хоки пое.
Шаҳриёро, чӣ ғам аз ғурбати дуньёи тан аст,
Қ-аз барои дили худ сохтаӣ дуньёе.

---

[56] **Қаҳқаро** — бозгаштан ба ақиб
[57] **Алкул** — спирт, машрӯб.

## ШАМШЕРИ ҚАЛАМ

Нолам аз дасти ту, эй нола, ки таъсир накардӣ,
Гарчи ӯ кард дил аз санг, ту тақсир накардӣ.
Шармсори туам, эй дида, аз ин гирьяи хунин,
Ки шудӣ кӯру тамошои рӯхаш сер накардӣ.
Эй аҷал, гар сари он зулфи дарозам ба каф афтад,
Ваъда ҳам гар ба қиёмат биниҳӣ, дер накардӣ.
Вой аз дасти ту, эй шеваи ошиқкуши ҷонон,
Ки ту фармони қазо будиву тағьир накардӣ.
Мушкил аз гири ту ҷон дар барам, эй носеҳи оқил,
Ки ту дар ҳалқаи занҷири ҷунун гир накардӣ.
Ишқ ҳамдаст ба тақдир шуду кори маро сохт,
Бирав, эй ақл, ки коре ту ба тадбир накардӣ.
Хуштар аз нақши нигорини ман, эй килки тасаввур,
Алҳақ инсоф тавон дод, ки тасвир накардӣ.
Чӣ ғурурест дар ин салтанат, эй Юсуфи мисрӣ,
Ки дигар пурсиши ҳоли падари пир накардӣ.
Шаҳриёро, ту ба шамшери қалам дар ҳама офоқ,
Ба худо, мулки диле нест, ки тасхир накардӣ.

## ЯК ШАБ БО ҚАМАР*

Аз кӯрии чашми фалак имшаб Қамар ин ҷост,
Оре, Қамар имшаб, ба худо, то саҳар ин ҷост.
Оҳиста ба гӯши фалак аз банда бигӯед,
Чашмат надавад ин ҳама, як шаб Қамар ин ҷост.
Оре, Қамар-он қумрии хушхони табиат,
Он нағмасаро булбули боғи ҳунар ин ҷост.
Шамъе, ки ба сӯяш мани ҷонсӯхта аз шавқ
Парвонасифат боз кунам болу пар, ин ҷост.
Танҳо на ман аз шавқ саропо нашиносам,
Як даста чу ман ошиқи бепову сар ин ҷост.
Ҳар нола, ки дорӣ бикун, эй ошиқи шайдо,
Ҷое, ки кунад нолаи ошиқ асар, ин ҷост.
Меҳмони азизе, ки паи дидани рӯяш
Ҳамсоя ҳама сар кашад аз бому дар, ин ҷост.
Сози хушу овози хушу бодаи дилкаш,
Эй бехабар, охир чӣ нишастӣ, хабар ин ҷост.
Осоиши имрӯза шуда дарди сар аммо,

---

* **Қамар** — Қамар-ул мулки Вазирӣ, сароянда номии муосири Эрон.

Имшаб дигар осоиши бе дарди сар ин ҷост.
Эй ошиқи рӯи Қамар, эй Эраҷи ноком,
Бархез, ки боз он бути бедодгар ин ҷост.
Он зулф, ки чун ҳола ба рухсори Қамар буд,
Боз омаду чун фитнаи даври қамар ин ҷост.
Эй кош саҳар н-ояду хуршед назояд,
Қ-имшаб Қамар ин ҷо, Қамар ин ҷо Қамар ин ҷост.

## ХОЛИ БАРАНДА

Дасте, ки гоҳи ханда ба он хол мебарӣ,
Эй шӯхи сангдил, дилам аз ҳол мебарӣ.
Ҳар кас ба нарди ҳусни ту зад, бохт пас бигӯ
Даст аз ҳарифи хеш бад-он хол мебарӣ.
Чоле[58] фитад ба гунаат аз нӯшханду дил
З-он хол агар гузашт бад-ин чол мебарӣ...
Як шаб ба моҳи рӯи ту хуш буд фоли мо,
Эй сангдил, ки оинаи фол мебарӣ.
Дунболи туст ин ҳуву ҷанҷоли ошиқон,
Боре бирав, ки ин ҳуву ҷанҷол мебарӣ.
Эй бод дар шиканҷи сари зулфи ӯ мапеч,
Ҳарчанд бӯи мушк ба ту чол мебарӣ.
Ҳарсола гӯи ҳусн ба чавгони зулфи туст,
Ин тоҷи ифтихор на имсол мебарӣ.
Бар чеҳраи ту печаи мушкин ҳиҷоб нест,
Ҷоно, макун, ки он ба ғирбол мебарӣ.
Рӯинтанони шеър шикастӣ ту, Шаҳриёр,
Рустам агар наӣ, насаб аз Зол мебарӣ.

## ГИЛАИ ОШИҚ

Оташе зад шаби ҳаҷрам ба дилу ҷон, ки мапурс,
Ончунон сӯхтам аз оташи ҳиҷрон, ки мапурс.
Гилае кардаму аз як гила бегона шудӣ,
Ошноё, гила дорам зи ту чандон, ки мапурс
Маснади Миср туро эй маҳи Каньон, ки маро,
Нолаҳоест дар ин кулбаи эҳзон, ки мапурс.
Сарвинозо, гарам ингуна кашӣ пой аз сар,
Манат он гуна шавам даст ба домон, ки мапурс.
Гавҳари ишқ, ки дарьё ҳама соҳил бинамуд,

---

[58] **Чол** — чуқурӣ.

Охирам дод чунон тахта ба тӯфон, ки мапурс.
Ақл хуш гуфт чу дар пӯст намеғунҷидам,
Ки диле бишканад он пистаи хандон, ки мапурс.
Бӯса бар лаъли лабат бод ҳилоли хати сабз,
Ки пуле баста ба сарчашмаи ҳайвон, ки мапурс,
Ин ки парвоз гирифтаст ҳумои шавқам,
Ба ҳаводории сарвест хиромон, ки мапурс.
Дафтари ишқ, ки сархат ҳама шавқасту умед,
Ояте хондамаш аз «ёс» ба поён, ки мапурс.
Шаҳриёро, дил аз ин силсиламӯён баргир,
Ки чунонам ман аз ин ҷамъ парешон, ки мапурс.

**ДАРЬЁЧАИ АШК**

Табъам аз лаъли ту омӯхт дурафшониҳо,
Эй рухат чашмаи хуршеди дурахшониҳо.
Сарви ман субҳи баҳор аст, ба тарфи чаман ой,
То насимат бинавозад ба гулафшониҳо.
Гар бад-ин ҷилва ба дарьёчаи ашкам тобӣ,
Чашми хуршед шавад хира зи рахшониҳо.
Дида дар соқи чу гулбарги ту лағзад, ки надид,
Махмал ин гуна ба кошонаи кошониҳо.
Дорам аз зулфи ту асбоби парешонӣ ҷамъ,
Эй сари зулфи ту маҷмӯи парешониҳо.
Ту бад-ин лаъли лаб ар бар сари бозор оӣ,
Лаъл бозор наёранд бадахшониҳо.
Роми девона шудан омада дар шоҳи парӣ,
Ту ба ҷуз рам нашиносӣ зи парешониҳо.
Шаҳриёро, ба дараш хокнишин афлоканд
В-ин кавокиб ҳама доғанд ба пешониҳо.

**ВАҲШИШИКОР**

То кай дар интизор гузорӣ ба зориям,
Боз ой баъд аз ин ҳама чашминтизориям.
Дишаб ба ёди зулфи ту дар пардаҳои соз,
Ҷонсӯз буд шарҳи сияҳрӯзгориям.
Бас шиква кардам аз дили носозгори худ,
Дишаб, ки соз дошт сари созгориям.
Шамъам тамом гашту чароғи ситора мурд,
Чашме намонд шоҳиди шабзиндадориям.
Гуфтӣ ҳавои лолаъузорони Рай хушаст

Пиндоштӣ, ки булҳаваси лолазориям[59].
Табъам шикори оҳуи сар дар каманд нест,
Монад ба шер шеваи ваҳшишикориям.
Сандон ба сарзаниш натавон кард поймол,
Саркӯбиям зиёда кунад пофишориям.
Шармам кушад, ки бе ту нафас мекашам ҳанӯз,
То зиндаам бас аст ҳамин шармсориям.
То ҳаст тоҷи ишқи туам бар сар, эй ғизол,
Ширин бувад ба шаҳри ғазал Шаҳриёриям

## ПАРВОНА ДАР ОТАШ

Парвонаваш аз шавқи ту дар оташам имшаб,
Месӯзаму бо ин ҳама сӯзиш хушам имшаб.
Дар пои ман афтод маҳ аз шавқ, ки донист,
Меҳмони ту хуршедрухи маҳвашам имшаб.
Дар роҳи ҳарам қофила аз савсану сунбул
В-аз сарву санавбар алами човушам[60] имшаб.
Биздой ғубор аз дили ман то бизудояд
Зулфи париён гарди раҳ аз мафрашам имшаб.
Кӯбида басе кӯҳу камар сархушу в-инак,
Дар пои ту афтодааму беҳушам имшаб.
Ё раб, чӣ висолеву чӣ рӯъёи биҳиштист,
Гӯ боз нагиранд сар аз болишам имшаб.
Булбул, ки шавад завқзада, лол шавад, лол
Эй лола, напурсӣ, ки чаро хомӯшам имшаб.
Дар чашми ту ҳурест биҳиштӣ, ки навозад,
Бо ҷоми зарафшону маи беғашам имшаб.
Моро, ба худо боз гузоред, худоро,
Ин аст худ аз халқи худо хоҳишам имшаб.
Қумрӣ зи паи таҳнияти васли ту хонад
Бар сарв суруди ғазали дилкашам имшаб.

## ФИТНАИ НАВХОСТА

Шамъи ман, бо дигарон анҷуман оростаӣ,
То маро сӯзи дил афзудаву ҷон костаӣ.
Оташин сӯзи дилам чун нагудозад чун шамъ,
Ки ба коми дигарон анҷуман оростаӣ.

---

59 **Лолазор** — хиёбонест дар Теҳрон.
60 **Човуш** — касе, ки пешрави қофила ё лашкар бошад.

Фитна наншиста дар айёми ту аз нав бархост,
На аҷаб аз ту, ки худ фитнаи навхостаӣ.
Узри расвоии худ хоҳам агар бор диҳӣ,
Гарчи сад бор ту худ узри маро хостаӣ.
Эй паричеҳра, ба девонагиям афзудаст,
Ҳар чӣ аз силсилаи зулфи сияҳ костаӣ.
Моҳи ман, он чи бар андоми ту номавзун аст,
Пираҳанпораи меҳрест, ки піростаӣ.
Шаҳриёро, ту бад-ин рӯзи сияҳ боз саҳар
Чашм дар рӯи кӣ бикшудаву бархостаӣ?
Булбули шефтаи ғунчаи хандони туам,
Эй, ки дар боғи адаб гулбуни навхостаӣ.

## МАНУ МОҲ

Маҳтобу сиришке ба ҳам омехта будем,
Хуш рӯиҳам он шаб ману маҳ рехта будем.
Дур аз лаби ширини ту чун шамъи сияҳрӯз,
Хуш оташу обе ба ҳам омехта будем.
То зулфу рухат бардамад аз сояву равшан,
Аз шохаи сарву чаман овехта будем.
Ғирбол ба каф нуқраи хобовари маҳтоб
То атсаи мастони саҳар бехта будем.
Бо гирьяи хунини ману хандаи маҳтоб
Оби рухе аз шабнаму гул рехта будем.
Аз чашми ту сармасту ба болои ту ҳамдаст,
Сад фитна зи ҳар гӯша барангехта будем.
З-он пеш, ки дар зулфи ту бандем дили хеш
Мо риштаи меҳр аз ҳама бигсехта будем.

## ДАСТАМ БА ДОМОНАТ

На васлат дида будам, кошкӣ, эй гул, на ҳиҷронат,
Ки ҷонам дар ҷавонӣ сӯхт, эй ҷонам ба қурбонат.
Таҳаммул гуфтиву ман ҳам, ки кардам солҳо, аммо
Чӣ қадр охир таҳаммул, балки ёдат рафта паймонат.
Чу булбул нағма хонам, то ту чун гул покдомонӣ,
Ҳазар аз хори домангир кун дастам ба домонат.
Таманнои висолам нест ишқи ман магир аз ман,
Ба дардат хӯ гирифтам, нестам дар банди дармонат.
Умеди хастаам, то чанд гирад бо аҷал гуштӣ,
Бимирам ё бимонам, подшоҳо, чист фармонат?

Шабе бо дил ба ҳиҷрони ту, эй султони мулки дил,
Миёни гирья мегуфтам, ки ку, эй мулк, султонат.
Чӣ шабҳое, ки чун соя хазидам пои қасри ту,
Ба уммеде, ки маҳтоби рухат бинам дар айвонат.
Ба гарданбанд лаъле доштӣ чун чашми ман хунин,
Набошад хуни мазлумон, ки мегирад гиребонат?
Дили тангам ҳарифи дарду андуҳи фаровон нест,
Амон, эй сангдил, аз дарду андуҳи фаровонат.
Ба шеърат, Шаҳриёро, бедилон то ишқ меварзанд,
Насими васлро монад навиди табъи девонат.

## ЮСУФ ДАР ҚУЛБАИ ЭҲЗОН

Ба талабгории ҷон он бути ҷонони ман омад,
Баъди умре, ки ба лаб дар талабаш ҷони ман омад.
Эй дил, аз лолаву гул суфра биоро й, ки он моҳ,
Чун гул аз меҳр бихандиду ба меҳмони ман омад.
То гулистон кунад офоқ ба Яъқуби ҳазинаш,
Юсуфе буд, ки дар кулбаи эҳзони ман омад.
Сояи бум фаро рафт магар аз лаби бомам,
Ки ҳумои ҳарами қудс[61] дар айвони ман омад.
Нозам он даст, ки паймонаи тавфиқ бад-ӯ дод,
То ба пои дилу ҷон бар сари паймони ман омад.
Даст дар гарданаш овардаму чун чанбари зулфаш,
Гӯӣ тавфиқ ҳама дар хами чавгони ман омад.
Ман супурдам ба нигорин ғазалаш хатти ғуломӣ,
Ӯ ба фармони хати ғолия султони ман омад.
Тофт рӯи туам аз дида ба саҳни дили торик,
Гӯӣ, аз равзана маҳтоб ба зиндони ман омад.
Дар ғами зулфи парешони ту охир ба сари ман,
Ҳарчи омад ҳама аз бахти парешони ман омад.
Худ надонад, ки чиҳо рафта рақам дар хати сабзаш,
Он паричеҳра, ки девонаи девони ман омад.
Шаҳриёро, ҳамаро лутфи сухан нест, ки ин бахш
Ояте буд, ки нозил ҳама дар шони ман омад.

## ИНТИҚОМИ ИШҚ

Моил шуда мо ҳам ба ҷафокортар аз хеш,
Дил дода ба дилдори дилозортар аз хеш.

---

[61] Қудс — пок.

## СЕТОРИ МАН

Нолад ба ҳоли зори ман имшаб сетори ман,
Ин мояи тасаллии шабҳои тори ман.
Эй дил, зи дӯстони вафодори рӯзгор
Ҷуз сози ман набуд касе созгори ман.
Дар гӯшаи ғаме, ки фаромӯши оламест,
Ман ғамгусори созаму ӯ ғамгусори ман.
Ашк аст ҷӯйбори ману нолаи сетор,
Шаб то саҳар таронаи ин ҷӯйбори ман.
Чун ништарам ба дида халад нӯшханди моҳ,
Ёдаш ба хайр ханҷари мижгони ёри ман.
Рафту ба ахтарони сиришкам супурд ҷой
Моҳе, ки осмон бирабуд аз канори ман.
Охир қарори зулфи ту бо ман чунин набуд,
Эй мояи қарори дили беқарори ман!
Дар ҳасрати ту мираму донам ту, бевафо
Рӯзе вафо кунӣ, ки наояд ба кори ман.
Аз чашми худ сиёҳдилӣ вом мекунӣ,
Хоҳӣ магар гарав барӣ аз рӯзгори ман?
Ахтар бихуфту шамъ фурӯ мурду ҳамчунон
Бедор буд дидаи шабзиндадори ман.
Ман шоҳбози аршаму мискин тазарви хок
Бахташ баланд нест ки бошад шикори ман.
Як умр дар шарори муҳаббат гудохтам,
То сайрафи[62] ишқ чи санҷад иёри ман.
Ҷуз хуни дил нахост нигорандаи сипеҳр
Бар сафҳаи ҷаҳон рақами ёдгори ман.
Зангори заҳр хӯрдаму шангарфи хуни дил,
То ҷилва кард ин ҳама нақшу нигори ман.
Дар бӯстони табъи ҳазинам чу бигзарӣ,
Парҳез пеши хори ман, эй гулъузори ман.
Ман Шаҳриёри мулки сухан будаму набуд
Ҷуз гавҳари сиришк дар ин шаҳр ёри ман.

## АФСОНАИ ВАФО

Эй сарви сарфароз, ки боло гирифтаӣ,
Чун шуд, ки соя аз сари мо во гирифтаӣ?
Эй сарви боғ, саркашӣ аз боғбон хатост,

[62] Сайраф — сарроф.

Ҷ-уро хамида қад, ки ту боло гирифтаӣ.
Пой аз сарам дареғ мадор, эй ҷавон, ки ман,
Ҷонам ки даст рафта, ту то по гирифтаӣ.
Чун ашкам аз ду дида куҷо меравӣ, ки ту
Чун доғи ишқ дар ҷигарам ҷо гирифтаи.
Хӯ бо хасон гирифтаӣ, эй гул, ба рағми ман,
Ин хӯи зишт бин, ки ту зебо гирифтаӣ.
Дур аз ту буд нукта ба ёрон фурӯхтан,
Нодон наӣ, ки хӯрда ба доно гирифтаӣ.
Чун субҳ хандам ар ки бубинам чу офтоб
Аз ҷайби ман баромада дунъё гирифтаӣ.
Афтоданат ба дасти ҳарифон шикастагист,
Панде, ки худ зи соғари саҳбо гирифтаӣ.
Ҷамъе ба даври шамъи ту парвонаанду лек
Оташ дар он миёна ту танҳо гирифтаӣ.
Яғмои дину дил на басат буду ҳолиё
Дар шеър низ шеваи яғмо гирифтаӣ.
Бар чашми ман бибанд, ки ғофил набинамат,
«Он пунбае, ки аз сари мино гирифтаӣ».
Аз тири хома дидаи устод дӯхтан,
Машқи вафо набуд, ки аз мо гирифтаӣ.
Аз ашки ман шукуфтиву акнун ба чашми ман,
Эй гул, зи ашк роҳи тамошо гирифтаӣ.
Меҳру вафо фасона чу анқост, Шаҳриёр,
Фориғ туӣ, ки узлати анқо гирифтаӣ.

## АФСОНАИ ШАБ

Мондам ба чаман, шаб шуду маҳтоб баромад,
Симои шаб оғишта ба симоб баромад.
Овехт чароғи фалак аз торами[63] нилӣ,
Қандили шаб овезаи меҳроб баромад.
Дарьёи фалак дидаму бас гавҳари анҷум,
Ёд аз туам эй гавҳари ноёб баромад.
Шуд маст чу ман булбули ошиқ ба чаманзор,
То лола ба каф ҷоми маи ноб баромад.
Тасвири хаёли ту парӣ кард таҷаллӣ,
Чун шамъ ба хилватгаҳи асҳоб баромад.
Чун ғунча дили танги ман оғишта ба хун шуд,
То ёдам аз он навгули сероб баромад.

---

[63] Торам — осмон.

Моҳам ба назар дар дили абри муталотум,
Чун завраҷи афтода ба гирдоб баромад.
Эй мурғи ҳақ, афсонаи шабгир раҳо кун,
Дар дидаи мастони чаман хоб баромад.
Аз рози фусункории шаб парда барафтод,
Ҳар рӯз, ки хуршеди ҷаҳонтоб баромад.
Дидам ба лаби ҷӯй ҷаҳони гузаронро,
Офоқ ҳама нақши рухи об баромад.
Аз қайди[64] маҳу меҳр ба роҳат накунад хоб,
Он кас, ки дар ин манзили нобоб баромад.
Дар суҳбати аҳбоб зи бас рӯю риё буд,
Ҷонам ба лаб аз суҳбати аҳбоб баромад.
Қай буда вафо, ёди ҳарифон макун, эй дил,
Пиндор, ки он воқеа дар хоб баромад.

### ШАБИ ФИРОҚИ ТУ

Куҷоӣ, эй гули рӯят баҳори дидаи ман,
Баҳор бе гули рӯи ту хори дидаи ман.
Хазони ҳаҷри ту боғи дилам супурд ба хор,
Куҷоӣ, эй гули рӯят баҳори дидаи ман.
Ғубори дидаи ман нақши хати дилкаши туст,
Мабод шуста ба ашк ин ғубори дидаи ман.
Ҳавои қомати чун сарват аз навои сетор
Фузуда замзама бар ҷӯйбори дидаи ман.
Чу лола сурх шуд аз шарми орази ту, равост,
Ки чашмасор шавад шармсори дидаи ман.
Бунафша лола чу худ шармгин нахоҳад дид,
Магар, ки рӯи ту гардад дучори дидаи ман.
Саводи зулфи ту пайванди рӯзи равшани мост,
Биёву тира макун рӯзгори дидаи ман.
Шаби фироқи ту шоҳид бувад ситораи субҳ,
Ки хоб ранҷа шуд аз интизори дидаи ман.
Канори дидаи ман коргоҳи нақши ту буд,
Ба тифли ашк супурдӣ канори дидаи ман.
Нисори табъи ман аз дур мепазирӣ, лек
Насиби хок писандӣ нисори дидаи ман.
Дигар ба кори дил андеш, эй камонабрӯ,
Ки сохт тири нигоҳи ту кори дидаи ман.

---

[64] **Қайд** — банд, гирифторӣ.

Равост чои ту дар чашми Шаҳриёр, эй ашк
Ки нест ҷуз ту дар ин шаҳр ёри дидаи ман.

## ШАРМУ ИФФАТ

Ноладам пой, ки чанд аз паи ёрам бидавонӣ,
Ман бад-у мерасам, аммо ту, ки дидан натавонӣ.
Ман саропо ҳама шармам ту саропо ҳама иффат,
Ошиқи по ба фирорам ту, ки ин дард надонӣ.
Чашми худ дар шикани хат бинуҳуфтам, ки ба дуздӣ
Як назар дар ту бубинам, чу ту ин нома бихонӣ.
Ба ғазал чашми ту саргарм бидорам ману зебост,
Ки ғизоле ба навои наи маҳзун бичаронӣ.
Аз сари ҳар мижаам хуни диловехта чун лаъл,
Хоҳам, эй бод, худоро, ки ба гӯшаш бирасонӣ.
Гарчи ҷуз заҳр ман аз ҷоми муҳаббат начашидам,
Эй фалак, заҳри уқубат ба ҳабибам начашонӣ.
Аз ман он рӯз, ки хоке ба кафи боди баҳор аст,
Чашм дорам, ки дигар домани нафрат нафишонӣ.
Ашкат оҳиста ба пиромуни наргис бинишинад,
Тарсам ин оташи сӯз аз сухани ман бинишонӣ.
Ташна дидӣ ба сараш кӯзаи туҳмат бишиканад?
Шаҳриёро, ту бад-он ташнаи ҷонсӯхта монӣ.

## АШҚИ ШАВҚ

Дер омадӣ, ки даст зи доман надорамат,
Ҷон мужда додаам, ки чу ҷон дар бар орамат.
То шӯямат аз он гули ораз ғубори роҳ,
Абре шудам зи шавқ, ки ашке биборамат.
Умре дилам ба сина фишурдӣ дар интизор,
То даркашам ба синаву дар бар фишорамат.
Ин сон, ки дорамат чу лаимон ниҳон зи халқ,
Тарсам бимираму ба рақибон гузорамат.
Доғи фироқ бин, ки тарабномаи висол,
Эй лоларух, ба хуни ҷигар менигорамат.
Чанд аст нархи бӯса бо шаҳри шумо, ки ман,
Умрест, к-аз ду дида гуҳар мешуморамат.
Дасте, ки дар фироқи ту мекӯфтам ба сар,
Бовар надоштам, ки ба гардан дарорамат.
Эй ғам, ки ҳаққи сӯҳбати дерина доштӣ,
Боре чу меравӣ ба худо месупорамат.

Аз ҷӯйбори чашми тарам соя во магир,
То чун мижа ниҳоли тафарруҷ[65] бикорамат.
Рӯзе, ки рафтӣ аз бари болини Шаҳриёр,
Гуфтам, ки нолае кунаму бар сар орамат.

## ГУЛ ПУШТУ РӮ НАДОРАД

Бо рангу бӯят, эй гул, гул рангу бӯ надорад,
Бо лаълат оби ҳайвон обе ба ҷӯ надорад.
Аз ишқи ман ба ҳар сӯ дар шаҳр гуфтугӯест.
Ман ошиқи ту ҳастам ин гуфтугӯ надорад.
Дорад матои иффат аз чор сӯ харидор,
Бозори худфурӯшӣ ин чор сӯ надорад.
Ҷуз васфи пеши рӯят дар пушти сар нагӯям,
Рӯ кун ба ҳар кӣ хоҳӣ, гул пушту рӯ надорад,
Меҳроби абрӯвонат хонад намози дилҳо,
Оре, бимирад он дил, к-аз хун вузӯ надорад.
Гар орзӯи васлаш пирам кунад, макун айб,
Айб аст аз ҷавонӣ, к-ин орзӯ надорад.
Хуршедрӯи ман чун рухсора барфурӯзад,
Рух барфурӯхтанро хуршед рӯ надорад.
Дар тори турраи шаб то рӯи рӯз бинҳуфт,
Дил нест, к-ӯ тааллуқ бо тори мӯ надорад.
Сӯзан зи тири мижгон в-аз тори зулф нах кун,
Ҳарчанд рахнаи дил тоби руфӯ[66] надорад.
Ӯ сабр хоҳад аз ман бахте, ки ман надорам,
Ман васл хоҳам аз вай қасде, ки ӯ надорад.
Бо Шаҳриёри бедил соқӣ ба саргаронист,
Чашмаш магар ҳарифон май дар сабӯ надорад.

## ЛОЛАИ СЕРОБ

Нафасе доштаму нолаву шеван кардам,
Бе ту бо марг аҷаб кашмакашӣ ман кардам.
Гарчи бигдохтӣ аз оташи ҳасрат дили ман,
Лек ман ҳам ба сабурӣ дил аз оҳан кардам.
Лола дар домани кӯҳ омаду ман бе рухи дӯст,
Ашк чун лолаи сероб ба доман кардам.
Дар рухи ман макун, эй гунча, зи лабханд дареғ,

---

[65] **Тафарруҷ** — шодиву нишот.
[66] **Руфӯ** — дӯхтан.

Ки ман аз ашк туро шоҳиди гулшан кардам.
Чанд барбод диҳӣ ҳосилам охир умре,
Хӯшаҳои хами гесуи ту хирман кардам.
Шабнам аз гунаи гулбарг нагун буд, ки ман,
Гилаи зулфи ту бо сунбулу савсан кардам.
Зулфу мижгони туро монда руфӯи дили реш,
Пора шуд решаи сабре, ки ба сӯзан кардам.
Дуд оҳам шуду ашки ғамам, эй чашму чароғ,
Шамъи ишқе, ки ба уммеди ту равшан кардам.
На рухи моҳи Манижа, на каманди Рустам,
Оҳ, аз он нола, ки ман дар чаҳи Бежан кардам.
Дигарам душмани ҷон буду намедонистам,
Мани ғофил гилаи дӯст ба душман кардам.
То ту маҳтоб ба зиндони ғамам бинвозӣ,
Тан ҳама чашм ба ҳамчашмии равзан кардам.
Ошьёнам ба сари кунгураи афлок аст,
Гарчи дар ғамкадаи хок нишеман кардам.
Шаҳриёро, магарам ҷуръа фишонад лаби ҷом,
Солҳо бар дари ин майкада маскан кардам.

## МОҲ БАР САРИ МЕҲР

Чӣ шуд, ки бори дигар ёди ошно кардӣ?
Чӣ шуд, ки шеваи бегонагӣ раҳо кардӣ?
Ба қаҳр рафтану ҷавру ҷафо шиори ту буд,
Чӣ шуд, ки бар сари меҳр омадӣ, вафо кардӣ?
Манам, ки ҷавру ҷафо дидаму вафо кардам,
Тӯӣ, ки меҳру вафо дидиву ҷафо кардӣ.
Биё, ки бо ҳама номеҳрубоният, эй моҳ,
Хуш омадиву гул овардиву сафо кардӣ.
Биё, ки чашми ту бо шарму ноз дорад, кас,
Напурсад аз ту, ки ин моҷаро чаро кардӣ?
Закоти қомати чун сарви нозу зулфи дуто,
Биё, ки пушти ман аз бори ғам дуто кардӣ.
Манат ба як нигаҳи оҳувона мебахшам.
Ҳар он чӣ, эй хутанихати ман, хато кардӣ.
Агарчи кори ҷаҳон бар муроди мо нашавад,
Биё, ки кори ҷаҳон бар муроди мо кардӣ.
Ҳазор дард фиристодиям ба ҷон, лекин,
Чу омадӣ, ҳама он дардҳо даво кардӣ.
Калиди ганҷи ғазалҳои Шаҳриёр тӯӣ,
Биё, ки подшаҳи мулки дил гадо кардӣ.

## ШАМЪИ ТӮФОН

Солҳо шамъи дил афрӯхтаву сӯхтаам,
То зи парвона каме ошиқӣ омӯхтаам.
Эй шаби тирадил, он чашмаи рахшанда куҷост,
Ки мани гумшуда ҳам ташнаи ҷонсӯхтаам,
Чашми ҷон гар ба рухат дӯхта дорам, чӣ аҷаб,
Ки ба мижгони ту чашм аз ду ҷаҳон дӯхтаам.
Ҳаргиз афсурда нахоҳад шудан ин оташи тез,
Шамъи тӯфонаму аз ашки худ афрӯхтаам.
Доманафшон ҳама дар пои ту хоҳам андохт
Дурри ашке, ки ба сад хуни дил андӯхтаам.
Зулф як сӯ, ки занӣ, чеҳраи ҷонон бинӣ,
Май худ аз боди саҳар ин ҳунар омухтаам.
Борҳо Юсуфи дилро, ки ба чоҳи ғами туст,
Ду ҷаҳонаш ба харид омаду нафрӯхтаам.
Шаҳриёро, чӣ кунам бо фалаки кӯҳнаҳариф,
Ки ба шатранҷи ғамаш тифли навомӯхтаам.

## БИГЗОР БИМИРАМ

Дар куштани ман даст маёзор, бимирам
В-аз буғз ғулӯ ин ҳама мафшор, бимирам.
Дар куштани ман даст маёзор, ки хоҳам
Дар пои ту худ сар ниҳаму зор бимирам.
Бо тири ғамат ҳоҷати тири дигарам нест,
Эй сахткамон, даст нигаҳ дор, бимирам.
Гуфтӣ: «Ба ту гар бигзарам аз шавқ, бимирӣ»,
Қурбони қадат, бигзару бигзор бимирам.
Ҷон бар сари даст омадам абрӯ ба ишорат,
Ангор, ки теғ аст фуруд ор, бимирам.
Дар рақс чу шамъам макуш аз доману бигзор
Бигдозаму худ оқибати кор бимирам.
То гарди малоле ба дилам аз ту намонад,
Ашке — ду-се аз дида фурӯ бор, бимирам.
Ҳар захм задӣ, ҳасрати захми дигарам буд,
Ин бор намурдам, ки дигар бор бимирам.
Тарсам ба сари хоки ман оиву бигирьйӣ,
Аҳде куну нодидаам ангор, бимирам.
Эй дил чу рухи дӯст бибинӣ ба муқобил,
Ҷонест амонат ба ту, биспор, бимирам.
Шаҳре ба ту ёр асту мани ғамзада бояд
Дар шаҳри ту бе ёру парастор бимирам.

## ФИҒОНИ ДИЛ

Маро надида бирафтӣ, надидаам бигирифтӣ,
Бирав, бирав, ки гирифтори худ надида бирафтӣ.
Биё, ки бо ҳама дурии дил аз ту во нагирифтам,
Бирав, ки бо ҳамаи ёрӣ маро надида гирифтӣ.
Ба арш рафт фиғонам чу рафтани ту шунуфтам,
Ту фориғӣ, ки бирафтӣ фиғони ман нашунуфтӣ.
Ба дӯстии ту нозам, ки аз диёри муҳаббат
Ғарибвор сафар кардиву ба дӯст нагуфтӣ.
Чаро ба ёди ту, эй гул, чу андалеб нанолам‚
Ки дар баҳори ҷавонӣ ба коми дил нашукуфтӣ.
Зи хастаҷоният, эй чашми хунгириста, пайдост,
Ки аз фиғони дилам дӯш то ба субҳ нахуфтӣ.
Гуноҳи толеи ман буд рӯ нуҳуфтанат аз ман,
Вале ту розн дил аз роздори хеш нуҳуфтӣ.
Ту, Шаҳриёр, ба сар рез хоки кӯи надомат,
Ки ӯ бирафту ту хоки раҳаш ба дида нарӯфтӣ.

## АРБОБИ ЗИМИСТОН

Зимистон пӯстин афзуд дар тан кадхудоёнро,
Валекин пӯст хоҳад канд мо як лоқабоёнро.
Раҳи мотамсарои мо надонам аз кӣ мепурсад.
Зимистоне, ки нашносад дари давлатсароёнро.
Ба душ аз барф болопӯши хаз арбоб меояд,
Ки ларзонад тани урьёни бебаргу навоёнро.
Ба кохи зулм борон ҳам, ки ояд сар фурӯд орад,
Валекин хона бар сар кӯфтан донад гадоёнро.
Табиби бемурувват кай ба болини фақир ояд,
Ки кас дар банди дармон нест дарди бенавоёнро.
Ба талхи ҷон супурдан дар сафои ашки худ беҳтар,
Ки ҳоҷат бурдан, эй озодамард, ин бесафоёнро.
Ба ҳар кас мушкиле бурдему аз кас мушкиле накшуд,
Куҷо бастанд, ё раб, дасти он мушкилкушоёнро.
Ниқоби ошно бастанд, к-аз бегонагон растем,
Чу бозӣ хатм шуд, бегона дидем ошноёнро.
Ба ҳар фармони оташ оламе дар хоку хун ғалтид,
Худо вайрон гузорад кохи ин фармонравоёнро.
Ба коми маҳтакир[67] рӯзии мардум дидаму гуфтам,

---

[67] **Маҳтакир** — касе, ки чизеро анбор кунад, то баъдтар ба қимати гарон фурӯшад.

Ки рӯзе суфра хоҳад шуд шикам ин аждаҳоёнро.
Ба иззат чун набахшидӣ, ба зиллат меситонандат,
Чаро оқил наяндешад ҳам аз оғоз поёнро.
Ҳарифе бо тамасхур гуфт, зорӣ Шаҳриёро бас,
Ки мегиранд дар шаҳру диёру мо гадоёнро.

## ҲИҶРОН КАШИДААМ

Доман макаш ба ноз, ки ҳиҷрон кашидаам,
Нозам бикаш, ки нози рақибон кашидаам.
Шояд чу Юсуфам бинавозад Азизи Миср,
Подоши зиллате, ки ба зиндон кашидаам.
Аз сели ашки шавқ ду чашмам маоф дор,
Қ-аз ин ду чашма об фаровон кашидаам.
Ҷоно, саре ба дӯшаму дасте ба дил гузор,
Охир ғамат ба дӯши дилу ҷон кашидаам.
Дигар гузашта, аз сару сомони ман мапурс,
Ман бе ту даст аз ин сару сомон кашидаам.
Танҳо на ҳасратам ғами ҳиҷрони ёр буд,
Аз рӯзгори сифла дучандон кашидаам.
Бас дар хаёл ҳадья фиристодаам ба ту,
Бе хону хона ҳасрати меҳмон кашидаам.
Дур аз ту моҳи ман ҳама ғамҳо ба як тараф
В-ин як тараф, ки минати дунон кашидаам.
Эй то саҳар ба иллати дандон нахуфта шаб,
Бо ман бигӯй қисса, ки дандон кашидаам.
Ҷуз сурати ту нест бар айвони манзарам,
Афсӯс, нақши сурати айвон кашидаам.
Аз саркашии табъи баланд аст, Шаҳриёр,
Пои қаноате, ки ба домон кашидаам.

## ЁДИ ШАҲЁР

Қори гул зор шавад гар ту ба гулзор ой,
Нархи Юсуф шиканад чун ту ба бозор ой.
Моҳ дар абр равад чун ту барой лаби бом,
Гул кам аз хор шавад чун ту ба гулзор ой.
Шона зад зулфи ҷавонони чаман боди баҳор,
То ту пиронасар, эй дил ба сари кор ой.
Эй бути лашкарӣ, эй шоҳи ману моҳи сипоҳ,
Сипар андохтаам ҳар чӣ ба пайкор ой.
Рӯзи равшан ба худ аз ишқи ту кардам шаби тор,

Ба умеде, ки туам шамъи шаби тор ой.
Сояву равшани маҳтоб чунонам ошуфт,
Ки ту аз ҳар дару девор падидор ой.
Чашмдорам, ки ту бо наргиси хоболӯда
Дар дили шаб ба суроғи мани бедор ой.
Хирмани тоати масҷид равад он рӯз ба бод,
Ки ту аз майкада бо оташи рухсор ой...
Мурдаҳо зинда кунӣ гар ба салиби сари зулф,
Исии ман ба дами масҷиди Сардор ой.
Умре аз ҷон бипарстам шаби бемориро,
Гар ту як шаб ба парастории бемор ой.
Эй ки андешаат аз ҳоли гирифторон нест,
Боре андеша аз он кун, ки гирифтор ой.
Бо ман ин рафта қазо, эй дили озурдаи ман,
Ки ту озурдаи ёрони дилозор ой.
Бо чунин дилкашӣ, эй хотираи ёри қадим,
Ҳайфамояд, ки ту дар хотири ағьёр ой.
Лола аз хоки ҷавонон ба дар омад, ки ту ҳам,
Шаҳриёро, ба сари турбати Шаҳёр ой.

## ЁРИ ҚАДИМ

Ёдам накарду шод ҳарифе, ки ёд аз ӯ,
Ёдаш ба хайр, гарчи дилам нест шод аз ӯ.
Бо ҳаққи суҳбати ману аҳди қадими хеш
Ёдам накард ёри қадимӣ, ки ёд аз ӯ.
Дилшод бод он, ки дилам шод аз ӯ нагашт
В-он гул, ки ёри ман накунад, ёд бод аз ӯ...
Бо эътимоди дӯст раво буд зистан,
Овах, ки салб шуд дигарам эътимод аз ӯ.
Ҳоли дилам ҳавола ба девони Хоҷа бод.
Ёр он замон, ки хоста фоли мурод аз ӯ.
Ман бо равони Хоҷа аз ӯ шиква мекунам,
То доди ман магар биситад устод аз ӯ.
Он барқи оҳи мост, ки партав кунанд вом,
Равшангарони кавкабаи бомдод аз ӯ.
Дар рӯзгори Хусрави додори додгар
Бедодгар бутест бути ман, ки дод аз ӯ,
Ёд он замон, ки агар ба ду абрӯ задӣ гиреҳ,
Аз кори баста ҳам гиреҳе мекушод аз ӯ.
Шарм аз каманди турраи ӯ дошт Шаҳриёр,
Рӯзе, ки сар ба кӯҳу биёбон ниҳод аз ӯ.

## БАЛКИ БИЕРЕМ ЁРРО

Эй дил, фироқ сахт гарон карда борро,
Бишкаста пушти тоқати ҷони фигорро.
Ҷонон саре ба дилшудагонаш намезанад,
Ҷон бар лаб аст ошиқи чашминтизорро.
Бархез беш аз ин натавон бори ғам кашид,
Мо меравем, балки биёрам ёрро.
Гулзори табъро агар обе ба ҷӯй буд,
Доман кунем пургулу насрин Нисорро.
**Эй дил, навиштанам ба худо ихтиёр нест,**
Дасте ба пеши гирьяи беихтиёрро.
Бар дил агар ҳануз ғуборест аз манаш,
Ашке бибoрамаш, ки бишуяд ғуборро.
Дорад дилам ҳавои сари зулфи ёр бас,
Захм орзӯ кунад ҳама марҳамгузорро.
Эй дил, қарори васл надода мадеҳ зи даст,
Домони он қарори дили беқарорро.
Эй бод, агар ба турраи он маҳлиқо расӣ,
Торе биёр мӯниси шабҳои торро.
Хатте наменависиву ёде намекунӣ,
Шамъе фирист ошиқи шабзиндадорро.
Парвонагон ҳавои тавофе намекунанд,
Ашк асту оҳ шамъи сияҳрӯзгорро.
Дар боғи мо, ки навбати боди хазон набуд,
Чун шуд ба ҳам заданд бисоти баҳорро.
Мо шаҳриёри кишвари ишқему ҳушдор,
Натвон шикаст кавкабаи Шаҳриёрро.

## МАҚТАБИ ҲОФИЗ

Гузор орад маҳи ман гоҳ-гоҳ аз иштибоҳ ин ҷо,
Фидои иштибоҳе, к-орад ӯро гоҳ-гоҳ ин ҷо.
Магар раҳ гум кунад, к-ӯро гузор афтад бо мо, ё раб,
Фаровон кун гузори он маҳи гум карда роҳ, ин ҷо.
Кулаҳ ҷо мондаш инҷову наёмад дигараш аз пай,
Наояд филмасал, оре, гараш афтад кулоҳ ин ҷо.
Нагӯям ҷумла бо ман бошу тарки комкорон кун,
Ту ҳам шоҳиву, ҳам дарвеш, гоҳ он ҷову гоҳ ин ҷо.
Ҳавои моҳи хиргоҳӣ макун, эй кулбаи дарвеш,
Нагунҷад мавкаби кайвон, шукӯҳи подшоҳ ин ҷо
Шабе, к-он моҳ бо ман буд мегуфтам калиди субҳ

Ба чоҳ афкандаем имшаб, ки дар банд аст моҳ ин ҷо.
Надонистам, ки ҳам аз нимашаб то зад бурун хуршед,
Ки нагзорад аз ғайрат моҳро то субҳгоҳ ин ҷо.
Туӣ он навсафар солик, ки ҳар шаб шоҳиди тавфиқ,
Чароғат пеши по дорад, ки роҳ ин ҷову чоҳ ин ҷо.
Ба кӯи ишқ ё қасри шаҳон ё кулбаи дарвеш,
Фурӯғи дӯст меҳохӣ ту хоҳ он ҷову хоҳ ин ҷо.
Биё, к-аз додхоҳӣ он дили нозук наранҷонам,
Кудуратро фаромӯш карда бо оина оҳ ин ҷо.
Сафар мапсанд ҳаргиз, Шаҳриёр, аз мактаби Ҳофиз,
Ки сайри маънавӣ ин ҷову кунҷи хонақоҳ ин ҷо.

### ҲАДЬЯ БА ҲОФИЗ

Сархуш онон, ки сари хира ба хумхона заданд,
Сар кашиданд хуму пой ба паймона заданд.
Такья бар мистабаи[68] садрнишинон доданд
В-аз кафи сидранишинон маи мастона заданд.
Гавҳари ошиқӣ аз кунҷи харобот биҷӯй,
Ҳам аз ин ҷо масали ганҷ ба вайрона заданд.
Ҳамаро хандаи шамъ аст хушоянд, вале
Доғи ин ишқи ҷигарсӯз ба парвона заданд.
Тешаи хонабарандози парешонон буд,
Он чи бар турраи зулфи ту парӣ шона заданд,
Эй басо силсила, к-аз мӯи ту, эй силсиламӯ,
Боз карданду ба пои дили девона заданд,
Кайравоне ҳам аз ин қофилаафсори гусил.
Раҳ набурданд ба максуду ба афсона заданд.
Шона холӣ кунад аз аҳди амонат афлок,
Ман чиям, к-ин ҳама борам ба сари шона заданд.
Ҷои пое ба ҳама кунгураи гардун нест,
Хишти ин кохи ҳукумат чӣ ҳакимона заданд.
Чӣ тилисме, ки аз ин қалъа ба дар роҳе нест,
Ҳама фарьёд аз ин фитнаи фаттона заданд.
Чист ин хӯшаи Парвин, ки шиҳобандозон,
Мурғи андеша бад-ин дому бад-ин дона заданд.
Мо ба бегонагӣ аз зулм чӣ бо худ кардем,
К-ошноён ба тазаллум дари бегона заданд.
Баъди Ҳофиз даҳане хуш ба ғазал боз нашуд,

---

[68] **Мистаба** — тахт; ҷое ки аз сатҳи замин ё хона баландтар бошад ва касе бар он нишинад.

Орифон қуфли адаб бар дари ин хона заданд.
Рангу бӯи гулу райҳони ҷаҳоне, гӯӣ
Ҷамъ карданду ба ин сар гули райҳона заданд.
На ба ҳар ҳуҷлаи табъе ҳунар оранд арӯс,
Шаҳриёро, чи ҳарифон, ки чаку чона заданд.

## СИПОҲИ МАН

Манам, ки шеъру тағаззул паноҳгоҳи ман аст,
Чунон ки қавлу ғазал низ дар паноҳи ман аст
Сафои гулшани дилҳо ба абру борон нест,
Ки ин вазифа муҳол ба ашку оҳи ман аст.
Салои субҳи ту додам ба нолаи шабгир,
Чи рӯзҳо, ки сапед аз шаби сиёҳи ман аст.
Ба оламе, ки дар ӯ душманӣ ба ҷон бихаранд,
Аҷаб мадор, агар ошиқӣ гуноҳи ман аст.
Агар намонда кас аз дӯстони ман бар ҷо,
Вафои аҳди маро душманон гувоҳи ман аст.
Ҳар он гиёҳ, ки бар хоки мо дамида, бибӯй,
Агар ки бӯи вафо медиҳад, гиёҳи ман аст.
Кунун, ки рӯ ба ғуруби офтоби меҳру вафост,
Ҳар он ки шамъи диле барфурӯхт моҳи ман аст.
Ту ҳар киро, ки чапу рост тохт, фарзин гӯй,
Пиёда гар ба хати мустақим, шоҳи ман аст,
Нигоҳи ман натавонад ҷамоли ҷонон ҷуст,
Ҷамоли ӯст, ки ҷӯяндаи нигоҳи ман аст.
Ман аз ту ҳеҷ нахоҳам ҷуз он чи бипсандӣ,
Ки дилписанди ту, эй дӯст, дилбахоҳи ман аст
Чӣ ҷои нола, гар оғӯшам аз сетор тиҳист,
Ки нағмаи қаламам «Шӯр»-у «Чоргоҳ»-и[69] ман аст.
Хутути дафтари ман сими созро монад,
Қалами муояна мизроби сар ба роҳи ман аст.
Кулоҳи фақр басе ҳаст дар ҷаҳон, лекин,
Нигини тоҷи шаҳон дар пари кулоҳи ман аст.
Шикастани сафи ман кори бесафоён нест,
Ки Шаҳриёраму соҳибдилон сипоҳи ман аст.

## ИДИ СУЛТОНӢ

Биё, то гул барангезему хор аз бун барандозем,
Ғиреви булбулон мастона бар бому дар андозем.

---

[69] «Шӯр» ва «Чоргоҳ» — номи оҳангҳои мусиқии эронӣ.

Ба шобоши арӯси лола чун раққосаи гулбун,
Ба сад доман гул афшонему дар пояш сар андозем.
Чу заррин гӯшвор хӯша аз шохи раз овезад,
Шабобе лаългун созему дар ҷоми зар андозем.
Шаби ид, эй камонабрӯ, аз он чашму аз он мижгон,
Биё, то тири ҳамчашмӣ ба моҳу ахтар андозем.
Шукӯҳи иди султонист, соқӣ, ҷоми Ҷам баргир,
Ки султони фалакро тоҷи хуршед аз сар андозем.
Биҳишти ишқу имон дар дил ороем бо ёрон,
В-агар к-ин дӯзах афрӯзад, ба ҷони кофар андозем.
Чунонам ҳуҷлаи табъе ба марвориди гушорой,
Ки ашки рашк аз чашми арӯси ховар андозем.
Суруди фарвадин сар кун ба сози булбулон, бигзор,
Ки буми шуми ғам бо шовани шаҳривар андозем.
Ба заҳри кину кайфар коми ширин талх натвон кард,
Биё к-ин додхоҳиҳо ба рӯзи маҳшар андозем.
Ба чандин муҳраи ахтар, ки назди осмон дорад,
Ҳарифи деви зулматро ба чоҳи шашдар андозем.
Таманнои сухан аз мо макун бо гӯши ҷони кар,
Ки мо ин гӯшвори зар ба гӯши дилбар андозем.
Ба даври чоҳи замзам чанд чархӣ, дар харобот ой,
Ки бо чархоби[70] чархуштат[71] ба оби Кавсар андозем.
Агар чарх оташ афрӯзад, ки моро ошьён сузад,
Ба дуди оҳ чун ҳола маҳаш дар ҷанбар андозем.
Гарат киштӣ ба тӯфонҳо наёрад тоқати гуштӣ,
Биё, эй нохудо, чанде ба соҳил лангар андозем.
Ҳавои сарди Табрезат таби ишқе наянгезад,
Биё мо, Шаҳриёро, худ ба шаҳри дигар андозем.

## ҶАҲОНДОРУ ҶАҲОНДОВАР

Напиндорӣ, ки дил ҳар дам фиғон аз сар намегирад,
Валекин бо ту сангиндил фиғоне дар намегирад.
Саре чун осмон бар остон мехоҳамат, лекин,
Баланд аст орзу донам, ки ҳаргиз сар намегирад.
Бад-он саф дар сафи мижгон наёрад дил ба даст аз мо,
Аҷаб султони лашкаркаш, ки як кишвар намегирад.
Сари зулфаш чаро дар бар нагирад рӯи моҳашро,

[70] **Чархоб** — чархе, ки бо об ҳаракат мекунад, гирдоб.

[71] **Чархушт** — чархе, ки бо он оби ангур мегиранд, зарфе, ки ангурро дар он рехта лагадкӯб мекунанд, то обашро гиранд.

Магар абри сияҳ хуршедро дар бар намегирад?
Диле дорам, ки сар аз пои ҷонон бар намедорад,
Саре дорам, ки ҷуз савдои он дилбар намегирад.
Бад-ин фарру фуруғ он маҳ чаро бе парда чун хуршед,
Замину осмонро дар зару зевар намегирад.
Ту бар лаб ҷоми Ҷам дориву бо ошиқ напаймоӣ,
Дареғ аз чун туе соқӣ, ки як соғар намегирад.
Қаманди куфри зулфашро насӯзад бо асирон дил,
Ки оҳи мустамандон дар дили кофар намегирад.
Ҳисори чашми масташро бинозам он сафи мижгон,
Ки лашкар роҳи шери нар аз ин хуштар намегирад.
Ба оҳе хирмани зулфаш ба ҳам резад дили ошиқ,
Касе доди дил аз дилбар аз ин беҳтар намегирад.
Чу ёқути лаби ҷонон таҷаллӣ мекунад дар ҷом,
Чаро соқӣ баҳои май дуру гавҳар намегирад.
Ба тахти дил наёрам подшоҳе ҷуз ту биншондан,
Бале, ҷои маҳу хуршедро ахтар намегирад.
Ҷаҳон зиндони торике шуд аз ҷаври ҷаҳондорон
Магар доди дили мардум ҷаҳон довар намегирад?
Чаро дуди мазолим чашми хубон ҳам нагиряд,
Магар оташ чу боло зад, ба хушку тар намегирад?
Ҷаҳонгир аст шеъри Шаҳриёр, аммо чӣ сирре буд,
Ки қонеъ шуд ба Эрону ҷаҳон яксар намегирад.

## ҲУДҲУДИ САБО

Онон, ки сурма аз ради пои шумо кунанд,
Эй кош, сурмадон ҳама аз чашми мо кунанд.
Чун ҳудҳуди сабо бикушоянд чашми ғайб,
Онон, ки хоки пои шумо тӯтиё кунанд.
Оё бувад, ки комравоёни куи васл,
Коме ҳам аз балокаши ҳиҷрон раво кунанд...
Он ҷо, ки сабр талх надонад табиби ишқ
Мушкил зи дардманди ту дарде даво кунанд.
Он ҷо, ки сирри ҳикмат аз абдол муҳтаҷаб,
Амсоли мо чӣ кора, ки чуну чаро кунанд.
Шоҳони кишвари ту бинозам, ки тахту тоҷ
Як сӯ ниҳанду арзи ниёзи гадо кунанд.
Вусъат нигар ба синаи риндон, ки бо адӯ
Нафрин кунанд мардуму инҳо дуо кунанд.
Душман дар ин миёна набинӣ, ки дӯстон.
Донанд, ки ин муомилаҳо бо худо кунанд...

Ман ҳама ҷону диле зинда ба ишқам, оре,
Обу гил гӯ, бирав аз оташи дил барбодам.
Нуктаи холи ту дар майкада аз ман биситонд,
Он чи дар мадраса омӯхта буд устодам.
Фитнаи чашми ту ҳар ғамза китоби рамзест,
Ки ба як лаҳза диҳад рози ду олам ёдам.
Шаккару пистаи лаъли ту ба минқори ман аст,
Рӯзгорест, ки ман тӯтии ин қаннодам.
Қаду болову руху зулфи ту бошад манзур,
Гар ҳадисе равад аз сарву гулу шамшодам.
Кавкаби бахти ман афрӯхт чароғи маҳу меҳр,
Ман бад-ин кавкаба аз модари гардун зодам.
Мурғи боми малакутам қафасам дар накушуд,
Ки ба гӯши малакуларш расад фарёдам.
Як нигоҳи туам аз нақди ду олам бас буд,
Як назар дидаму товони ду олам додам.
Ман агар риштаи паймони ту бастам зи азал,
Пои паймони ту ҳам то ба абад истодам.
Дар ғами лоларухон аз паси ҳар доғ диле,
Доғи дигар расад аз дар ба саломатбодам.
Ғаму шодии ҷаҳонам ба ҷуз аз ёде нест,
Эй ҳама ёди ту шодон, ки ба ёдат шодам.
Шаҳриёро, чӣ ғамат ҳаст, ки чун Хоҷаи хеш,
«Бандаи ишқаму аз ҳар ду ҷаҳон озодам».

## ҚОВАИ НАВРӮЗ

Танӯри лола афрӯзад ниҳеби боди наврӯзӣ,
Биё, к-аз шӯълаи оҳе танӯри сина афрӯзӣ.
Баромад чира бар Заҳҳоки Баҳман Қоваи наврӯз,
Ба душ аз сарву шамшодаш дурафши фатҳу фирӯзӣ.
Дарахти гул ба гулшан духтари гулдӯзро монад,
Чаман худ аз гулу бутта нигоринкори гулдӯзӣ.
Баҳоре бевафо дорӣ ба худ чандин маноз, эй гул,
Ки то як ҳафта тороҷ аст тоҷи мири наврӯзӣ.
Надонам рози шӯру мастии ин обшорон чист,
Ки чун Ҳофиз навое ҷовидон дорад ба мармузӣ.
Надонам оташи Ҳофиз бар ин авроқи девон чист,
Ки то дар ман гирифта, нолае дорам шабонрӯзӣ.
Клоси[74] созу овозест боғ аз нағмаи мурғон,

---

[74] Клос — класс, синфхона.

Саборо лаҳни устодиву булбулро навомӯзӣ.
Зараксозии парвона ҷамоли ҷоннисориҳост,
Ки чун мутриб сар андозад ба поёни зарандӯзе.
Чашидӣ таъми зиндон дар дили фонуси худ, эй шамъ,
Шаби зиндониён тай кун ба дамсозиву дилсӯзӣ.
Маҳоҳ аз тангчашме тира рӯзи равшани мардум,
Бубин, к-аз чоҳкан танг аст чашми раззану рӯзӣ,
Диле, к-ӯ Шаҳриёро, меҳр бо офоқ меварзад,
Ҳама наврӯзи фаррух хоҳад аз айёму фирӯзӣ.

## АРӮСИ БАҲОР

Арӯси боғу баҳорам ба хоб дӯш омад,
Ки бонги булбулам аз нимшаб ба гӯш омад.
Саҳар ба бӯи гулам дида боз шуд, к-аз дар
Ба ишва духтари хандони гулфурӯш омад,
Ба шодбоши баҳорам шукуфа бар сар рехт,
К-аз ин шукуфтани гул неш рафту нӯш омад.
Ба нақши пираҳани парниён башорат дод,
Ки кӯҳу бешаву саҳро парандпӯш омад.
Шақоиқ афсару савсан сипоҳи ҷовидон,
Чаман катибае аз нақши Дориюш омад.
Сапедадам ба чаман шав, ки аз дами асҳор,
Ҷавонаҳои баҳорӣ ба ҷунбуҷӯш омад.
Ҷанини ғунчаи гул бо таронаи булбул
Кушуд чашму зи хоби адам ба ҳуш омад.
Ба шохсори хаму қумриёни дастонсоз,
Дарахт чанг шуду чанг дар хурӯш омад.
Чу ишқ ҳалқа ба дар зад, саре бинеҳ бар хок,
Ба шукри он ки шуд Аҳриману суруш омад.
Хушам, ки аз дили абри ғам офтоби ватан,
Бурун ба кӯрии чашми ватанфурӯш омад.
Ба ҳуш бошу мазан хайма аз ватан берун,
Ки Шаҳриёр заду хонумон ба дӯш омад.

## ЧАШМАИ АБАДИЯТ

Шукуфтам ба тамошои чашми шаҳлое,
Ки ҷуз ба чашми дилаш нашкуфад тамошое.
В-агар ба дидаи дил рухсати тамошо дод,
Зи ҳар карона таҷаллӣ кунад ба симое...
Равоқи чашм, ки як инъикоси ӯ офоқ

Роҳи минӯи ту минои маям дод нишон,
Ҳар ки минои маяш буд, ба минӯи ту буд.
Фитнаи Сомириву ҷилваи Синои Калим,
Гӯшаи абрӯе аз ғамзаи ҷодуи ту буд.
Шамъдонии[76] саҳар боз шуду иқди паран,
Охирин хӯшае аз шохаи шаббӯи ту буд.
Гарчи девонагӣ аз ҷониби мо рафт, вале,
Фитнаҳо зери сари силсилаи мӯи ту буд.
Дарди пирӣ ба даме сард фурӯ кушт, эй дил,
Таби ишқе, ки табиби туву доруи ту буд.
Шаҳриёр арчи сухангӯи ту шуд, эй Ҳофиз.
То абад ҳам хиҷил аз лаъли сухангӯи ту буд.

## МЕҲРОБУ МИНБАР

Мушрикон[77], к-аз ҳар салоҳе фитнаву шар мекунанд,
Аз або ҳангома в-аз аммома маҳшар мекунанд.
Ин муҳаббат мӯҳтасиб бо даккаи[78] габрон накард,
К-ин гурӯҳ тӯҳфа бо меҳробу минбар мекунанд.
Як сухан, к-аз дил барояд, бар лаби ин қавм нест,
Гарчи аз бонги азон гӯши фалак кар мекунанд.
Дар дили мардум ҳароси кайфар андозандагон,
Худ чаро камтар ҳарос аз рӯзи кайфар мекунанд?
Соқиёни кавсаранд, аммо шаб аз дасти хумор,
Пои хум ҳам мехазанду май ба соғар мекунанд.
Дар камини аҳли имон бо каманди кайду кин,
Пушти ҳар санге, ки меёбанд, сангар мекунанд.
Он чи дин дар қарнҳо қофар мусулмон карда буд,
Ин ҳарифон ҷумларо якрӯза кофар мекунанд.
Чун ҳақоиқ масх шуд, дин ҷуз яке афсона нест,
Кӯрдил онон, ки ин афсона бовар мекунанд.
Зиндагиро охӯру обашхӯре донанду бас,
Ваҳ ки инсон ҳамқатори аспу астар мекунанд.
Вой аз ин бадхабра атторон, ки аз хабти димоғ[79],
Пушкро[80] ноибманоби мушку анбар мекунанд.
Курадамҳо ғофиланд аз кимиёкорони ишқ,
К-аз нигоҳе сиккаи қалби мисин зар мекунанд.

---

[76] **Шамъдонӣ** — як навъ гули сурх.
[77] **Мушрикон** — касе, ки ба худоёни зиёд эътиқод дорад.
[78] **Дакка** — дӯкон, чойгоҳ.
[79] **Хабти димоғ** — аз ақл дур шудан.
[80] **Пушк** — саргин.

Дар харобот ой, к-ин ҷо муслиму ғабру яҳуд
Ҷумла аз як ҷуръа май бо ҳам бародар мекунанд,
Нози дарвешону истиғнои эшон, к-аз башар.
Сар фурӯ бурданду аз афришта сар бар мекунанд..
Гар ту бе кафшу кӯлаҳ частӣ ба кӯи майкада,
Бе сару поёни ишқат тоҷ бар сар мекунанд.
Оре, истиғнои табъу кимиёи тарбият,
Лаълро ҳамсанги хоку хокро зар мекунанд.
Сина софӣ кун, ки аз борони раҳмат чун садаф,
Домани дарьёдилон пурдурру гавҳар мекунанд.
Шаҳриёр, аз паллаҳои арш агар боло равӣ,
«Қудсиён бинӣ, ки шеъри Ҳофиз аз бар мекунанд».

## ШАБЕҲИ СОЗИ СУРАЙЕ

Ба ғамза чашми сияҳро ба ҳам мазан ёро,
Ки чашмаки ту ба ҳам мезанад ду дуньёро.
Чӣ шӯъбада аст ки дар чашмакони вахшии ту
Нуҳуфтаанд шаби маҳтоб дарьёро.
Ту худ ба ҷомаи хобиву соқиён сабӯҳ
Ба ёди чашми ту гиранд ҷоми саҳборо.
Қаманди зулф ба дӯш афкану битоз саманд,
Ки чашм монда ба роҳ оҳувони саҳроро.
Ба шаҳри мо чӣ ғизолон, ки сайди халқ кунанд,
Хабар диҳед ғизолони даштпаймоцро.
Надонам аз чӣ ба сар шӯри ишқбозӣ нест
Париваш оҳугони фариштасиморо.
Фиреби ишқ ба даъвии ашку оҳ махӯр,
Ки дарду доғ бувад ошиқони шайдоро.
Қабилаҳо ҳама ошиқвашанд бо ту, вале
Қабилаест, ки Маҷнун шаванд Лайлоро.
Миёни мову ту пирӣ ҳиҷобу фосила нест,
Чи Юсуфе, ки фаромӯш кунад Зулайхоро.
Агарчи Марьями қудс аст, расми Вомиқ нест,
Ки чашм боз кунад ҷуз ҷамоли Узроро.
Ҳанӯз з-ин ҳама наққош моҳу ахтар нест
Шабеҳсозтар аз ашки ман сурайёро.
Агар ба равзаи ризвон расам ҳаромам бод,
Ки ошьён биписандам савои туборо.
Ба ёри мо натавон ёфт, Шаҳриёро, айб
Ҷуз ин қадар, ки фаромӯш мекунад моро.

## РАҲОВАРДИ ШЕРОЗ

Ҳар кӣ чун Зӯҳраи шабгард шӯбонӣ донист,
Дар чарогоҳи фалак чашмчаронӣ донист.
Хатти сайру сафараш ҷилва намояд чун ҷӯй,
Ҳар кӣ чун чашмаи рахшанда равонӣ донист.
Барқ то хандазанон муждаи борон овард,
Бар сари кунгураҳо аспдавонӣ донист.
Мекунад пирӣ бо умри абад поёпой,
Гар касе арзиши айёми ҷавонӣ донист.
Саҳме аз ҳиссаи коми ҳамагон хоҳад дошт,
Ҳар ки саҳмияи худро ҳамагонӣ донист.
Чӣ ҷаҳонгир улуму адабаш буд Эрон,
Ки аламдории фарҳанги ҷаҳонӣ донист.
Ин дарахтест, ки ҷуз мева нисорат накунад,
Гарчи ҳар тифли раҳаш сангпаронӣ донист.
Булбул аз дафтари гул ояти мусиқӣ хонд,
К-ин ҳама пардаи алҳону ағонӣ донист.
Пири майхона аз он ҷо, ки фароғат ғараз аст,
Кулбаи амн беҳ аз кохи амонӣ донист.
Гӯши дил ғар ба ҷарасҳои кавокиб бандӣ,
Роҳи сарманзили мақсуд тавонӣ донист,
Гар ба ҷоми дили бишкаста ҷаҳонбин будӣ,
Хоҳӣ аз даври фалак рози ниҳонӣ донист.
Он кӣ дар донаи ҷон сармадиву софӣ ёфт,
Қолаби тан садафе фосиду фонӣ донист.
Ҷашни таҷлили ҳунар дар ҳама олам алам аст,
Қадри ин мартаба ҳар оливу донӣ донист.
Шаҳриёро, чӣ раҳоварди ту буд аз Шероз,
Ки ҷаҳони ҳунарат Ҳофизи сонӣ донист.

## СИТОРАИ СУБҲ

Чу офтоб ба шамшери шӯъла бархезад,
Сипоҳи шаб ба ҳазимат чу дуд бигрезад.
Арӯси ховарӣ аз парда барнаёмада, чарх,
Ҳама ҷавоҳири анҷум ба пои ӯ резад.
Ба ҷуз зумурради рахшанда-ситораи субҳ,
Ки тавқ созаду бар тоқи нусрат озезад.
Шаби фироқ чӣ парвезане бувад гардун,
Ки моҳтоб ба ҷуз гарди ғам намебезад...
Ба ишкҳои ҷавонона ҳасратам, оре,

Чӣ гуна ёди ҷавонӣ ҳавас наянгезад.
Матои дилбариву ҳоли дил супурдан нест
В-агарна пир ҳам аз ошиқӣ напарҳезад,
Сафои ишқу муҳаббат гар аз ҷавон ё пир,
Ба мардуме, ки ба номардумӣ наёмезад.
Ту, Шаҳриёр, ба бахту насиб шав таслим,
Ки марди роҳ ба бахту насиб настезад.

## ТАХТА БА ТӮФОНҲО

На аз ин варта наҷоте, ки каноре гиранд,
На бар ин арша суботе, ки қароре гиранд.
Оламе тахта ба тӯфону шикофи амвоҷ
Чун наҳангон ба таҳоҷум, ки шикоре гиранд.
Сарнишинони маҳу меҳр чӣ мешуд, к-аз лутф,
Ба каф аз киштии айём маҳоре гиранд.
Рӯзгорест, ки аз фитнаи чархи даввор,
Халқ ҳар лаҳза ба сар чарху даворе гиранд.
Ҷои он аст, ки чун қиссаи Асҳобулкаҳф[81],
Мардум аз ғорати дин гӯшаи ғоре гиранд.
Лолазорест дили мардуму ҳар доғе аз он
Худ азоест, ки аз лолаузоре гиранд,
Рӯзгори башарият ба сар омад гӯӣ,
Магар ин нолаи шабгир ба коре гиранд...
Қай азои даю бахман ба сар ояд, ё раб,
То гулу сарви чаман ҷашни баҳорӣ гиранд.
Гар бигӯям, ки нагиранд зи гардунам дод,
Дил ба дод ояду фарьёд, ки, оре, гиранд.
Гар гуле суҳбати зоғон бигузинад, бигзор,
Булбулон гул нагузоранд, ки хоре гиранд.
Зиндагӣ бори гароне шуду дилдоронро
Сари он нест, ки аз дӯши ту боре гиранд.
Дӯстдорони дағал гӯ ҳама ёрони садик,
Ошиқонро чӣ диле монда, ки ёре гиранд.
Шаҳриёро, ту чунин пои сукун дар доман,
Кӯҳ худ кист, к-аз ӯ дарсу виқоре гиранд.

---

[81] **Қиссаи Асҳобулкаҳф** — қисса дар бораи ҳафт нафар дӯстони наздики Муҳаммади пайғамбар.

## СОЗИ ФАРОМӮШ

Боғҳо хилвату холист, куҷой, булбул?
Ин ҳама хаставу хомӯш чарой, булбул?
Моҳтоб асту шабе сарду ман ин гӯша хамӯш,
Ҳамдаму ҳамнафасам нест, куҷой, булбул?
Чӣ ба васлу чӣ ба ҳиҷрон, чӣ баҳору чӣ хазон,
Ишқи беғулғула хуш нест, салое булбул.
Боғбонон ҳама дар хона хазиданд аз барф,
Дар ҳама боғ набинӣ ради пои булбул.
Дигар ин арбадаҷӯён ҳама рафтанд, биё,
Аз кулоғон на сареву на садое, булбул.
Дигар аз дому қафас ҳам хабаре нест, бихон,
Аз қафас роҳату аз дом раҳой, булбул.
Лекин аз фитна на сарве ба чаман монда, на коҷ,
Чӣ муҳиб офату тӯфони балое, булбул.
Хушк шуд ҷӯй, биё об ба чашм андозем,
Бу, к-аз ин чашма биёбем сафое, булбул.
Гули ман низ ба тороҷи хазон рафта, биё,
То азизона бигирем азои булбул.
Ту вафо бо гули сурхат куну ман бо гули зард,
Ту ба шӯре бизану ман ба навое булбул.
Ман бихонам даҳаневу даҳане ҳам ту бихон,
Фарз кун сози фаромӯши сабои булбул.
Дарди мардум ҳама дармон шудаасту танҳо
Дарди танҳоии ман монда давои булбул.
Ҳеҷ сӯзе на ба соз асту на сеҳре ба сухан,
Нест ҷуз сӯзи ту созе ба сазои булбул
Ёд кун, к-аз чамону боғ фирорат доданд,
Ки ту аз силсилаи сабзқабой, булбул.
Чӣ ҷаҳоне, ки баҳодор дар ӯ зоғу заған,
Лек бо мурғи чаман нест баҳои булбул.
Боре аз замзама бо дилшудагон ҷоне бахш,
Шукри онро, ки чунин нағмасарой, булбул.
Нафасат ҳаст ба шукрона ба боғу чаман ой,
То баҳор ояду аз ғам бадар ой, булбул.
Гар ҷавонӣ ба ҳадар рафта, дилозурда мабош,
Зиндагӣ чист ба ҷуз боду ҳавое, булбул.
Шаҳриёр, аз гиреҳи кор лаби шукр набаст,
Ки худое бувад у коркушое булбул.

## ҲОФИЗ, ХУДО ҲОФИЗ
(Шаби охири ҷашни ҳунар дар Ҳофизия)

Ба тавдеи ту ҷон мехоҳад аз тан шуд ҷудо, Ҳофиз,
Ба ҷон кандан видоат мекунам, Ҳофиз, худо ҳофиз.
Санохони туам то зиндаам, аммо яқин дорам,
Ки ҳаққи чун ту устоде нахоҳад шуд адо, Ҳофиз.
Ман аз аввал, ки бо хуноби ашки дил вузӯ кардам,
Намози ишқро ҳам бо ту кардам иқтидо, Ҳофиз.
Ҳам аз чоҳам баровардиву ҳам роҳам нишон додӣ,
Ки ҳам ҳублулматин будиву ҳам нурулхудо, Ҳофиз.
Ту соҳибхирманиву ман гадои хӯшачин, аммо
Ба инъоми ту шоистан на ҳадди ҳар гадо, Ҳофиз.
Ба шеъре, к-аз ту дар оғози ишқи кӯдакӣ хондам,
Ба гӯши ҷон ҳанӯзам аз худо ояд нидо: «Ҳофиз».
Ба рӯи санги қабри ту ниҳодам синаи сангин,
Ду дил бо ҳам сухан гуфтанд бе савту садо, Ҳофиз.
Дар ин ҷо ҷомаи шавқе қабо кардан на дарвешист,
Тиҳӣ кун хирқаам аз тан, ки ҷон бояд фидо, Ҳофиз.
Ту ишқи покиву пайванди ҳусни ҷовидон дорӣ,
На ҳуснат интиҳо дорад, на ишқат ибтидо, Ҳофиз.
Суханро гар ҳама як ҷумлаи дастурӣ ангорем,
Туву Саъдӣ хабар будеду боқӣ мубтадо Ҳофиз.
Ҳар он, к-ӯ занги ғам дорад ба дил аз ғамзаи хубон,
Ту биздоӣ ғамаш аз дил, ба сози ғамзудо, Ҳофиз.
Магар дил меканам аз ту, биё, меҳмон ба роҳ андоз.
Ки бо ҳасрат видоат мекунам Ҳофиз, худо ҳофиз.

## ТУӢ ҲОФИЗ?

Расидам дар туву дастат зи доман барнамедорам,
Туӣ Ҳофиз? Ман ин аз бахти худ бовар намедорам.
Мане паймуда Шерозам, ки сар нашносадам аз по,
Саре дар поят афкандам, ки ҳаргиз барнамедорам.
Саводи Каъба дидам, ноқа тай кардам, ки ман з-ин пеш,
Сафар гар мӯҳтарам медоштам, дигар намедорам.
Мусулмонон аз ин ҳирмон маро буд оташе дар дил,
Ки он оташ раво ман бо дили кофар намедорам.
Ба мактабхонаи ирфон китобатҳост, аммо ман
Ба ҷуз дар шеъри Ҳофиз дарси ишқ аз бар намедорам.
Худоё, дар дили ин хок Ҳофиз хуфта? Худ мотам,
Ки аз шӯру шарар барпо чаро маҳшар намедорам.

Ба ҷоми май фурӯ рез обрӯи зӯҳди хушк, эй дил,
Ки дигар оташам, парвои хушку тар намедорам.
Ба зери қуббаи Ҳофиз дуоҳову иҷобатҳост,
Ман ин чатри саодатро чаро бар сар намедорам.
Гиромӣ дор чун ҷон, Шаҳриёро, турбати Ҳофиз.
Ки аз Ҳофиз касеро ман гиромитар намедорам.

## КОРВОНИ ШАККАР

Ишқ, боз ой, ки ҷоне ба танам боз ояд,
**Дил,** ниёз ор, ки дилбар ба сари ноз ояд.
Сар ба зери пару парвои шаби торам бас,
Шамъе афрӯз, ки парвона ба парвоз ояд.
Шаби мову ғами дуньё напазиранд анҷом,
Зулф бикшой, ки афсона ба оғоз ояд.
Шамъи дилсӯзаму бо хилвати шабҳо дамсоз,
Сипарам сина, агар сӯзу агар соз ояд.
Мутрибо, шӯри «Ғамангез»* даромад боре,
Гӯшае зан, ки фурудеш ба «Шаҳноз»* ояд,
Моҳ дар равзана бо ман ба сари таънаву танз,
Ки ба хобат магар он шоҳиди танноз ояд.
Чи рафиқи сафарӣ буд, ки печид инон,
Шаб ба бероҳа, ки бо деву дад анбоз ояд.
Ман ҳанӯзаш сари раҳ мунтазиру саргардон
Ба умеде, ки магар дар хӯраду боз ояд.
Нақши ҳар парда задам гирдаи наққошӣ буд,
Вой, агар сурати ин парда ба пардоз ояд.
Тӯтии мо на ҳама абҷаду ҳавваз, к-ӯро
Ойина аз Ҳалабу шаккар аз Аҳвоз ояд.
Шаб, ки ин қанди ғазал бор занад аз Табрез,
Саҳараш ғулғула аз Ғазнаву Қафқоз ояд.
Саъдӣ ин қофила медида, ки мефармояд:
«Корвони шакар аз Миср ба Шероз ояд».
Ҳиҷлатам боз кунад қуфли хамӯшӣ аз лаб,
Баски дар гӯши дил аз Ҳофизам овоз ояд,
Сарви ман хори муғелон ба ту сарвар хоҳанд
Сар фуруд ор, ки ин сифла сарафроз ояд.
Қас надонад, ки чиҳо рафта миёни ману дӯст,
Маликуларш магар маҳрами ин роз ояд.
Шаҳриёро, қаламе зан, ки дилам хун накунӣ,
Теша хунин, ки бувад хона барандоз ояд.

---

* «Ғамангез», «Шаҳноз» — номи оҳангҳои мусиқии эронӣ.

## ЭЙ ЗАН

Ту лайливаш чу биншинӣ, ба маҳмил маҳмилорой,
Чу аз маҳмил фуруд ойӣ, ба манзил манзилорой.
Ба ҳар заврақ нишинӣ, чун шафақ дарьё кунӣ равшан,
Ба ҳар соҳилрасӣ, чун сарву савсан соҳилорой.
Ту моҳӣ, шаб ба ҳар боме барой, оламафрӯзӣ,
Ту шамъӣ, по ба ҳар маҳфил гузорӣ, маҳфилорой.
На танҳо чашмаи обу гилам дорӣ ҷаҳонафрӯз,
Ки берун аз ҷаҳонам нашъаи ҷону дил орой.
Туро ин ҷилваи ишқ аз ҷаҳони ҷону дил доданд,
Ки чун шамъи тараб ғамхонаи обу гил орой.
Ҷаҳон аз занги ғам бадгил шавад чун рӯи зангиҳо.
Туй, к-аз шӯху шангиҳо ҷаҳоне хушгил орой.
Ба ҳар нохун, ки рангин мекунӣ чун гул, маозуллаҳ[82]
Ба хуни ошиқон ханҷар ба дасти қотил орой.
Ба шохи арғувон хандам, ки пӯшад пираҳан чун ту,
Магар пӯшида монад ҳақ, ки рӯи ботил орой.
Ҷамоле маънавӣ бояд, бигӯ, зӯҳди риёиро,
Сафое кун ба дил ҳосил, ки рух беҳосил орой.
Туро мушкил ба пои хони худ бинам, ки медонам,
Ту шоҳӣ, кулбаи дарвеши мискин мушкил орой.
Ғизоли чашми мастат гӯ бичар дар марғзори шеър,
Ки гулзори ғазал аз Шаҳриёри бедил орой.

## ДОҒИ МУОШИРОН

Рафтанд дӯстону маро ҷо гузоштанд
Танҳо маро набурдаву танҳо гузоштанд.
Аз саҳмҳои фитна яке буд саҳмгин,
Қ-он бар надоштанду ба ман во гузоштанд.
Доғи муоширон ҳама як ҷо чӣ мушкил аст,
Мероси Хизр гӯ ҳама бо мо гузоштанд.
Рафтанд хайлу яктана Маҷнуни покбоз
Аз баҳри шӯру шевани Лайло гузоштанд.
Ҳирмони ишқ бин, ки ба Юсуф ниҳода банд
В-он гоҳ миннате ба Зулайхо гузоштанд.
Бурданд рангу бӯ ҳама бо худ гулу суман,
Ҷуз доғ, к-он ба лолаи хумро гузоштанд.
Дарьёфтанд гулшани ульёву дар замон.

[82] **Маозуллаҳ** — паноҳ бар худо.

Биштофтанду гулхани дунъё гузоштанд.
Чун шуд, ки коштанд маро пой дар саро,
Худ пой бар сарири сурайё гузоштанд.
Аз ман чаро ба ваъдаи имрӯз шуд чазо
В-аз дигарон ба ваъдаи фардо гузоштанд.
Ибрат биёру чашми тааммул, ки лавҳи даҳр,
Танҳо на аз барои тамошо гузоштанд.
Савдои ин фано паи суду бақои туст
В-ин арза з-он ба пеши тақозо гузоштанд.
Ҳар ошиқе шикеб надорад ба доғи ишқ
Ин ғам ба Шаҳриёри шикебо гузоштанд.

## ФИШОРИ ҚАБР

Осмон бо дигарон соф асту бо мо абр дорад,
Мешавад рӯзе сафо бо мо ҳам, аммо сабр дорад.
Аз ғами ғурбат гирифт оинаи чашмам ғуборе,
Қ-офтоби равшанам гӯӣ ниқоб аз абр дорад.
Ин замон зиндониён бинӣ ба зоҳир зинда, аммо
Зиндагӣ чун мурда бо инҳо фишори қабр дорад.
Бо худо аҳде, ки бастем ихтиёр афтоду бишкаст,
З-он замон як коса гардун иддаои ҷабр дорад.
Як хатои тир бо мо панҷаи бабре шуд, оре,
Ин қимори ишқи мо ҳукми шикори бабр дорад...
Пояҳои кулбаи ман чун дилам ларзону резон,
Лекин истабли фалонӣ пояи истабр дорад.
Ин хумори хоксорӣ дар хуму хумхонаи мост,
Хумраи кибру маниро арманиву габр дорад.
Шаҳриёро, сабр фармояд табиби ишқ, лекин,
Сабри мо ҳам таъми талхӣ чун гиёҳи сабр дорад.

## ДИЛИ ДАРВЕШНАВОЗ

Эй чашм хуморин, туву афсонаи нозат
В-эй зулф камандин ману шабҳои дарозат.
Шабҳо манаму чашмаки маҳзуни сурайё,
Бо ашки ғаму замзамаи розу ниёзат.
Худ кистӣ, эй нағманавозандаи бесим,
Имшаб ба ҷигар мехӯрадам захмаи созат?
Боз омадӣ, эй шамъ, ки бо ҷамъ насозӣ,
Биншину ба парвона бидеҳ сӯзу гудозат.
Сар кун ба шабу нолаи шабгири ман, эй дил,

То шабрави ишқем нишеб асту фарозат.
Хонанд намозам, ман агар қибла надонам,
Эй каъбаи дилҳо, ки бихонам ба намозат.
Ганҷинаи розест ба ҳар мўяту з-он мўй
Ҳар чанбара морест ба ганҷинаи розат.
Эй себи биҳиштӣ ба лабу гунаи гулгун,
Доғ аст дили лола, ки деве зада гозат.
Дар хеш занем оташу халқе ба сар орем,
Бошад, ки бубинем бад-ин шўъбада бозат.
Қабку бара шояд ба сари суфраи шоҳон,
Дарвеш, ту сар кун ба ҳамин нону пиёзат.
Сад дашту даман софу тироз омаду як бор,
Эй ҷодаи инсоф надидем тирозат.
Шаҳре ба ту ёрасту ғариб ин ҳама маҳрум,
Эй шоҳ, бинозам дили дарвешнавозат.

## ГАВҲАР ВА ГАВҲАРӢ

Ҷони манӣ чӣ суд, ки дар бар набинамат,
Тоҷи манӣ, чӣ фоида бар сар набинамат.
Аз лутфи табъу ишқу вафо дилбарӣ, вале
Дар дилбарӣ далеру диловар набинамат.
Сангиндило, аз оинаат мекунам қиёс,
Оҳе намекашам, ки мукаддар набинамат.
Ту гавҳариву ман ҳунарӣ марди гавҳарӣ,
Ҳайф аст агар ба ганҷаи гавҳар набинамат.
Сарви маниву нест сари сарварӣ туро,
Сахти ман аст, агар сару сарвар набинамат.
Розӣ шудам ман ин дам охир ба дидане,
Розӣ нашав, ки ин дами охир набинамат.
Ин қадр по ба по макун, аз даст меравем,
Тарсам, ки чашм бандаму дигар набинамат.
Дорам ҳамеша гавҳари имонат орзў,
То мустаҳақи кайфари кофар набинамат.
Эй кош рўсафед барои зи имтиҳон,
То рўсияҳ ба арсаи маҳшар набинамат.
Қанди мукаррар аст туро шеъри Шаҳриёр,
Қанди дигар тўӣ, ки мукаррар набинамат.

## РЎЪЁИ ҶАВОНӢ

Қош пайваста гулу сабзаву саҳро бошад,
Гулрухонро сари гулгашту тамошо бошад.

Зулфи дӯшизаи гул бошаду ғаммози насим,
Булбули шефта шӯридаву шайдо бошад.
Сар ба саҳро ниҳад ошуфтатар аз боди баҳор,
Ҳар кӣ бо он сари зулфаш сари савдо бошад.
Растхези чаману шоҳиду соқӣ махмур,
Чангу най бошаду май бошаду мино бошад.
Ёр қанди ғазалаш бар лабу об оинагун,
Тӯтии ҷонам аз он писта шакарҳо бошад.
Лола афрӯхта бар оина маввоҷи чаман
Чун чароғи қараҷиҳо[83], ки ба дарьё бошад.
Ин шакархоби ҷавонист, ки чун бод гузашт,
Вой аз ин умр, ки афсонаву рӯъё бошад...
Шаҳриёр, аз рухи аҳбоб назар боз магир,
Ки дигар қисмати дидор на пайдо бошад.

## ДУ МУРҒИ ҚОСИД

Маро боз аз чаман овоз доданд,
Дилам аз ошьён парвоз доданд.
Магар бӯи баҳор омад дар ин дашт,
Ки бозам булбулон овоз доданд.
Ба пайкам мутрибони ишқ ронданд,
Паёмам бо забони соз доданд.
Ба зиндон равзан аз боғам кушуданд,
Ба боғам ҳаққи чашмандоз доданд.
Маро сози дили бишкаста аз хок
Гирифтанду ба дастам боз доданд.
Ду мурғи қосидам аз гӯшаи боғ,
Салои сӯҳбати дамсоз доданд.
Азизоне чу Нодирпуру Соя
Ба кунҷи узлатам эъзоз доданд.
Дилам пар зад, чу дар пушти рул он ҷо,
Нишастанду ба мошин гоз доданд.
Чӣ фарқе мекунад Теҳрону Табриз,
Ки аъзоро ба ҳам анбоз доданд.
Фаридунзодагонему ниёгон
Ба мо тиру ба туркон тоз доданд...
Ҷаҳон буд имтиҳоне аз муҳаббат.
Ба ошиқ нумраи мумтоз доданд,
Намоишгоҳи наққошист гетӣ

[83] Қараҷиҳо — киштиҳо.

Ба ин тарҳу ба он пардоз доданд.
Аз ин фирӯза хумми сурмасое
Ба чашме нам, ба чашме ноз доданд.
Барои тарҷумони безабонест,
Ҳунарро гар забони роз доданд.
Наяндешидам аз ҳусни саранҷом,
Қи инам мужда аз оғоз доданд.
Ҳамон оинаам ман, Шаҳриёро,
Қи ном аз ғамзаам ғаммоз доданд.

## ДАРСИ МУҲАББАТ

Дар баҳорон саре аз хок бурун овардан,
Хандае кардану аз боди хазон афсурдан.
Ҳама ин аст насибе, ки ҳаёташ номе
Пас дареғ, эй гули раъно, ғами дунъё хӯрдан.
Машав аз боғи шабобат ба шукуфтан мағрур,
Қ-аз паяш офати пирӣ буваду пажмурдан.
Фикри он бош, ки ту ҷониву тан маркаби ту,
Ҷон дареғ аст фидо кардану тан парвардан.
Гӯ тан аз оҷ куну пираҳан аз марворид,
На ки хоҳиш ба сандуқи лаҳад биспурдан.
Мурдан иҷбори худоист, вале мурданро
Ихтиёр аз ҳавасакҳои ҷаҳоне мурдан.
Гар ба мардӣ нашуд аз ғам диле озод кунӣ,
Ҳам ба мардӣ, ки гуноҳ аст диле озурдан.
Субҳидам бош, ки чун ғунча диле бикшоӣ,
Шеваи танги ғуруб аст гулӯ бифшурдан.
Пеши пои ҳама афтода калиди мақсуд,
Чист донӣ дили афтода ба даст овардан?
Бори мо шишаи тақвову сафар дуру дароз,
Гар саломат битавон бор ба манзил бурдан...
Эй хушо, тавбаву овехтан аз хубиҳо,
В-аз бадиҳои худ изҳори надомат кардан.
Сафҳа, к-аз лавҳи замир асту нам аз чашмаи чашм,
Метавон ҳар чӣ сиёҳӣ ба даме бистурдан.
Аз дабистони ҷаҳон дарси муҳаббат омӯз,
Имтиҳон аст, битарс аз хатари вохурдан.
Шаҳриёро, ба насиҳат дили ёрон дарьёб,
Дасти бишкаста магар нест вуболи гардан.

## ДИЛИ МАН

Бурда саname шӯху сияҳчурда дили ман,
Чун ҷон ба барам омадаву бурда дили ман.
Овехта чандон ба сари зулфи сиёҳаш,
То рӯзи ману хеш сияҳ карда дили ман.
То даст диҳад турраи он оҳуи мушкин.
Чун нофа басе хуни ҷигар хӯрда дили ман.
Бас ашк, ки борида чу борони баҳорон,
То сарвқадеро ба бар оварда дили ман.
Дигар ту дили зори ман, эй моҳ, маёзор,
Қ-аз гардиши гардун басе озурда дили ман.

# АЗ ҚАСОИД

## ПАРВОЗИ МУРҒИ БИҲИШТӢ
### (Бадрақае аз Нимо)

Рафт он, к-ӯ падари шеъри навини мо буд,
Шеъри нав чист, ки болотар аз он Нимо буд.
Писари кӯҳ бигӯ ё падари афсона,
Шӯълаи ҷангалу тӯфони дили дарьё буд.
Чун яке соиқа бар ҷангалу кӯҳу дару дашт,
Ҳама дар партави андешаи худ пуё буд.
Синамои адабиёти навини моро
Саҳнапардози дурахшандатарин симо буд.
Умқи андешаву озодии парвози хаёл,
Рӯи пешонии бозаш ду хати хоно буд.
Мағзаш он ғунчаи печида, ки зебоиҳо
Чун зараш бо ҳама пинҳонии худ пайдо буд.
Гардиши чашм напурсӣ, ки дар он ҷоми сабӯҳ,
Мастиву арбадаву оштии Саҳбо буд.
Пушти ҳар дандаи эҳсос диле девона,
Рӯи ҳар нуқтаи ҳассос сари доно буд.
Ман ҳама ибрате аз бохтани дирӯзам,
Ӯ ҳама ғайрате аз сохтани фардо буд.
Гавҳараш дар садафи лафз нағунҷида ҳанӯз,
Қ-он ҳама бар сари ғаввосии он ғавғо буд.
Аз ғурури ғами тӯфонии ӯ бо худи ӯ
Кас напардохт, ки меҳмони шаби ялдо буд.
Порсол, ӯ паи ман омаду ҳамроҳи падар
Писаре буд, ки чун духтари ман зебо буд.
Гавҳарам нест дар ин бадрақа, ашкам бипазир,
Чӣ кунад дил, ки худ аз шиша на аз хоро буд.
Ёд аз он мурғи биҳиштӣ, ки ғариб омаду рафт,
Гуфт дар кунҷи қафас чанд тавон танҳо буд.
Зист дар гӯшаи дуньёи ғами худ танҳо,
Ҳам дар он гӯшаи танҳоии худ дуньё буд.
Ради пояш ҳама ҷо маҳву баландовоза,
К-аз ҳунар хайма ба қофе зада чун анқо буд.
Ҳар кӣ омад қадаме чанд ба пояш бичаҳад,
Даст дар дасти падар кӯдаки нобино буд.
Аз биҳишт омаду овози ғами ваҳшии худ
Хонду бархост, ки бо шавқи ватан шайдо буд.
Он ки бо вай нафасе чанд ҳамовоӣ кард,
Дили ман буд, ки ҳамзоди ҳазор ово буд.
Ман ба гаҳвораи Ҳофиз, ки чу тифли нозам,

Хоби «Афсона» рабуду аҷабам рӯъё буд.
Доягӣ кард чу ҳурони биҳиштӣ бо ман,
Ки ба сад оина бо тӯтии шаккарҳо буд.
Ёд аз он хилвати қудсе, ки ба қавли Ҳофиз:
«Ҷуз ману дӯст набудему худо бо мо буд».
Оре, он хони диловез, ки Нимо густурд,
Солҳо рафт, ки кори ману дил яғмо буд.
Чӣ ба хишту гили ман дид, ки меъморӣ кард,
Волӣ ӯ буд, ки ин кохи адаб воло буд.
Паи ташйеи[1] Сабо будаву Нимо, гӯӣ,
Мондани ман, ки ба ин берақамӣ, беҷо буд.
Тифли ман, ёди асотиди куҳан дор ба хайр
З-он, ки таркиби ту аз таҷзияи[2] онҳо буд.
Бипар, эй мурғи биҳиштӣ, ки кушудам пару бол,
Биравем, ин қафаси танг на ҷои мо буд.

## БАДРАҚАИ УСТОДИ БУЗУРГИ ФАҚИД — БАҲОР, ИСТИҚБОЛ АЗ ҒАЗАЛИ ХУДИ УСТОД

Эй боғ, хазон шав, ки баҳорон ҳама рафтанд,
Хуш бош ба зоғон, ки ҳазорон ҳама рафтанд.
Гулҳо, ки ба абрӯ ҳамаро чини хазон буд,
Диданд, ки барф омаду борон, ҳама рафтанд.
Сардӣ ба миён омаду сарву гулу шамшод
Бархоста аз гӯшаканорон ҳама рафтанд.
Тӯфон на чунон сода, ки созад ба гуле чанд,
Коҷон ҳама гуфтанду чинорон ҳама рафтанд,
Гӯ каҷкулаҳи ақл ҳам аз тахт фуруд ой,
К-аз ишқ ба сар тоҷгузорон ҳама рафтанд..
Зангор ба ҳанзал деҳу шангарф ба хун шӯй,
К-аз лавҳу қалам накшнигорон ҳама рафтанд.
Гӯ марьями узрои чаман-лола нарӯяд,
К-аз боғи адаб лолаузорон ҳама рафтанд.
Рафт он ки баҳори ҳунару боғи адаб буд,
Оре, чаману боғу баҳорон ҳама рафтанд.
Дар мавкаби султони сухан хайли сухансанч,
Бо сози сухан роҳсипорон ҳама рафтанд.
Эй гӯш гарон карда ба карнои аҷал, хез,

[1] Ташйеъ — аз қафои мурда барои видоъ рафтан.
[2] Таҷзия — ба қисмҳо ҷудо кардан, ҷузъҳо.

Бору буна барбанд, ки ёрон ҳама рафтанд.
Хукону гурозон яла дар мазраи омол,
Афсӯс ки он шершикорон ҳама рафтанд.
Гирам, ки самандест ба ҷо монда зи Баҳром,
Дигар чӣ саманде, ки саворон ҳама рафтанд.
Дигар чӣ саворе, ки самандони ҳисорӣ,
Диданд сару гӯши ҳиморон ҳама рафтанд.
Ё раб, чӣ фусунест, ки арбоби азоим,
Ганҷина раҳо карда ба морон ҳама рафтанд.
Бар қоимаҳо ракси шуои шарафе нест,
К-аз зовияҳо оинадорон ҳама рафтанд.
Дар чашми хунар ашк даровехт ба мижгон,
К-ахтар ба сарангушт шуморон ҳама рафтанд.
Гӯ об маёред дар ин кишт, ки чун сел
Чандон малах афзуд, ки сорон ҳама рафтанд.
Гӯ бод бибар зебу фари тахти Сулаймон,
К-аз шаҳри Сабо муждабиёрон ҳама рафтанд.
Дар қофия гӯ ном нағунҷад ба дурустӣ,
Дар ҳам шикан, эй шаҳр, ки ёрон ҳама рафтанд.

## ИДЕАЛИ МИЛЛӢ

Паёми ман ба гурдону далерон,
Ҷавонону ҷавонмардони Эрон.
Яке ғурриданам бояд, ки чун раъд,
Кунад ошуфта хоби наррашерон.
На шеронро сазад гардан ниҳодан
Ба занҷири асорат чун асирон.
Асиронро чӣ руъёест ширин,
Маҷоли ҳукм рондан бар амирон.
Чӣ нозу нахват аз дониш фурӯшанд,
Худ аз сармояи дониш фақирон.
Куҷо қавмияте моқабли[3] таърих,
Бувад муҳтоҷи қайим[4] чун сағирон.
Ба гӯши абр гӯяд Тахти Ҷамшед,
Ҳанӯз афсонаи кайвон сарирон.
Ҳанӯзаш инъикос афтад дар офоқ,
Ғиреви Ардавонон, Ардашерон.
На ном аз дин, на аз дониш нишон буд,

---

[3] Моқабл — қабл аз, пеш аз.
[4] Қайим — сарпарасти тифли ятим.

Ки бунғоҳи тамаддун буд Эрон.
Ҳанӯзаш нозирони завқу санъат,
Назар бар манзаранд аз беназирон.
Ҳамон арсаст ин шатранҷи链 мармуз,
Ки шоҳон мот кардасту вазирон.
Занонро гӯ наёмад сарфарозӣ,
Аз ин подарҳавоён, сарфарозӣ.
Яке насли ҷавон бояд, ки зоянд,
Ба ҳамди ширхорӣ шергирон.
Ба хору хишту хоро парваронда,
На дар домони пироҳанҳарирон.
Силаҳшӯрон, саворон, ҷангҷӯён,
Дарандаханҷарон, дӯзандатирон.
Сар аз шӯри ватан ҷӯшанда қонун,
Дил аз кини адӯ сӯзанда найрон.[5]
Саҳиқаддон, рашодатро гувоҳон,
Сияҳчашмон, саодатро баширон.
Ба каф дар тирагиҳои сиёсат,
Чароғи фикрати равшанзамирон.
Ба ташкилоти ҳизбӣ дода пайванд,
Ба нерӯи ҷавонон, рои пирон.
Яке ҷунбиш падид ояд асосӣ,
Дар ин кишвар мадораш бо мудирон.
Дар он ҳангома ҳамкорӣ кунад гарм,
Ба шамшери ялон[6] килки дабирон.
Гурӯҳе ногузир аз дор бошанд,
Ки буданд аз хиёнатногузирон.
Гурусна иди қурбон гирад он рӯз,
Ба қурбонгоҳи хунхорону серон.
Магар бе хонумонон дод гиранд,
Аз ин виллонишинони Шимрон.
Хушо, пайкори ҷонбозони меҳан,
Дар оғӯши арӯси фатҳ мирон.
Гарам хун рехт душман, Шаҳриёро
Ба хун донӣ чӣ бандам нақш? Эрон.

[5] **Найрон** — ҷамъи нор, оташ.

[6] **Ял** — паҳлавон, диловар, мубориз. **Ялон** — ҷамъи ял.

## ПАНДИ ЕДГОРӢ

Барфи баҳман рафт то абри баҳор ояд ба кор,
Хандаи барқу хурӯши обшор ояд ба кор.
Сар барор аз парда берун, эй гули хилватнишин,
Нақши гулзору нигори лолазор ояд ба кор...
Май ба ҷоми лола бояд зад, ки дар базми чаман,
Мутриби сарву суруди ҷӯйбор ояд ба кор.
Боз кун чашми тааммул дар китоби кӯҳу дашт
То табиат бо ту чун омӯзгор ояд ба кор.
Тӯтиёи чашми ибрат кун ғубори рафтагон,
Қ-ин ҳама дар осиёи рӯзгор ояд ба кор.
Эй ҳарифи тозакор, охир ҳаримӣ пос дор,
Эй басо бозат ҳарири кӯҳнакор ояд ба кор.
Ман на мори мӯзиям[7], неш аз дурӯғат мезананд,
Заҳри худ чандон макун то мӯҳра мор ояд ба кор.
Ман наҷӯям айби кас, зеро ба олам ҳеҷ нест,
Қ-ӯ на дар исботи ҷабру ихтиёр ояд ба кор.
Хор ҳам ҳеҷаш набошад, ҷилваи гул медиҳад,
Нест худрӯӣ дар он гулшан, ки хор ояд ба кор.
Порсанге мебарад мизони ақли одамӣ
Варна дар ин коргаҳ ҳар нобакор ояд ба кор.
Ганҷҳои шойгон дигар лаҷанмолӣ[8] макун,
Гар ба бозорат на дурри шоҳвор ояд ба кор.
Ман надидам кори ту то мадҳ гӯям ё ки зам,
Лек панде медиҳам гар ёдгор ояд ба кор.
То хазаф дар бор бошад нақши ибдоат[9] чӣ суд,
Гавҳаре дар кор кун, то ибтикор ояд ба кор.
Сайди марворидро мо дил ба дарьёҳо задем,
Чун наҳангат ҳиммате киштишикор ояд ба кор.
Гар ҳунар дорӣ, ту ҳам сайди дили ушшоқ кун,
Дар шикори шоҳбозон шоҳкор ояд ба кор.
Дар шабехунҳо ҷавонон даступо гум мекунанд,
Боз агар шуд жанда пире шаҳсавор ояд ба кор,
Таҳбисоти[10] гавҳари бозори мисгар бишканад,
Шери нар гар пир ҳам бошад, ба кор ояд, ба кор.
Барнахезад нола бо ҳар захмае аз сози ишқ
Соззан донад, ки сӯзи Шаҳриёр ояд ба кор.

---

[7] **Мӯзӣ** — зиёнрасонанда.
[8] **Лаҷанмолӣ** — гилмолӣ.
[9] **Ибдоъ** — эҷодкорӣ, навоварӣ.
[10] **Таҳбисот** — чизҳои боқимонда.

## БОРГОҲИ САЪДӢ ВА ҲОФИЗ

**(дар ҷашни ҳунари Шероз)**

Маро дар боргоҳи Саъдиву Ҳофиз чӣ мехонӣ,
Ки ҳадди подшоҳон нест дар ин суффа дарбонӣ.
Дар ин мантиқ фурӯ бандад забони нутқи доноён,
Сухан гуфтан дар ин ҷо нест ҷуз бурҳони нодонӣ.
Надонад дасти дил сӯи кадомин косааш рафтан,
Гадое хондаам бар суфраи шоҳон ба меҳмонӣ.
Ман он тифли деҳотӣ, к-ӯ шабе ғофил ба шаҳр ояд,
Даҳан бикшуду чашми хира мебандам зи ҳайронӣ.
Зи ҳар дар панҷа бикшояд чу шоҳин чашми махмуре,
Ки аз хумхонаи Ҳофиз шаробе хӯрда шоҳонӣ.
Надонам з-он ҳама машъал кадоминро ба сар гардам,
Яке парвонаам ҳайрон ба шабҳои чароғонӣ.
Шукӯҳи Саъдиву Ҳофиз таҷаллӣ медиҳад Шероз,
Уфуқҳо хам шуда бар хок месоянд пешонӣ.
Саводи шаҳру гунбадҳои коши (и) масҷидулаксо,
Уфуқ меҳроби нуронӣ, шафақ симои рӯҳонӣ.
Чӣ кони гавҳару конуни ишқе оташин, ё раб,
Ки офоқи курун ганҷина кард аз гавҳарафшонӣ.
Худоё, мо куҷову рухсати парвоз то Шероз,
Магар эълони озодист бо арвоҳи зиндонӣ.
Наҳангон ғарқа шуд, ё раб, бинозам ҳиммати мӯре,
Ки барге ҷуст, барҷаст аз дили дарёи тӯфонӣ.
Ҷаҳаннам кӯи номардону кунҷи номуродиҳост,
Биҳишт он ҷо, ки инсон асту хулқу хӯи инсонӣ.
Басо дар кофаристон рафтаму дар кисвати кофар,
Мусулмон дидаму худ шармам омад аз мусулмонӣ.
Навои Саъдиву Ҳофиз ба созу захмаи ғайбист,
Чу нои Мавлавӣ, к-аз нафхаи дамҳои раҳмонӣ.
Наканда аз «Гулистон» дил шудам дар «Бӯстон»-и Шайх
Сало аз боби ишқам зад чунон к-ат афтаду донӣ.
Ту аҳли ваҷду ҳоле шав ба хилватхонаи Ҳофиз,
Ки риндонанд он ҷо масти роҳу рӯҳи райҳонӣ.
«Гулистон» дар бағал аз бӯстон берун задам, оре,
Ба донишгоҳи Саъдӣ кӯдаке будам дабистонӣ.
Қашидам тангдил маъшуқи худ Ҳофиз ғазалхонон,
Магар дарди дили қарне тавон гуфтан ба осонӣ.
Зи ашки шавқ чун борон кушудам уқдаҳои дил,
Ки оҳи синаи тангам ҳавое буд боронӣ.
Ба лавҳи синаи Ҳофиз китоби нақши ҷовидон

В-аз ӯ ҳар нукта рамзу кашфе аз оёти Қуръонӣ.
Ба оташгоҳи Ҳофиз сӯхтам болу паре в-он гоҳ.
Ба зери бол дидам гар ғуборе буд имконе.
Бар ин дар сар бисоюю рӯ ба иқлими қаноат кун,
Бирав то бар сарири ишқ биншинӣ ба султонӣ.
Ман аз ҳусну ҳаловат гар ҳама ҳуру парӣ бошам,
Ба нахлистони Шерозам нашояд ҷуз магасронӣ.
Гадои Хоҷа будам дар азал худ Шаҳриёрам хонд,
Чи ҷои он ки Шерозам бихонад Ҳофизи сонӣ.

## ДАР ИСТИҚБОЛИ МАҚДАМИ ОҚОИ СОЯ — ШОИРИ МАЪРУФ

Соя бо парчами хуршед ба Табриз омад,
Шаҳри ғам аз шаафу шаъшаа лабрез омад.
Муждаи Юсуфи гумгашта ба Яъқуб расид,
Мавлавӣ дар талаби Шамс ба Табриз омад.
Ҷон бурун омаду ҷонона ба оғӯш кашид,
Чашмҳо ҷӯй шуду чашма ба корез омад.
Гӯиё оби ҷавонист, ки баргашта ба ҷӯй
Ашки шавқе, ки аз ӯ оташи ман тез омад.
Чашми хушкидаи шеърам қалам аз мижгон сохт,
Боз шеърам тару табъам тарабомез омад.
Теша бедод кунад, к-аз дари қасри Ширин.
Барқ маҳмез заду шиҳаи Шабдез омад.
Мӯр-мӯрам ба тану мӯ ҳама сӯзан-сӯзан,
Ки баҳор омаду бо сабзаи навхез омад.
Уфуқи танги ғамангез чӣ афтад, эй дил,
Ки чунин дар назарам бозу дилангез омад.
Дӯст чун боди баҳор аз дари ҳар боғ гузашт,
Сабзаафшон шуду гулбун ҳама гулбез омад.
Чанд гуфтам, бузако, даст нигаҳ дору намир,
Нак, баҳор омаду камбиза[11] ба ҷолиз[12] омад.
Ӯ гуле сурх, ки сар зад ба чу ман барге зард,
Ё баҳоре, ки ба пурсидани поиз омад.
Соя, к-аз равзанаи ҳуҷра чу моҳам метофт,
Офтобам ба адаб то дари даҳлез омад.
Мизбони ғами танҳоияму умре шуд,
Ки ба меҳмонони ман сандаливу миз омад,
Ногаҳам қадр гузашт аз ҳама чизу хуршед

[11] Камбиза — харбуза.
[12] Ҷолиз — полиз.

Ба навозидани ин зарраи ночиз омад.
Қалами найшакаре аз шакаристонам монд,
То ба ҳамчашмии лаъли ту шакаррез омад.
Лекин оқои Ҷаҳонсӯз рақиби сарсахт
Бо мани хаста сари Соя гуловез омад.
Шаҳриёро, на манам ҳалқаи шеъри ту ба гӯш,
Ки фалак гӯш ба ин шеъри диловез омад.

### ХАЙРА МАҚДАМ БА ШОИР ФАРИДУНИ МУШИРӢ

Башорат медиҳад Мафтуну меболад Башириро,
Ишорат мекунад яъне, ки овардам Мушириро.
Муширӣ дерии дидор диду дурии манзил,
Ба як ҷо кард дармон дарди дурирову дериро.
Чун он ду шери афсона ду шоир дар канори ман,
Сари ман з-он миён бирбуда тоҷи Ардашериро.
Асои пириям чанде ҷавонӣ ронда буд аз дар,
Ба як мушти ҷавонон боз кӯбидем пириро.
Навиди сарбаландиро ду чашми равшанам доданд,
Амон аз айнакам, к-омӯхт чандин сар ба зериро.
Баҳору Шаҳрзод имшаб ғазал хонданду рақсиданд,
Ба ҳам бастанду бишкастанд аз ҳам себи сериро.
Чӣ ҷои Дилкашу Марзия, к-инҳо зеру рӯ созанд,
Ҳама таснифи Зарробиву овози Вазириро[13].
Назири ашки худ дурдона кам дидам, худоро шукр,
Ки бо мо дорад арзонӣ матои камназиреро.
Маҷаллоти ҳунармандӣ мудирӣ гар маро бахшанд,
Муширӣ мекунад ишғол мизи сардабириро.
Ба дидори Муширӣ Маҳдии[14] равшанзамир омад,
Ки аз оина сабқат мебарад равшанзамириро.
Ман аз Наврӯзии вологуҳар дорам ба ҷон миннат,
Ки чун ҷон дӯст медорад Фаридуни Мушириро.
Набошӣ хори роҳ, эй дил, ки халқ аз по дарандозад,
Асо бошӣ, ки доим дӯст дорад дастгириро.
Пас аз бӯсидани қабри Сабо хоҳам Мушириҷон,
Саломи ман барад Нимову Пажмону Амириро[14].

---

[13] Номҳои ҳунармандони муосири Эрон.
[14] Номҳои шоирони муосири Эрон.

## БАР САРИ ХОКИ ЭРАҶ

Эраҷо[15], сар бадар овар, ки амир омадааст,
Чӣ амире, ки ба ишқи ту асир омадааст.
Чун фиристодаи симурғ ба Сӯҳроби далер,
Нӯшдорӯст, вале ҳайф, ки дер омадааст.
Гӯӣ аз чашми назарбози ту бепарво нест,
Чун ғизоле ба сари куштаи шер омадааст.
Хез ғавғои баҳор аст, ки парвона шавем,
Ғунчаи шӯх пур аз шаккару шир омадааст.
Рӯҳи ман низ ба дунболи ту гирад парвоз,
Дигар аз сӯҳбати ин дилшуда сер омадааст.
Сар баровар зи дили хоку бубин насли ҷавон,
Ки муридона ба побӯсии пир омадааст.
Дер агар омада, шер омада, узраш бипазир,
Ки дил аз чашмсияҳ узрпазир омадааст.
Гунаҳ аз даври замон аст, ки аз чанбари ӯ,
Одамиро на гурезу на гузир омадааст.
Гӯш кун нолаи ин най, ки чу лолои насим,
Ашкрезон ба навои баму зер омадааст.
Табъи ман булбули гулзори сафо буд сафӣ,
Ки чу мурғони биҳиштӣ ба сафир омадааст.
Мактаби ишқ ба шогирди қадимат бисупор,
Шаҳриёре, ки дар ин шева шаҳир омадааст.

## БА ЕДИ ШОИРАИ НОКОМ ПАРВИНИ ЭЪТИСОМӢ

Сипеҳри суханрост Парвин[16] ситора,
Ҷаҳоне сӯи ин ситора назора,
Сарояндагон синемои адабро
Ҳунарпешагонанду Парвин ситора.
Ба абри кафан то ниҳон шуд, аён шуд,
Ки дилҳо рабудаст ин моҳпора.
Арӯсест дар ҳуҷлаи табъи Парвин,
Ки аз моҳу парвин кунад тавқу ёра.
Ҳумоюн арӯсе, ки навзод ӯрост,
Фалак дояву Каҳкашон гоҳвора.
Баланд осмонест девони Парвин,

---

[15] Эраҷ Мирзо (1874 — 1926) — шоири маъруфи Эрон.

[16] Парвини Эътисомӣ (1907 — 1941) — шоираи ширинкаломи муосири Эрон.

Баланд ахтаронаш бурун аз шумора.
Дусад ришта гавҳар, ки ҳар як чу Парвин,
Ба гӯши сипеҳре сазад гӯшвора.
Сазад чун баланд ояти осмонӣ,
Ба-дон сӯ кунанд аҳли тафсир ишора,
Чу доғи падар оташаш зад ба хирман,
Худ аз оташ омад бурун чун шарора.
Чӣ бад дидӣ аз булбулони ҳамовоз,
Ки аз тарфи гулзор кардӣ канора.
Ба осори худ умри ҷовид додӣ,
Чу буд ар туро буд умри дубора.
Ба ҳар дарду доғе тавон чора ҷустан,
Дареғо, ба доғи аҷал нест чора.
Биҳил Шаҳриёр оташи шавқи Парвин,
Ки ин ҷо диле бояд аз санги хора.

## БА ЁДИ МАРҲУМ МИРЗОДАИ ИШҚӢ

Ишқӣ,[17] ки дарди ишқи ватан буд дарди ӯ,
Ӯ буд марди ишқ, ки кас нест марди ӯ.
Чун дуди шамъи кушта, ки бо вай дамест гарм,
Бас шӯълаҳо, ки бишкуфад аз оҳи сарди ӯ.
Бар тарфи лолазори шафақ пар занад ҳанӯз,
Парвонаи тахайюли офоқгарди ӯ.
Ӯ фикри иттиҳоди ғуломон ба мағз пухт,
Аз базми Хоҷа сахт ба ҷо буд тарди[18] ӯ.
Он нардбози ишқ, ки ҷон дар набард бохт,
Бурде намекунанд ҳарифони нарди ӯ.
«Ҳаргиз намирад он ки дилаш зинда шуд ба ишқ»[19]
Ишқӣ намурду мурд ҳарифи набарди ӯ.
Дар ошиқӣ расид ба ҷое, ки ҳар чи ман
Чун бод тохтам, нарасидам ба гарди ӯ.
Киштии ишқро нарасад тахта бар канор,
Мавҷи ҷунун шикофта дарьёнаварди ӯ.
Аз ҷон гузашт Ишқиву уҷрат чи ёфт? Марг,
Ин кормузди кишвару он коркарди ӯ.
Онро, ки дил ба сими хиёнат нашуд сиёҳ,
Бо хуни сурх ранг шавад рӯи зарди ӯ.
Дармони худ ба додани ҷон дид Шаҳриёр,
Ишқӣ, ки дарди ишқи ватан буд дарди ӯ.

---

[17] Мирзодаи Ишқӣ (1894 — 1924) — шоири пешқадами муоси[р]
Эрон.
[18] Тард — дур кардан, рондан.
[19] Ин мисраъ аз Ҳофиз аст.

Барои дӯсти азиз Ҳусайни
Теҳронӣ, устоди зарб

## МАРҲАБО, ҲУСАЙН

Чун сар кунӣ ба замзама шӯру наво, Ҳусайн,
Маҷлис кунӣ ба шӯру наво Карбало, Ҳусайн.
Дар маҷлиси ту то дару девор аз шааф[20]
Афшон кунанд дасту бикӯбанд по, Ҳусайн.
«Имрӯз дар мамолики ҷон даст дасти туст»,
Болои дасти ҷумла задӣ, эй бало, Ҳусайн.
Аз зарб ҷуз адову усуле намонда буд,
Ҳаққи усули зарб ту кардӣ адо, Ҳусайн.
Ин гармиву латофату нармиву пухтагист,
Дар панҷаи ту ояти лутфи худо, Ҳусайн.
Дндӣ, ки истифода накард аз ту родию
Як мард ҳам нагуфт, ки чуну чаро, Ҳусайн.
Бо ин ки дар маҳофили унсу тараб тамом
Ҳастанд мухлиси ту зи шаҳ то гадо, Ҳусайн.
Подоши аҳли завқ дар ин мамлакат балост,
Танҳо ту нестӣ ба бало мубтало, Ҳусайн.
То родию супурда нагардад ба дасти аҳл
Ҳар дам фазиҳатест[21] ба таҳвили[22] мо, Ҳусайн.
Фарьёд кун зи зулму тааддӣ, ки гуфтаанд,
Он ҷо, ки қисса қиссаи зӯр аст, ё Ҳусайн.
Лекин сафои олами санъат нигоҳ дор,
Аз ҷумла ҳаққи сӯҳбати сози Сабо, Ҳусайн.
Ҳаққи мусалламест Саборо ба мусиқӣ,
Ҷони туву Сабо, ки ту дорӣ Сафо, Ҳусайн.
Боре дили гирифтаи мо низ во шавад,
Рӯзе, ки мушти беҳунарон гашт во, Ҳусайн.
Инак ба дастхатти ҳумоюни Шаҳриёр,
Тасҷил[23] мешавад лақаби «марҳабо, Ҳусайн».

## БАДБАХТӢ

Равад Эрони саргашта дари дунболи бадбахтӣ,
Кунад ин миллати бадбахт истиқболи бадбахтӣ.

---

[20] Шааф — шодмонӣ.
[21] Фазиҳат — бадномӣ.
[22] Таҳвил — супоридан.
[23] Тасҷил — собит ва маҳкам.

Миёни кӯчаҳо баҳри зани бадбахти эронӣ,
Бубин раммоли бадбахтӣ, ки гирад фоли бадбахтӣ.
Гадо дар гӯшаи девори ин кишвар бад-он монад,
Ки наққоше ба деворе кашад тимсоли бадбахти.
Ба пои қасри золим наъши мазлумон бубин, оре
Баланд аз пастии ҳиммат шавад иқболи бадбахтӣ.
Ба пешонии пирон доғи тазвиру риё дидӣ,
Ба бозӯи ҷавонон низ бингар холи бадбахтӣ.
Қашида Юсуфи мо бар сари бозори Мисри ғам,
Қалофи[24] ҳила дар каф муштарӣ бин Золи бадбахтӣ.
Аҷониб[25] шуд харидори ватан, аҳли ватанро бин
Ба бозори хиёнат, эй аҷаб, даллоли бадбахтӣ.
Ба дӯши худ ба душман мебарем озуқаи худро,
Худоро шарм аз атфолат кун, эй ҳаммоли бадбахтӣ.
Миёни обу оташ мондаем аз ин сиёсатҳо,
Ҳамин аст, эй хурофотӣ, хари даҷҷоли бадбахтӣ.
Ба ҷону моли як ҷамъи ситамкаш то занад оташ,
Зи марказ дар вилоятҳо равад уммоли бадбахтӣ.
Ба ҳар ҷо Қаъбаи омоли миллат маҷлиси шӯрост,
Дар Эрон ҳаст маҷлис Қаъбаи омоли бадбахтӣ.
Фалак то сели ашки мо барангезад дар ин кишвар,
Ҳама хоки мазаллат безад аз ғирболи бадбахтӣ.
Нифоқу фақру нодонӣ дар ин қарни атум[26] моро
Чи нангин мекунад маҳкуми измихлоли бадбахтӣ.
Ба рағми ҳар умеде, Шаҳриёро, кас нашуд пайдо,
Ки гирад дасти ин ҷамъи парешонҳоли бадбахтӣ.

---

[24] **Қалоф** — калова.
[25] **Аҷониб** — бегонагон.
[26] **Атум** — атом.

# АЗ МАСНАВИҲО

## ТОРИ ҶОНОН

Тори ҷонон ба хонаи мо монд,
Рафт ҷонону тори ӯ ҷо монд.
Монд тораш, ки ёри ман бошад,
Ёри шабҳои тори ман бошад.
Тори ӯ ёдгори ӯст маро,
Хуш бувад ёдгори дӯст маро.
Ёдгоре, ки тори ӯ бошад,
Беҳтарин ёдгори ӯ бошад.
Тори ӯро ба рӯи дида ниҳам,
Чун дил ӯро ба сина ҷой диҳам.
Тори ӯ чорасози ман бошад,
Ёри мискиннавози ман бошад.
Тори ӯ дилнавози дарвеш аст,
Тори ӯ марҳами дили реш аст.
Тори ӯ бо манаш сари ёрист,
«Мо ду ёрему кори мо зорист»,
Тори ӯ ҳамнишини турраи ӯст,
Ҳар кӣ бо гул нишаст, ғолиябӯст.
Тори ӯ ҳам абиромез аст,
Ёри он турраи диловез аст.
Тори ӯ ҳаст ёри турраи ӯ,
Дил навозад чу тори турраи ӯ.
Сӯхташ дил ба бенавоии ман,
Тораш омад ба ҳамнавоии ман.
Монда то сар кунад навои дилам,
Ҳамнавоӣ кунад ба нои дилам.
Имшаб ин тор меҳмони ман аст,
Ин фаришта дар ошьёни ман аст.

Нагзарад то ба офтоб имшаб,
Чашми моро хаёли хоб имшаб.
Имшаб оташ зи ҷони мо хезад,
Дуд аз дудмони мо хезад.
Имшаб оташ забони таронаи мост,
Барқ меҳмони ошьёнаи мост.
То саҳар сӯзу созҳо дорем,
Сӯзҳову гудозҳо дорем.
Дорам аз шамъ чашми ёриҳо,
Шамъро бояд ашкбориҳо.
Шамъи моро чу оташи Зартушт,
Бод имшаб наметавонад кушт.
Гарчи мо ҷони нотавон дорем,
Имшаб, эй шамъ, меҳмон дорем.
Ҳиммате кун, ки то саҳар сӯзӣ,
Чун дилам пой то ба сар сӯзӣ.
Имшаб аз оташам ҷавоб макун,
Пеши халқам зи хиҷлат об макун.
Ту ҳам, эй сина, созгорӣ кун,
То нафас ҳаст, оҳу зорӣ кун.
Меҳмон пайки хушхироми ман аст,
Тори ӯ қосиди паёми ман аст.
Монда то акси савти ман гирад,
Нақши ин оҳу нола бипзирад.
Нимшаб бишнавад фиғони маро,
Нолаи арғунуни ҷони маро·
То магар шарҳи он ба сӯзу гудоз,
Пеши ҷонони ман бигӯяд боз,
Рӯзи ёрист бо манат, эй тор,
Ҳон, ки дастам ба доманат, эй тор.
Ту, ки дар гӯши ӯ сухан гӯӣ,
Чӣ шавад, гар ҳадиси ман гӯӣ?
Ту, ки худ оташаш ба ҷон дорӣ,
Чун ман аз дасти ӯ фиғон дорӣ.
Чун ман аз дасти коҳиши ғами дӯст,
Устухоне ба ҷост аз туву пӯст
.Чун дилам синаи ту ғавғоист,
Чун сарам косаи ту савдоист.
Сӯз бояд туро ба сози сухан,
Сухане соз кун зи сӯзиши ман.
Оҳи ман кун рафиқи нолаи хеш,
То ба сози ту сӯз бошад беш.

Соз бо сӯзи ман гар омезӣ,
Дар дилаш шӯрҳо барангезӣ.
Бидеҳ аз шеъри ман ту боди сухан,
Қи худ он бахтро надорам ман.
Лекин, э тор, чистат зорӣ?
Ростӣ, оламе аҷаб дорӣ.
Туӣ аз васли ёр бархӯрдор,
Даст аз ин шӯру шеванат бардор.
Ту дар оғӯши ёр ҷо дорӣ,
Даст бар орзӯӣ мо дорӣ.
Дигар ин нолаҳои зорат чист?
Нола дар айни васли ёрат чист?
Ту, ки дамсози меҳрубон моҳӣ,
Дигар аз бахти худ чӣ мехоҳӣ?
Ҳар чи моҳат ба меҳр бинвозад,
Сози ту сӯзу шиква оғозад.
Беш бинвозадат, бинолӣ беш,
Қи надонӣ тамизи нӯш аз неш.
Ӯ туро рӯи сина бигзорад,
Ба навозиш саре фурӯд орад.
Турра чун ашки ман фурӯ резад,
Торҳотон ба ҳам даромезад.
Гоҳ сояд ба лутф сар ба барат,
Гаҳ гузорад ба меҳр сар ба сарат.
Ба барат сӯда турраҳаи пареш,
Ҳамчунон марҳаме, ки бар дили реш.
Ту сари сӯзу шиква боз кунӣ,
Боз ҷои ниёз ноз кунӣ.
Шиква чандон зи ҳад бадар бибарӣ,
Қи ба ночор гӯшмол х(в)арӣ.
Даст бардор аз дилам, эй тор,
Бигзару ноларо ба ман бигзор.
Ман бинолам, ки бахт ёрам нест,
Ёри чун бахт созгорам нест.
Сӯзи ишқи ман аз ту бештар аст,
Дили ман аз дили ту рештар аст.
Асари шеъри ман ба нои ту нест,
Шӯри ман камтар аз навои ту нест.
Лек бо ёр дар намегирад,
Кори мо чун ту сар намегирад.
Нолаам гар ба меҳру моҳ шавад,
Моҳи бе меҳри ман намешуназад.

То маро бахти созгори ту нест,
Пеши ҷононам эътибори ту нест.
Чун нанолам, ки рӯзгори сиёҳ,
Қард коре, ки аз ту пурсам роҳ.
Ту, ки болотарин рақиби манӣ,
Хуфта дар домани ҳабиби манӣ.

* * *

Донам, эй тор, нолаҳои ту чист,
Қиссаи шавқу наъраи шодист.
Рост гуфтанд аҳли маъниву завқ,
Беш бошад ба васл гирьяи шавқ.
Васл аз ҳаҷр нолахезтар аст,
Оташи шавқи васл тезтар аст.
Шамъ чандон, ки дилнавоз ояд,
Сӯзи парвона ҷонгудоз ояд.
Оре, эй тор, з-он чи санҷидам,
Ман ҳам оини ту писандидам.
Ту ба васл андарӣ ба ҷӯшу хурӯш,
Ҳаҷр мӯҳрат ба лаб занад, ки хамӯш,
Ошиқонро зи як ҷаҳон дамсоз,
Ғайри маъшуқ нест маҳрами роз.
Рӯзи васл асту рӯзи гуфту шунуд,
Шаби ҳиҷрон хамӯш бояд буд.
Ошиқ ар рози хеш ифшо кард,
Ишқу маъшуқу хеш расво кард.
Ман, ки бо хештан чу биншинам,
Маҳраме дар миён намебинам.
З-он чи санҷидам аз сақиму[1] дуруст,
Дидам, эй тор, ҳақ ба ҷониби туст.
То чу ман ишқи пок мебозӣ,
Ба ҳамин оҳу нола месозӣ.
Ҷон ба қурбони завқу ҳолат бод,
Васли ҷонони ман ҳалолат бод.
Мо агар сар ба доманаш судем,
Домани иффаташ наёлудем.

* * *

Боре, эй тор, ин ҳама бигзор,
Ёди ёрон хуш асту нолаи зор.

[1] **Сақим** — носоз, бемор.

Нола кун, гар ки бо манат ёрист,
Қори мо зору ёри мо зорист.
Нола сар кун ба ёди ёри азиз,
Меҳрубонёри ғамгусори азиз.
Чу ба гӯшам навои тор ояд,
Дар дили зор ёди ёр ояд.
Ёр агар буд аҳли тор авло,
Тор ҳам дар канори ёр авло.
Чу ба дасти ҳабиб соз ояд,
Рӯҳи ошиқ дар эҳтизоз[2] ояд.
Ёри ман торист то донӣ,
Бо ман ин бахту давлат арзонӣ.
Турки ман тоза машқи соз кунад,
Ту бигӯ тарки туркутоз кунад.
Рост чун тори турраи дилбанд,
Сими тораш ба ҷон бувад пайванд.
Ин ҷигаргӯша нолаи тораш,
Бо ҷигарҳо бувад сару кораш.
Тори ҳар мӯяш ошьёнаи рӯҳ,
Нолаи тори ӯ таронаи рӯҳ...
Чун раҳи мӯяву раҳоб кунад,
Чашми ҷон саргарони хоб кунад.
Дил навозад ба дилкаши мо хӯр,
Ком ширин кунад зи шаккар шӯр.

* * *

Дӯш дар базмам он бути сармаст,
Омад аз дар китобаш андар даст.
Кӯдаки боз гашта аз мактаб,
Як ҷаҳон шарму нозу лутфу адаб.
Сарвинози баландболое,
Гардиши чашми маст, ғавғое.
Бирасиду зи сар гирифт кулоҳ,
Ҳола бар шуд зи гирди орази моҳ.
То чу ҷон дар барам қарор гирифт,
Шоҳиди тор дар канор гирифт,
Чу ба мизробаш ошно шуд сим,
Гуфтӣ аз барги гул гузашт насим.

---

[2] Эҳтизоз — хурӯш, шодмонӣ.

Барги ҷонҳо дар эҳтироз омад,
Устухонҳо ба сӯзу соз омад.
Сар шуд он нолаи нишотомез,
Хусравонӣ суруди шӯрангез.
Резиши захма рашки борон буд,
Нағма чун рақси ҷӯйборон буд.
Рақси ангуштҳо ба дастаи тор,
Рашки поҳои оҳувони татор.
Турраи мушкинтирозу савдоӣ,
Чеҳраи моҳтобиву тамошоӣ.
Ба сафову латофату покӣ,
Гуфтӣ африштаест афлокӣ...
Афсар[3] аз ишқи ӯ ба сар дорам,
Ҳама дорам чу ин писар дорам.
Ё раб, ин сарви нозпарвари ман,
Во магирад соя аз сари ман.
Ҳолиё зеби донишистон аст,
Чун ба бӯстон ҳазордастон аст.
Ҷуз ба касби камол ишқаш нест,
Ҷуз ба дунболи дарсу машқаш нест,
Ҷуз ба дарсу китоб нест рафиқ.
Ба китобаш ҳасад барад тавфиқ.
Як ҷаҳон ҳӯшу завқу истеъдод,
Аҳл дидаш худову ин ҳама дод.
Сияти[4] ҳусну макорими ахлоқ,
Бош то бигзаронад аз офоқ.
Дида шаб хоби давлати сармад[5],
«Бош то субҳи давлаташ бидамад».
Тор нокарда хидмати устод,
Беҳтар аз устод дорад ёд.
Мижа чанголи шерро монад,
Абрӯяш хати мирро монад.
Нашикебадаш дида аз дидор,
Ёраб, аз чашми бад нигоҳаш дор.
Дӯш ҳоле, ки даст дод маро,
Ҳаст то зиндаам ба ёд маро.
Ҳоли дӯшам чу хоби нӯшин буд,
Ҳол агар ҳаст, ҳоли дӯшин буд.

---

[3] **Афсар** — тоҷ.
[4] **Сият** — овоза.
[5] **Сармад** — ҷовид.

Умр хуб аст, агар чунин гузарад,
Умр набвад, ки ғайр аз ин гузарад.
Ғайр аз ин умри ман ҳисоб мабод,
Баъд аз ин доди ишқ хоҳам дод.
Агар ин чархи пир бигзорад,
Фикри нону панир бигзорад.

## ШЕЪРУ ҲИКМАТ

З-ин ҳунардӯст мардуми шайдо,
Шаҳриёро, намешавад пайдо.
Аҳли дарде, ки ҳоли мо пурсад,
Мард бошад ба дарди мо бирасад.
Фикри дармони дардманд кунад,
Дасти мо гираду баланд кунад.
Ҷонам аз навкарӣ наҷот диҳад,
Адабиётро ҳаёт диҳад.
Хари моро зи ҷӯй бичаҳонад,
Адаб аз инҳитот[6] бираҳонад.
Дарди ман дида фикри чора кунад,
Чанд вақте маро идора кунад.
Нағузорад, ки ман ҳаром шавам,
Бе ҷиҳат сӯзаму тамом шавам.
Метавонам ба асл ҷустани васл,
Ки зи асп уфтодаам, на зи асл.
Ман худ аз бахти хуфта огоҳам,
Тахти хоби фанар[7] намехоҳам.
Он қадар бошадам, ки қут шавад,
Ба худо қути лоямут шавад...
Бӯрьёеву шамъу болине,
Қосаву кӯзаи сафолине.
Кафи оневу кӯзаи обе,
Пои беде, чароғи маҳтобе.
Ҳеҷ на фикри роҳатам бахшанд
В-аз маишат фароғатам бахшанд.
Он ҳам аз қимати сухандонӣ,
Дар баҳои сухан на маҷҷонӣ[8].

---

[6] **Инҳитот** — пастравӣ.
[7] **Фанар** — пружина.
[8] **Маҷҷонӣ** — муфт, бепул.

Сухане чун дури насуфтаву бикр
В-аз саропардаи бакорати фикр.
Сухани гумраҳон ҳидоят кун,
В-аз дилафтодагон ҳимоят кун.
Сухани нағзу нағмаи мавзун,
На аз ин созҳои бе қонун.
Чун «Гулистони» Шайх доруи ҷон,
Чун ғазалҳои Хоҷа ҷовидон.
Сухани барқи дидагон афрӯз,
Барқи ғайратфурӯзу хирмансӯз.
Сухани хуфтагон ба ҳуш овар,
Ба тани мурда хун ба ҷӯш овар.
Сухани чун наҳиби Фардавсӣ,
Ки рагу пай кунад кашу қавсӣ...
Сухани обдода чун ханҷар,
Ки ҷавонро фурӯ халад ба ҷигар.
Сухани муштҳо гаронтар кун,
Мӯ ба андоми мард наштар кун.
Баҳри саркӯби саркашон чаккуш,
На ситамгарнавозу оҷизкуш...
Сухани моварои миқёсот,
Ҷоми лабрези завқу эҳсосот...
Сухани дилнишин навои навид,
Осмони таронаи ҷовид.
Сухани ҳамчу бахти ҳусн ҷавон,
Сухани ҳамчу дарси ишқ-равон.
Чӣ кунам шоир офаридастам,
Қори дигар наояд аз дастам.
Гарчӣ дастам хунарвару корист,
Қори дигар наметавонам, нест.
Ман ҳама кор метавонам кард,
Лек дар кори хеш хастам мард.
Қори ғайри ҳунар на кори ман аст,
Ҳар касе марди кори хештан аст.
Ҷони ман пайравӣ кун аз коре,
Ки ҳавое аз ӯ ба сар дорӣ.
Агар аз сад фузун фунунат ҳаст,
Дар яке завқи фан фузунат ҳаст
Гар ҳамон як фан ихтиёр кунӣ,
Ҳама дар кор ибтикор кунӣ.
Хуби кам аз бади фузун беҳтар,

Марди зифан[9] зи зифунӯн[10] беҳтар.
Ҳар кӣ бо завқи фан мӯҷид[11] гардад,
Дар фани хеш муҷтаҳид гардад..
Ин ҳама шоҳкори илму ҳунар,
Нест ҷуз ишқи кор чизи дигар.
Шоҳроҳи тараққиёт ин аст,
Сирри пирӯзии ҳаёт ин аст.
Сарфарозӣ деҳи аврупоӣ,
Чист ҷуз ҳусни корфармоӣ.
То фарангӣ ба фикри кор афтод,
Қорро ҷуз ба дасти аҳл надод
Қорҳо чун ба дасти аҳл афтад,
Мушкилоти ҳаёт саҳл афтад.
Бо чунин завқ дуктуре Постур[12],
Ҳақ ҳам ин буд, к-ӯ бувад дуктур.
Ё ки мири суханварон Вальтер[13],
Чист ғайр аз суханвару шоир.
Варна Пастер агар комонча задӣ,
Ё Эдисон[14] агар табиб шудӣ,
Ин ҳама рози даҳр буд ниҳон
В-аз навобиғ аҷим[15] буд ҷаҳон.
Башарият бад-ин камол набуд
В-ин ҳама ҷилваву ҷамол набуд.
Ман ҳунарпешаам, чӣ кор кунам?
Шери ин бешаам, чӣ кор кунам?
Хидмати ман идора рафтан нест,
Мӯҳмалӣ гуфтану шунуфтан нест.
Ман набояд барои чандари ғоз,
Кунам аз нокасон таҳаммул ноз.
Он кӣ теғи қалам ба дастам дод,
Дод, к-аз нокасон ситонам дод.
Ман ба кори ҳисоб мард наям,
Балки бо ин ҳисоб мурданиям.

---

[9] **Зифан** — соҳибҳунар.

[10] **Зуфунӯн** — соҳиби ҳунарҳои зиёд.

[11] **Мӯҷид** — кӯшишкунанда.

[12] Пастер (1822 — 1895) — донишманди франсавӣ, химик, асосгузори микробиология ва иммунилогия.

[13] Вальтер (1694 — 1778) — нависанда ва файласуфи франсавӣ.

[14] Эдисон (1847 — 1931) — ихтироъкори маъруфи америкоӣ дар соҳаи электротехника.

[15] **Аҷим** — нозо.

Гарчи завқи риёзиям бад нест,
Нумраам сифру дар хӯри рад нест.
Сахт бо ҳарфи ноҳисоб бадам,
Балки ҳаќу ҳисоб ҳам баладам.
Шеър ҳам бе хато нахоҳад буд,
Ду дуто чорто нахоҳад буд.
Пири мо ҳам, ки дурри маънӣ суфт,
«Аҳсани ӯст акзаби ӯ» гуфт.
Лекин он ҳирфа[16] в-ин яке ҳунар аст,
Пойгоҳи ҳунар баландтар аст.
Шоири чун мане муҳосиб[17] нест,
Шифр[18] бо рӯҳи ман муносиб нест.
Сад чу ман муншиву муҳосиб ҳаст,
Лек шоир кам афтад дар даст.
Ин замон шоири чу ман қодир,
Нодир афтад, азизи ман, нодир.
Ростӣ Ҳофизи замони худам,
Ба яқин Соиб аз гумони худам.
Аз чи гардад нисори домани дашт,
Қатрае, к-ӯ гуҳар тавонад гашт.
Зарра гӯ чистат ба хок нишаст,
Ки ба хуршед метавон пайваст.
Ҳунари мо, ки обу нонаш нест,
Беҳтар аз ҳирфае, ки ҷонаш нест,
Чӣ кунам шоири варафтода,
Муҳину[19] обрӯ барафтода.
Шеър гаштаст сурати як пул,
Дар кафи шоири гадо кашкӯл.
Шеър дар ҳукми ёва медонанд,
Ҳукм чун ёва шуд намехонанд.
Ҳарфи шоир намешавад мақбул,
Шеър ё ҳукми ҳокими маъзул.
Гӯ бигӯянд ҳарчи дилшон хост,
Ки зи миқдори мо нахоҳад кост.
Гӯ бигӯянд шеъру ёва магӯ,
Мо ҳарифон намеравем аз рӯ.
Мо дарахтему ишқи гул варзем.

---

[16] **Ҳирфа** — касбу кор.
[17] **Муҳосиб** — ҳисобкунанда.
[18] **Шифр** — рақам.
[19] **Муҳин** — хору заиф.

Ҳам аз ин бодҳо намеларзем.
Мо дарахте шавем сояфикан,
Сояпарвард гир шоха шикан.
Ман дар ин боғ нахли боровар,
Тифл гӯ санг борадам бар сар.
Гул аз ин шоха гӯ бирезад бод,
Ман ба ҷуз бори гул нахоҳам дод.
Шамъ бошему маҳфил афрӯзем,
Саҳл бошад, ки хештан сӯзем.
Лаъл будан хуш асту покгуҳар,
Гар ба осон нашуд ба хуни ҷигар.

* * *

Қори мо миллати асилу наҷиб,
Буда аз ибтидо ғарибу аҷиб.
Гаҳ зи сӯрохи сӯзане гузарем,
Гаҳ зи дарвоза раҳ бадар набарем.
Як замон шеъру шоирӣ шуд боб,
Шеър пур шуд зи боб то меҳроб.
Шеърро обрӯ фаровон буд,
Шеър ҳам об буду ҳам нон буд.
Ҳар касе ратбу ёбисе[20] мегуфт,
Бахт бедор карда худ мехуфт.
Ҳар касе муҳмале ба ҳам мебофт,
Ҳама як ҷо муроди дил мебофт.
Мадҳгӯ хоса бас муанван[21] буд,
Филмасал нонаш туи[22] равған буд.
Сархушонӣ ҳам аз амиру вазир,
Тоҷбахшандагони боҷбигир,
К-аз мадеҳу газофа сармастанд,
Шуаро ба хештан бастанд.
Қасди бархе ҳам аз дари найранг,
Ҷустани ном буду шустани нанг.
Ҳосил ин шуд, ки ҷамъе аз шуаро,
Мутамаллиқ шуданду ҳарзадаро.
Рӯ ниҳоданд ровиву раммол[23],

[20] **Ратбу ёбис** — хушку тар, киноя аз ёвагӯӣ.
[21] **Муанван** — унвондор.
[22] **Ту** — дохил.
[23] **Раммол** — фолбин.

Сӯи сардари қасида дар пари шол.
Зоҳиран баҳри касби ҷоҳу шараф,
Ботинан чашмашон ба обу алаф.
Чӣ дағалҳо, ки дар ғазал карданд,
То ғазал низ мубтазал[24] карданд.
Мисли Фирдавсӣ одаме, ки худой,
Дар суханаш офарида беҳамтой.
Он ки чун ӯ ба шеър нобиға нест,
Гӯ худои сухан, муболиға нест.
Он ки озодагӣ аз ӯ зодаст,
Дарси миҳанпарастӣ ӯ додаст.
Он ки моро диловарӣ омӯхт,
Сарфарозиву сарварӣ омӯхт.
Он ки моро забони баста кушуд,
Порсиро равони нав бахшуд.
Ман бар онам, ки ин бузург устод,
Ин ҳумоюннажоди фаррухзод,
Гар на бар осмоне оин буд,
Рост Эрон парастиши дин буд.
Гар зи дини худо ҷудо мондӣ,
Шоҳи эронзамин худо хондӣ...
Ғурриши наррашер гашт баланд,
Ларза бар тоқи нӯҳ равоқ афканд.
Зад ба эрониёни хуфта сало
В-он сало ҳамчу тӯп кард садо.
Бари озодагон биронд паём,
Ки дареғ аст теғи кин ба ниём[25]
Нанг бодо ба кишвари Қаю Ҷам,
Ки араб моликурриқоби аҷам.
Дам зи Эрону меҳри Эрон зад,
Хома бар номаи далерон зад.
Гуфт озод он чи бояд гуфт,
Он чиро дигаре нагуфту нуҳуфт.
Бо дами оташин даҳан во кард,
Араби побараҳна расво кард.
Номи Эрон бузург карду баланд,
Сазад эрониён бад-ӯ боланд..
То зи «Шаҳнома» дар хурӯш омад,
Хуни Эрониён ба ҷӯш омад.

---

[24] **Мубтазал** — хор.
[25] **Ниём** — шамшер.

Зинда кард аз салои вахшӯрӣ[26]
Рӯҳи сарбозиву силаҳшӯрӣ.
Дод моро шууни миллӣ ёд,
То ки дар мо ғурури миллӣ зод.
Миллати мо раҳини[27] миннати ӯст,
Миллате гар ба ҷост, миллати ӯст.
Оре, ингуна марди эрондӯст,
Он, ки чашму чароғи Эрон ӯст.
На ки беш аз ҳаёт чиз надошт,
Балки ҳаққи ҳаёт низ надошт.
Инаш Эрон сазои хидмат дод,
Ки пиёда гурехт то Бағдод.
Ӯ, ки душман набуд, оҳ аз дӯст,
Ки ба душман барад паноҳ аз дӯст.
Як чунин мард буд дар ғами ҷон,
Унсурӣ аз тило задӣ финҷон[28],
З-он ки ӯ мадҳ роҳи дасташ буд
В-он зару ганҷ нози шасташ буд.
Нест ин рахна созгори руфӯ,
Эй туфу бар ту, рӯзгор, туфӯ!
Оре, авзои даҳр ин буда,
Даҳр то буда инчунин буда.
Аҳли фазлу ҳунар гирифта карон,
Қори дуньё ба коми беҳунарон.
Офтоб уфтода дар зиндон,
Шабпара дар миёни алам гардон.
Шеър ҳам шуд ба коми мадҳсаро,
Оқил ин дастаанд аз шуаро.
Гарчи шоир наянд ин даста,
Дастаи шоирӣ ба худ баста.
Нозиманд ин гурӯҳи мадҳсаро,
Назмашон нангашон ба ҳар ду саро.
Хонда аз наҳв шарҳи алфияе
В-аз фани шеър вазну қофияе
Дасту пои қасидаҳо шикананд,
То харобӣ зи худ дуруст кунанд.
Марди шеъру ҳунар наянду зананд,
То бизоянд шеър, зӯр зананд.

---

[26] **Вахшӯрӣ** — пайғамбарӣ (мансуб ба Зардушт).
[27] **Раҳин** — гаравгузошта.
[28] **Финҷон** — зарф.

Бачча зоянд зишту бадгавҳар,
Ки набинад ба худ нишони падар.
Сухани беасосу ҳарфи муфт,
Ки бад-ӯ назм ҳам нашояд гуфт.

* * *

Шеър фикри зарифро гӯянд,
Назми нағзу латифро гӯянд.
Шеър назме бувад ба сеҳри ҳалол,
Ки кунад аҳли завқ ҳол ба ҳол.
Шеър назми баланди Фирдавсист,
Рост гӯӣ таронаи қудсист.
Шеър хоси сухан набошад ҳам,
Балки лафзе бувад ба маъниам.
Ҳар чӣ з-он дида бархӯрад, шеър аст,
Ҳар чӣ андӯҳи дил барад, шеър аст.
Ҳар кучо бӯи вачду ҳоле ҳаст,
Ҳар чиро чилваву чамоле ҳаст,
Ҳар чӣ озода дил бад-ӯ бандад
В-он чи завқи салим бипсандад.
Ғазаби шеъру ғамзаҳои ғизол,
Хашми дарьёву лутфи оби зулол.
Ҳоли ибҳоми чангали анбӯҳ,
Қаҳри тӯфону саҳмгинии кӯҳ.
Нузҳати сабзаву табассуми гул,
Сарви нозу таронаи булбул.
Оҳи мазлуму нолаи шабгир,
Саркашии чавону сӯҳбати пир.
Хуфтани тифлу домани модар,
Ишқи бебоку иффати духтар.
Чӯшиши чашмасору сояи бед,
Теғи кӯҳу дамидани хуршед.
Авфи шоҳонаву гузашти карим,
Нози шаҳзодаву ниёзи ятим.
Ҳасрати ошиқу висоли ҳабиб,
Қисссаи ишқу саргузашти ғариб.
Сари савдоии чаҳонгардон,
Рӯҳи чонбозии чавонмардон.
Синаи кабку боли сабзи қабо,
Ғазали Шаҳриёру сози Сабо.
Рангу бӯи баҳору ҳузну хазон,

Баргрези хазону боди вазон.
Ин ҳама шеъру дафтари ғазал аст,
Абадӣ корномаи азал аст.
Шеър омехтааст бо дилу ҷон,
Ширу шаккар бувад ба коми ҷаҳон,
Бо ту, эй шеър, олам аст биҳишт
В-ар биҳишт аст бе, ту бошад зишт.
Бе ту инсон наметавонад зист
В-он, ки бе шеър зист, инсон нест.
Боту дорам ҳаёти ҷовидон,
Бе туам зиндагӣ бувад зиндон.
Шеър руҷҳони[29] инс бар ҷон аст,
Мо биҳил имтиёзи[30] инсон аст.
Шеър ҳам аз ҷаҳони ҷону дил аст,
На зи дуньёи дуни обу гил аст.
Гетӣ ороста зи ҳикмату шеър,
Хориҷ аз ин ду ёва бошаду меър.
Ҳикмат андоми олам асту давом,
Шеър дар вай таносуби андом.
Ҳикмат аст он чи лозим асту зарур,
Шеър зебоиясту завқу сурур,
Ҳикмат омад асосу моҳият,
Шеър камият асту кайфият.
Ҳикмат оғозгир ё анҷом,
Шеър ҳусни шурӯъу хайри хитом.
Шеърро ҷомаи сухан дебост,
Ки дар ин ҷома шоҳиди зебост.
Шеър чун ҷомаи сухан пӯшад,
Лутфаш аз чоки пираҳан ҷӯшад.
Сухан ар шеър бувад, ҷон дорад,
Давлати умри ҷовидон дорад.
Сухан ар шеър нест, ҷонаш нест,
Гар ҳама шоҳид аст, онаш нест.
Шеър манзум гир ё мансур,
Абадӣ шоҳиде бувад манзур.
Нест аз ин ҳама самуми вазон,
Ба «Гулистони» Шайх роҳи хазон.
«Гул ҳамин панҷ рӯзу шаш бошад

---

[29] **Руҷҳон** — бартарӣ.
[30] **Мо биҳил имтиёз** — он чи ки бартарӣ ва имтиёз медиҳад.

В-ин гулистон ҳамеша х(в)аш бошад...»
Лек чун бигзарем аз Қуръон,
Шеъри манзумро сазад руҷҳон.
Шеъри мансур ҳарчи дорад фар,
Шеъри манзумрост фарри дигар.
Гӯш ин нағма беш дорад дӯст,
З-он ки оҳанг низ ҳамраҳи ӯст.
Шеъри мансур ҳаст танҳо шеър,
Шеъри манзум мусиқӣ бо шеър,
Шеъри мавзун ба ҷон бувад дамсоз,
З-он ки ҳам шеър бошаду ҳам соз.
Назм ҳам този шеъри мо дуздид,
Ки гаҳе дил ба този ӯ рақсид.
Дузди ин соз ҷонфазо шудааст,
Ки худӣ ҷои шеър ҷо задааст.
Шеъри мавзун чу шуд ба хубӣ тоқ
Шеър мутлақ, бад ӯ шуд итлоқ[31].

* * *

Низ шоир хавоси шеърписанд,
Шеъри мавзуннавозро гӯянд.
Варна шоир ба олам аст фузун,
Ки нагуфтааст мисрае мавзун.
Базлаҳои Убайди Зоконӣ,
Маталак гуфтани Сифоҳонӣ.
Метавон гуфт навъе аз шеър аст,
Ки бад ӯ ҳар касе наёбад даст.
Ҳам фузун аст, гар нагӯӣ кист,
Он ки назмиаш ҳасту шоир нест.
Ағлаб ин шоирони номовар,
Нозиманду адибу санъатгар.
Оре, эй дӯст, шеъри мавзунсоз,
Ҳаст аз хайли шоирон мумтоз.
Шеъри мавзун сурудан осон нест,
Шоири хуб будан осон нест.
Шеъри мавзун таронаи абадист,
Мункири ӯ шудан зи бехирадист.
Шеъри мавзун равонтар аз сел аст,

[31] **Итлоқ** — равона кардан.

Сангро ҳам ба сӯи ӯ майл аст.
Гулшан асту ҳамеша шодоб аст,
Офтоб асту ҷовидонтоб аст.
Он кӣ бо ҳусн соҳирӣ омӯхт,
Ишқро низ шоирӣ омӯхт.
Шеърро ҷодуӣ асар доданд,
Соҳириро ба шеър сар доданд.
Шеърро нашъаи маи ноб аст,
Чун маи ноб доруи хоб аст.
Шеъри мавзун забони ҷону дил аст,
Ҷону дилро шарик обу гил аст.
Шоир оини раҳбарӣ донад,
Шеър гоҳе паямбарӣ донад.
Дида эй бас палиди нома сиёҳ,
Қ-аз яке байт омадааст ба роҳ,
Гар дил аз санг сахттар бошад,
Ҳам дар ӯ шеър коргар бошад.
Шеърро барқи теғи оламгир,
Ҳама офоқро кунад тасхир.
Шеър дар ҳар куҷо, ки пой ниҳад,
Мизбонаш ба дида ҷой диҳад.
Шеър то сар ниҳод бар дами гӯш,
Роҳ ҷӯяд ба ҳафтхонаи ҳуш.
Шеъри Фирдавсӣ ар на мавзун буд,
Қай бад-ин ҳусни рӯз афзун буд,
«Шоҳнома» агар набуд суруд,
Нағмаи милливу суруд набуд.
Аз «Гулистон», ки лолахезтар аст,
Шайхро «Бӯстон» азизтар аст.

* * *

Хоҷаи мо, ки зиндаи абад аст,
Шуароро гули сари сабад аст.
Зинда аз нағмаҳои мавзун аст,
Хуррам аз нолаҳои маҳзун аст...
Гулбуни табъи Хоҷа то гул кард,
Хори ғам қобили таҳаммул кард.
Гар дар ин остона роҳ набуд,
Аҳли дилро паноҳгоҳ набуд,
Дил чу аз рӯзгор ранҷа шавад,
Нимашаб дар паноҳи Хоҷа шавад,

Хоҷа бораш зи дӯш баргирад,
Дил навозишкунон ба бар гирад.
Хоҷа меҳмон ба дида биншонад,
Сару ҷонаш ба мақдам афшонад...
Аз башар шарру фитна мекоҳад
В-одамиро фаришта мехоҳад.
Ҳар кӣ бо Хоҷа дӯсти аҳлу вафост
Гар садаш душманӣ кунанд, сафост...

* * *

Боре аз сар кунем пои талаб,
Боз гардем бар сари матлаб.
Сухан аз лутфи шеъри мавзун буд,
Лутфи табъам бад-ин баён афзуд.
Бишнав ин нағз нуктаи борик,
Ки ба мақсуд мешавӣ наздик...
Шоҳиди шеърро сарои замир,
Ҳама чун оинаст нақшпазир.
Шеър гӯй савори шаҳпари барқ,
Ҳама ақсои ғарб пӯяду шарқ.
Сирри таснифи Орифи марҳум,
Ҳаст бар ман ҳанӯз номаълум.
Шаб, ки мегашт ин тарона баланд,
Субҳ атфоли кӯча мехонданд...
Боре ин зумраи мадеҳасаро,
Обрӯрези зумраи шуаро,
Шоҳидонанд рӯҳи шеърозор,
Шеър карданд шоҳиди бозор.
Обрӯи суханварӣ бурданд,
Дахли бозори шеър оварданд.
Бо сухан кору косибӣ карданд,
Қори занҳои рӯсабӣ карданд.
Ба хазаф ганҷи шойгон доданд,
Гавҳар аз каф ба ройгон доданд...
Ҳосил ин шуд, ки шеъри мо шуд бад,
Шеър зери дили шуморо зад.
Рахт барбаст фазлу дониши мо,
Шеъри мо дод умри худ ба шумо.
Миллат аз шеър рӯйгардон шуд,
Душмани шеър марди майдон шуд.
Ҳол, к-аз он ақида баргаштем,

Шеър шуд тиру мо сипар гаштем.
Шеърро душмани башар донем,
Шоир аз ҳар баде батар донем.
Шеър донем худ зиёну халал,
Шуаро садди роҳи саъю амал.
Ҳар чи бар хештан гарон бинем,
Ҳама аз чашми шоирон бинем.
Оре, ин миллати тараққихоҳ,
Ба хаёлаш, ки шоири гумроҳ.
Гар ба қавлу ғазал напардозад,
Аэроплан барои ӯ созад.
На бародар, на он хуш асту на ин,
На чунон аст расму раҳ, на чунин.
Дар бадӣ тунду кунд ҳар ду якест,
Он зи шӯриву ин зи бенамакист...
Халқ чун чашму гӯшу оразу пӯст,
Ҳар чӣ бинӣ, ба ҷои худ некӯст.
Чашм бояд, ки роҳ бинаду чоҳ,
Ҳаргиз аз гӯш, кори чашм махоҳ,
Кишвар ар теғи тез мехоҳад,
Адабиёт низ мехоҳад.
Фарз кун Шайху Хоҷа ҳеҷ набуд,
З-ин набудан туро чӣ бошад суд.
Ғазали банда ҳам нагуфта бигир,
Он ҳам аз кисаи ту руфта бигир.
Ҳазф кун ин мафохири адабӣ,
То бимонад самовари ҳалабӣ.
Чашми дил боз кун, ки дар хоб аст,
Фикри нон кун, ки харбуза об аст.
Шоире гар бадӣ ба халқ омӯхт,
Шуаро хушку тар набояд сӯхт.
Мо нагуфтем шеър илҳом аст,
Напазирем, ҳам ки авҳом аст.
Шеър ҳам санъатест нағзу зариф,
Ки бад-ӯ моил аст завқи латиф.
Шеър ҳам оятест тавфиқӣ,
Санъате дар радифи мусиқӣ.
Гавҳаре бошад аз бадоеу бас,
Қ-аш табиат надода бар ҳама кас.
Он урупоии тамаддундӯст,
Он ки сарҳалқаи тамаддун ӯст,
Он ки саркор аз ӯ шудӣ ҳавасе,

Тоза тарсам, ба гарди ӯ нарасӣ.
Он ки бар дасти ӯст дар ҳар кор,
Чашми таклиди бандаву саркор.
Чун бубин дорад эҳтироми адаб,
То куҷо мебарад мақоми адаб.
Ту, ки дорӣ далолат аз мардум,
Чӣ кунӣ роҳи мардумиро гум.
Ту, ки раҳ бо далели роҳравӣ.
Чӣ далел аст тундтар бидавӣ.
Чист ин моя бад талош шудан,
Қосаи гармтар зи ош шудан.
Хуб худро бубин, надидӣ агар,
Дояи меҳрубонтар аз модар.
Қас чу мо бе қиёсу қонун нест
В-аз ҳади эътидол берун нест.
Адабиёт кай хурофот аст,
Бо тамаддун к-аш мунофот[32] аст.
Шеъри мо бо тамаддуни саркор,
Меҳри дерина дораду сару кор.
Бас қадим аст ин дуро улфат,
Мустақим аст ин дуро нисбат.
Адабиёти ҳар гурӯҳе беш,
Ба ҳамон нисбаташ тамаддун пеш.
Миллате, к-аз адаб насибаш кам,
Қамнасиб аст аз тамаддун ҳам.

## ҶОН МОДАР

Модар, биҳишти ман ҳама оғӯши гарми туст,
Гӯй сарам ҳанӯз ба болини нарми туст.
Пайваста дар ҳавои ту чашмам ба ҷустуҷӯст,
Ҳар лаҳза бо хаёли ту ҷонам ба гуфтугӯст.
Модар, садои гардиши гаҳвораат ҳанӯз
Мепечадам ба гӯши дилу ҷон шабонарӯз.
Дасте ба маҳди тифлу ба дасти дигар ниҳон
Модар, бубин ба арши худо медиҳӣ такон.
З-ин корвони рӯзу шаби ман, ки шуд равон,
Модар, туӣ ту қофиласолори корвон.
Ин қофила ҳанӯз ту мебандияш дарой
Занги шутур ҳанӯз ба оҳанги лой-лой.

---

[32] **Мунофот** — мухолифи ҳам будан.

Дар хобу дар хаёл ҳама бо туам ҳанӯз
Танҳоиям мабод, ки тираст бе ту рӯз.
Дар андаруни ман ҳама ною навои туст
В-он ною он наво ба дами ҷонфизои туст.
Доим ҳарими қудси ту эҳсос мекунам,
Эҳсоси қудси он дами анфос мекунам.
Дар хона ҳар кuҷо нигарам хотироти туст,
Ҳам хомӯшона қиссаи маргу ҳаёти туст.
Ҳар кунҷи хона аз ту бубинам нишонаҳо,
Эй модар, эй ту равшании ошьёнаҳо.
Ҳар чархи хонавода, ки модар мудири ӯст,
Пайваста бар мадори муҳаббат масири ӯст.
Модар, ҳаёт бо ту биҳишт асту хуррам аст
В-ар бе ту бувад, ҳарду ҷаҳонаш ҷаҳаннам аст.
Пистони туст чашмаи нӯшини салсабил,
Эй чашмаат ҳанӯз шукр бо манаш сабил.
Мусиқии биҳишт ҳамоно садои туст,
Гӯши дилам ба замзамаи лой-лои туст.
Модар, ба қиссаҳои ту мехуфт ғуссаҳо
Мерафт чашму гӯшам ба дунболи қиссаҳо.
Як умр бар паноҳи ту хуфтем масту лул,
Гӯй ҳанӯз дар ту гурезам зи деву ғул.
То бо ҳарими гарми ту будем дар тамос,
Ҳаргиз набудамон ба дил аз деву дад ҳарос.
Ҳар, к-ӯ чу ман навозиши модар ба чашм дид,
Аз дидани ятим биларзад танаш чу бед.
Аз кӯдакони мадраса гар худ тавонгар аст,
Тифли малӯлро ба ҷабин доғи модар аст.
Он ширхора, к-ӯ ба сараш нест модаре,
З-он дилхароштар, ба худо, нест манзаре.
Моро авотиф ин ҳама аз шири модар аст,
Ин риққате, ки дар дилу шӯре, ки дар сар аст.
Дар тифлӣ он чи дида башар меҳри модарӣ,
Таҳвил медиҳад ба бузургӣ ба дигаре.
Он кас, ки сояе ба сар аз модараш набуд,
Мушкил ба зери сояи ӯ метавон ғунуд.
Ағлаб касон, ки пардаи ҳурмат даридаанд,
Дар кӯдакӣ муҳаббати модар надидаанд.
Модар, ту он фаришта, ки тӯмори сарнавишт
Дарпечиву ҷаҳаннами моро кунӣ биҳишт.
Модар, ба нӯшханди ту офоқ мешукуфт,
Гӯй, ки аз ту кавну макон ҳарф мешунуфт.

Бо шодият набуд ғамеро маҷоли ист,
Аммо ба гирьяи ту ҳам офоқ мегирист.
Гар бурда марг шахси ту ёдат набурда аст,
Ту зиндаӣ ҳамеша, ки ёдат намурдааст.
Бахтам ҳанӯз аз гули рӯи ту гулшан аст,
Ғамхонаи дилам ба чароғи ту равшан аст.
Аз ашки ту чакидаи завқу сафо шудам,
Қонуне аз муҳаббату меҳру вафо шудам.
Аз туст сӯзу сози рубоби шикастаам,
Мадьюни туст ин ҳама девон, ки бастаам.
Сад қисса ишқ будиву мехондамат мудом,
Рафтиву монд қиссаи сад ишқ нотамом.
Бас интизори ман бикашидӣ ту мӯҳташам,
Аммо ман интизори ту навмед мекашам.
Вақте ки ёди он ҳама ранҷ ояду азоб,
Модар, ба ҷони ту, ҷигарам мешавад кабоб.
Эй вақф карда зиндагӣ аз баҳри кӯдакон,
Рафтиву зиндагӣ ҳама шуд заҳри кӯдакон.
Эй сина дошта сипари ҳар балои ман,
Акнун бикун шафоати ман бо худои ман.
Имрӯз ҳастиям ба умеди дуои туст,
Фардо калиди боғи биҳиштам ризои туст.
Рӯзе агар ба чашми ту бинанд ин ҷаҳон,
Дигар ба синае нашавад кинае ниҳон.
Аз чашми модарон ба худо, ҳар куҷо сарест,
Он сар чаранда дар қуруқи[33] меҳри модарист.
Он к-ӯ ба хуни як писар ангушт мениҳад,
Охир ҷавоби нолаи модар чӣ медиҳад?
Ҳар ҷо ки хоин писаре ё ки духтарест
Чун соя дар таоқиби ӯ оҳи модарест.
Охир чу ёди модари мискин ба дил кунӣ,
Гар хун равон шудаст, ту бояд биҳил кунӣ,
Оре, ба эҳтироми ту модар ҳамин башар,
Рӯзе гузашт мекунад аз хуни якдигар.
Он рӯз одамӣ ду ҷаҳонаш бувад биҳишт,
Зеро ки нахли ҳурмати модар ба даҳр кишт...

---

[33] Қуруқ — ҷои хос.

## ВАРЗИШИ ТАНУ ҶОН

Хез чу деҳқону тане деҳ ба кор,
Донае афшону дарахте бикор.
Сурхкуни чеҳраи зард аст кор,
Сайқалаи ҷавҳари мард аст кор
Кор, ки дар вай кашишу кӯшиш аст,
Бо азалоти[34] ту беҳин варзиш аст.
Хоса, ба саҳрову ҳавои саҳар,
Қ-аз ту кунад чеҳра ба ранги гуҳар.
Ваҳ ки чӣ ҳангома ба ҳангоми субҳ,
Хезу сабӯҳӣ бизан аз ҷоми субҳ.
Субҳ пас аз розу ниёзи намоз,
Рӯ ба чаман кун, ки фазоест боз.
Варзиши синаст зафиру шаҳиқ[35]
Гар ба ҳавои саҳар асту амиқ.
Бо тани сусте шикани сахт кӯш,
Рӯҳ диҳад рафтан дар зери душ.
Қӯрадами ҳиммати мард аст кор,
Гармкуни оҳани сард аст кор.
Қор дили мурда ба ҳол оварад,
Фурсати имкони муҳол оварад
Аз ҳаракат ист макун як замон,
Қ-аз баракат ист кунад осмон.
Тан чӣ бувад? Маркабу мошини ту,
Қуту ғизо масрафи бензини ту.
Гар утумубил[36] наяфтад ба роҳ,
Занг занад ҷумлаи он дастгоҳ.
Ҷисм ба ҳиссу ҳаракат зинда аст,
Лоша бувад тан, ки натозанда аст.
Варзиши тан шоҳиди дилзиндагист,
Зиндагии шод ба варзандагист.
Содатарин варзиш агар нағнавӣ,
Гардиши субҳ асту пиёдаравӣ.
Ҷисм муҳим аст, вале ҷон аҳам,
Ин ду биварзон ба мувозот ҳам.
Ҳамчу тарозуи сабук эҳтизоз,
Қаффаи ҷону тани худ кун тироз.

---

[34] **Азалот** — ҷамъи азала, рагу пайҳои бадан.
[35] **Зафиру шаҳиқ** — нафаскашӣ.
[36] **Утумубил** — автомобиль, мошин.

Қуввату нерӯи тан аз варзиш аст,
Варзиши ҷон низ дар омӯзиш аст.
Маърифат омӯзу бикун ҷон қавӣ,
Ҷисм ҳам аз ҷунбишу ҷавлон қавӣ.
Ҷони ҷуҳулу тани боуштулум,
Чист? Яке ваҳшии бешоҳу дум.
Ҷони ҳунарвар ҳам агар тан низор,
Рустами беаслиҳа дар корзор.
Бо дили донанда шавӣ ҷовидон,
Бо тани варзанда ҷаҳонпаҳлавон.
Гар тану ҷон ҳар ду қавӣ шуд ба кор,
Мард шавад дар ду ҷаҳон бахтиёр.

## ДАР ҲОФИЗИЯИ ШЕРОЗ

**(Дар ҷашни ҳунари Шероз)**

Салом, эй шаҳри Шайху Хоҷа-Шероз,
Салом, эй маҳди ишқу мадфани роз,
Салом, эй қиблаи тақдису тақво,
Салом, эй қалъаи симурғу анқо,
Салом, эй каъбаву бутхонаи мо,
Салом, эй масҷиду майхонаи мо
Салом, эй шаҳри ишқу ошноӣ,
Салом, эй ошьёни рӯшноӣ,
Салом, эй ҷилваи ҳуснат худоӣ,
Набошад як дам аз ҷонат ҷудоӣ,
Салом, эй сити ҳуснат ҷовидонӣ,
Салом, эй дил ба кӯят корвоне.
Салои ишқ Саъдӣ дар ту дода,
Лисонулғайб Ҳофиз дар ту зода.
Куҷо ишқе ҳақиқӣ ё маҷозӣ,
Ки бо номат надорад ишқбозӣ.
Куҷо дар шеъри Ҳофиз номи Шероз,
Ки мурғи дил наянгезад ба парвоз.
Салом, эй теғи абрӯят ҷаҳонгир,
Ғуломи чашми ҷодуи ту Кашмир.
Ба холи ҳиндуят нӯшу гуворо
Хироҷи сад Самарқанду Бухоро.
Салом, эй шӯҳрати ҳуснат ҷаҳонӣ,
Ҷаҳон ҳусни ту мебозад ниҳонӣ.
Урупо масти Саъдӣ з-он мавоиз,

Гуте[37] саргаштаи як байти Ҳофиз,
Ту конунӣ намиру ҷовидонӣ,
Қ-аз афсуни ҳунар чун ҷодувоне.
Баҳори бӯстонат бе зимистон,
Дуоят карда Саъдӣ дар «Гулистон»,
Қи ё раб, Порсро маҳди амон дор,
Ба саъдаш бурҷи толеъ тавъамон дор.
Ба тири ин дуо пири дилогоҳ,
Муғулро кард дасти фитна кӯтоҳ.
Дилу дилбастаи Эрон ту бошӣ,
Гулу гулдастаи Эрон ту бошӣ,
Ирам бо Сарвиноз* аз хулд боғе,
Зареҳи Шоҷароғат* шабҷароғе.
Ҷаҳонро нақши зебои ту зевар,
Ба мӯҳри Хоҷа холи ҳафт кишвар.
Ба Рукнободу гулгашти Мусалло,
Ҷаҳоне дидаву нодида шайдо.
Ба дидори ту дуньёест муштоқ,
Парафшони ту чун парвона ушшоқ.
Ҳунармандони оламро зи ҳар сӯ
Бад-ин сӯи ҷаҳон бошад такопӯ.
Сари кӯят дигар байтулҳарам шуд,
Зиёратгоҳи арбоби қалам шуд.
Равон бо корвон рӯҳу равонҳо,
Равон кун пешбози корвонҳо.
Сазад ба меҳмонони муаззам,
Дуруди шодбошу хайра мақдам.
Ало, эй булбулони боғу бӯстон,
Фуруд оед дар боғи гулистон.
Шумо, эй оқифони кӯи Саъдӣ
Гул овардед дар мушкӯи[38] Саъдӣ
Ба ҷои пои Ҳофиз по ниҳодед,
Мубоҳӣ миннате бар мо ниҳодед.
Шумо, эй меҳмонони харобот
Ба хони Хоҷа чун Мӯсо ба майқот.
Ба ишқи Ҳофизи файёз Шероз
Сафо кардед бо ин каъбаи роз.

---

[37] **Гуте** — Гёте (1749—1832) — **шоир ва мутафаккири маъруфи немис.**

* **Сарвиноз, Шоҷароғ — номи мавзеъҳои хушманзараи** Шероз.

[38] **Мушкӯй** — кӯшк.

Бинӯшед аз хуми ин файзу иршод
Маи нӯшин, ки нӯши ҷонатон бод.

* * *

Ту, эй Шероз, ҷо дорад биболӣ,
Вале донам, ки гоҳ аз дил биналӣ,
Ки дигарбора чун Саъдӣ назодӣ,
Ба дуньё Ҳофизи дуввум надодӣ.
Нубуғ аз давлати ташвиқ зояд,
На ҳар қарне чунин тавфиқ зояд...
Навозандат ба иззу нози мавкаб,
Фурӯзандат ба меҳру моҳу кавкаб.
Ба ташрифи нузул оростандат,
Ки чун хулди барин мехостандат.
Ту бо Саъдиву Ҳофиз сарфарозӣ
Гарав бурда ба чандин имтиёзе.
Бад-ин ду шоҳиди машҳуди офоқ
Гарав бурдӣ агар ҷуфту агар тоқ.
Худо мехост килки ин дабирон,
Сутуни кохи истиқлоли Эрон.
Ту Эронро нахустин ҳаста бошӣ,
Қ-аз оғозаш сари барҷаста бошӣ.
Салом, эй фитнаи фаттонаи мо,
Салом, эй кишвари афсонаи мо...
Қатоиб бо хати мехӣ чу дорӣ,
Шукӯҳу фарри таърихӣ ту дорӣ.
Куҷо чун дахмаи Куруш атиқе?
Куҷо чун Фазваҳар нақши амиқе?
Куҷо кохе кӯҳан чун Тахти Ҷамшед?
Дурахшон хиргаҳи хотуни хуршед.
Ғанои музеҳо аз давлати туст,
Чӣ иқлиме ба шаъну шавкати туст...
Куҷо ҳамчун Мусаллоят мусаллӣ?
Чу Бобо Кӯҳият тӯри таҷаллӣ?
Салом, эй маъбади ишқу муҳаббат,
Мақоми маърифатро қофи қурбат.

* * *

Салом, эй Саъдии донишвари мо,
Салом, эй ифтихори кишвари мо.

Мақомоти маолиро маолам,
Улуми ичтимоиро муаллам.
Дабистонат дақоиқ дар дақоиқ,
Дабиристон ҳақоиқ дар ҳақоиқ.
«Гулистонат» нигористони Чин аст,
Ба боғи «Бӯстонат» ҳури ин аст.
Туро абкору моро сайибот аст,
Куҷо донишгаҳе чун «тайибот» аст.

* * *

Салом, эй Хоҷаи волои Шероз,
Салом, эй кошифи донои ҳар роз.
Салом, эй тоири шаккар ба минқор,
Салом, эй тӯтии гӯёи асрор.
Туро сайри сулуку кашфи ҳол аст,
Сухан, к-аз лутфи табъи туст, фол аст.
Чӣ мавзун эҳтизози сими созат,
Чӣ маҳзун пардаи розу ниёзат·
Салом, эй ринди хандида ба томот,
Салом, эй пири риндони харобот.
Ба по, хез эй хазони пешгӯён,
Мазорат бин баҳор аз лоларӯён.
Мазорат ҳар чи маҳҷубу ниҳон шуд,
Зиёратгоҳи риндони ҷаҳон шуд.

* * *

Бар ин хонам чӣ рӯи меҳмонӣ,
Туро хон шоҳиву ман деҳқоне.
Ба чашмам медурахшад барқи ғайрат,
Даҳонам боз мемонад зи ҳайрат.
Ҳаминам бас, ки шоҳам бор додаст,
Ба рӯям ин дари давлат кушодаст.
Агар ташрифи дарбоним додӣ,
Ба сар бар тоҷам аз ахтар ниҳодӣ.
Агар ман деҳқон ё Шаҳриёрам,
Гадои ишқи ин шаҳру диёрам.

## ОМӮЗИШ

Зи дониш бувад одамӣ ногузир,
Ту бояд бидонӣ, бирав ёд гир.

Надонистанат ҳар чи бошад гуноҳ,
«Намедонам» аз вай бувад узрхоҳ.
Ба ҷаҳли худ иқрор кун, бок нест,
Ки инкор ҷуз хӯи нопок нест.
Ҳунар кун ба иқрор, к-аз ростӣ
Ту узри ҳама айбҳо хостӣ.
Валекин чу даъвӣ кунӣ бефурӯғ
Ба нодонии худ фузудӣ дурӯғ.
Дурӯғе, ки бо нафси шайтон якест,
Бале, ҳар гуноҳе бад-ӯ мутаккист.
Гунаҳ филмасал то шуд аз ҷо баланд,
Бигӯяд, ки девор ҳошо, баланд...
Зи омӯхтан дониш омад зиёд,
Қас аз модари хеш доно назод.
Надонистан аз қадри мардум накост
Валекин наёмӯхтан айби мост.
Наёмӯхтан хӯи аҳриманист,
Ки бо ҷону бо ҷовидон душманист.
Зи омӯхтан нангу орат мабод,
Ки холӣ бувад каллаи пур зи бод.
Зи бӯсиданиҳои ин рӯзгор,
Яке ҳам бувад дасти омӯзгор.

# АЗ МУХАММАС ВА МУСАДДАСҲО

## ТАЗМИНИ ҒАЗАЛИ САЪДИИ ШЕРОЗӢ

Эй, ки аз килки ҳунар нақши дилангези худой,
Ҳайф бошад маҳи ман, к-ин ҳама аз меҳр ҷудой,
Гуфта будӣ ҷигарам хун накунӣ, боз куҷой?
«Ман надонистам аз аввал, ки ту бе меҳру вафой,
Аҳд нобастан аз он беҳ, ки бибандиву напой».

Муддаӣ таъна занад дар ғами ишқи ту зиёдам
В-ин надонад, ки ман аз баҳри ғами ишқи ту зодам,
Нағмаи булбули Шероз нарафтаст зи ёдам,
«Дӯстон айб кунандам, ки чаро дил ба ту додам,
Бояд аввал ба ту гуфтан, ки чунин хуб чарой».

Тирро қуввати парҳез набошад зи нишона,
Мурғи мискин чӣ кунад, гар наравад дар паи дона,
Пои ошиқ натавон баст ба афсуну фасона,
«Эй ки гуфтӣ марав андар паи хубони замона.
Мо куҷоем дар ин баҳри тафаккур, ту куҷой».

То фикандам ба сари кӯи вафо рахти иқомат,
Умр бе дӯст надомат шуду бо дӯст ғаромат.
Сарви ҷону зару ҷоҳам ҳама гӯ, рӯ ба саломат.
«Ишқу дарвешиву ангуштнамоиву маломат,
Ҳама саҳл аст, таҳаммул накунам бори ҷудой».

Дарди бемор напурсанд ба шаҳри ту табибон,
Қас дар ин шаҳр надорад сари тимори ғарибон.
Натавон гуфт ғам аз бими рақибон ба ҳабибон,
«Ҳалқа бар дар натавонам задан аз бими рақибон,
Ин тавонам, ки биёям сари кӯят ба гадой».

Гирди гулзори рухи туст ғубори хати райҳон,
Чун нигорин хати тазҳиб ба дебочаи Қуръон.
Эй лабат ояти раҳмат даҳанат нуқтаи имон,
«Он на хол асту занахдону сари зулфи парешон,
Ки дили аҳли назар бурд, ки сиррест худой»,

Ҳар шаби ҳаҷр бар онам, ки агар васл биҷӯям,
Ҳама чун най ба фиғон ояму чун чанг бимӯям.
Лек мадҳуш шавам чун сари зулфи ту бибӯям,
«Гуфта будам чу биёӣ ғами дил бо ту бигӯям,
Чӣ бигӯям, ки ғам аз дил биравад, чун ту биёӣ».

Чарх имшаб, ки ба коми дили мо хоста гаштан,
Домани васли ту натвон ба рақибони ту хиштан[1].
Натавон аз ту барои дили ҳамсоя гузаштан,
«Шамъро бояд аз ин хона бурун бурдану куштан,
То ки ҳамсоя надонад, ки ту дар хонаи моӣ».

Саъдӣ ин гуфту шуд аз гуфтаи худ боз пушаймон,
Ки маризи таби ишқи ту ҳадар гӯяду ҳазьён,
Ба шаби тира нуҳуфтан натавон моҳи дурахшон,
«Куштани шамъ чӣ ҳоҷат бувад аз бими рақибон,
Партави рӯи ту гӯяд, ки ту дар хонаи моӣ».

Наргиси масти ту мастурии мардум нагузинад,
Дасти гулчин нарасад то гуле аз шохи ту чинад,
Ҷилва кун, ҷилва, ки хуршед ба хилват нанишинад,
«Парда бардор, ки бегона худ он рӯй набинад,
Ту бузургиву дар оинаи кӯчак нанамоӣ».

Нозам он сар, ки чу гесӯи ту дар пои ту резад,
Нозам он пой, ки аз кӯи вафои ту нахезад,
Шаҳриёр он на ки бо лашкари ишқи ту ситезад,
«Саъдӣ он нест, ки ҳаргиз зи каманди ту гурезад,
Ки бидонист, ки дар банди ту хуштар зи раҳоӣ».

## БАЧАИ ЯТИМ

Эй побараҳна дар ба дари кӯчаҳо ятим,
Гӯяд забони ҳоли ту бо ман чиҳо ятим?
Чун дурри ашки худ чӣ шудӣ бебаҳо ятим?
Домони обрӯ макун аз каф раҳо ятим,
Ашкам бубину ҳасрати беинтиҳо ятим,
Эй побараҳна дар ба дари кӯчаҳо ятим.

Месӯзам, эй ниҳоли табиат, ба ҳоли ту,
Қ-аз боғбон надид навозиш ниҳоли ту,
Гӯяд забони ҳоли ту бо ман малоли ту,
Масъул миллат аст ба нанги суоли ту.
Миллат гуноҳкору ту бинӣ ҷазо ятим,
Эй побараҳна дар ба дари кӯчаҳо ятим.

---

[1] Ҳиштан — гузоштан.

Гар буд кишвари ту ба фикри саодате
В-ар дошт миллати ту ба фарҳанг рағбате,
Имрӯз бахра доштӣ аз илму санъате,
Ҳам доштӣ ба ҷомеа қадреву қимате.
Бо ҳиммати баланд набудӣ гадо ятим,
Эй побараҳна дар ба дари кӯчаҳо ятим.

Онро, ки хостӣ ба ту додам, вале малул,
Ту дар ғами фурӯғиву ман дар ғами усул.
Ин орзу агарчи надорад сари ҳусул,
Ту мустаҳақи тарбиятӣ, ҷони ман, на пул.
Мактаб ба дардҳои ту бахшад даво ятим,
Эй побараҳна дар ба дари кӯчаҳо ятим.
Эй хостори раҳм, надонӣ, ки раҳм мурд,
Бӯе зи отифат[2] натавонӣ зи халқ бурд.
Он кас, ки қаййими ту шуду ҳастии ту хӯрд,
Ин нола ҳам ба ҳеҷ нахоҳад дигар шумурд.
Охир махон фасонаи меҳру вафо ятим,
Эй побараҳна дар ба дари кӯчаҳо ятим.

Бо ман дили шикастаи ту шикваҳо кунад,
Гӯяд, ки давлат ин ҳама ғафлат чаро кунад.
Қай мешавад, ки гӯшаи чашме ба мо кунад,
Мактаб ба рӯи мо дари уммед во кунад.
Ин орзӯи мост, валекин куҷо ятим,
Эй побараҳна дар ба дари кӯчахо ятим.

Лаб дӯхтанд аз туву дардат нагуфта монд,
Рафтӣ зи дасту роҳи такомул нарафта монд.
Тай шуд баҳору чун ту гуле ношукуфта монд,
Овах, ки он вадоеи фитрӣ нухуфта монд.
Сақта шудӣ наёфта нашъунамо ятим,
Эй побараҳна дар ба дари кӯчаҳо ятим.

## ЁДГОРИ ҶАШНИ ФИРДАВСӢ

Сухан оинаи ғайбест асрори ниҳониро,
Суханвар дар замин монад сурӯши осмониро.
Наарзад гӯяд ин зиндони гетӣ зиндагониро,
Ба марги хеш чун ёбад ҳаёти ҷовидониро.

[2] **Отифат** — раҳму шафқат, меҳрубонӣ.

Зиҳӣ марде, ки бахташ то ҷаҳон бошад, ҷавон бошад,
Хушо марге, ки хуштар аз ҳаёти ҷовидон бошад.
Ба ҳангоме ки нодонӣ ба гетӣ ҳукмфармо буд,
Тамаддун дар ҷаҳон ҳамхобаи симурғу анко буд.
Дар Эрон кеши Зартушт офтоби оламоро буд,
Ҳумои фатҳу нусрат ҳаминони парчами[3] мо буд.
Зи боми касри Доро сар задӣ хуршеди доноӣ
В-аз ӯ тобида дар офоқ анвори тавоноӣ.
Ҷаҳонро то ҷаҳонбон буд зинда номи Эрон буд,
Хушо эронзамин то буд маҳди илму ирфон буд.
Зи сарву савсани дониш яке зебо гулистон буд,
Ҳазоровои ин гулшан ҳазорон дар ҳазорон буд.
Ҷамоли гулбунонаш мояи иқболу пирӯзӣ,
Навои дилпазири булбулонаш донишомӯзӣ.

Фалак якчанд Эронро асири турку тозӣ кард,
Дар Эрон хони яғмо диду тозӣ турктозӣ кард.
Гадое буду бо тоҷи шаҳон якчанд бозӣ кард,
Фалак ин шергир оҳу шикори гургу тозӣ кард.
Ватанхоҳӣ дар Эрон хонумонбардӯш шуд чанде,
Ба ҷуз дар синаҳо оташкада хомӯш шуд чанде.

Бадон бо ҷони поки мӯъбадон озорҳо карданд,
Сари гарданфарозонро фарози дорҳо карданд,
Ки то аҳрор дар кор омаданду корҳо карданд,
Ба шамшеру қалам бо душманон пайкорҳо карданд.
Нахустин фатҳу фирӯзӣ насиби оли Сомон шуд,
Ба даври оли Сомон кори ин кишвар басомон шуд.

Гаҳи он шуд, ки эронӣ сабук хонад гаронҷонӣ,
Ба ёд орад забону расму оини ниёгонӣ.
Дигар раҳ модари Эрон зи насли поки эронӣ,
Мисоли Рӯдакӣ зоиду Исмоили Сомонӣ.
Ҷамоли субҳ аз банди ниқоби шаб ҳувайдо буд,
Валекин интизори ваъдаи хуршед бар ҷо буд.

Ки то дар аҳди шоҳи ғазнавӣ шоҳи адабмавкаб,
Дар офоқи адаб тобид озаргун яке кавкаб,
Қ-аз ӯ чун рӯзи равшан шуд аҷамро андӯҳогин шаб,

---

[3] Парчам — байрақ.

Чу хуршеди ҷаҳонафрӯз чархи чорумаш маркаб.
Падид омад яке фарзанд Фирдавсии Тусӣ ном,
Сутурван аз назир овардани вай модари айём.

Чу Фирдавсӣ тавоно шоири ширинсухангӯе,
Далере, паҳлавоне, ҷангҷӯе, сахтбозӯе,
Ҷаҳони ҳиммату кӯҳи виқору кони нерӯе,
Баёни дилкаши сеҳрофаринаш сеҳру ҷодуе.
Гаҳе чун Хусрави Ширин, гаҳе чун ошиқи шайдо,
Ҳазорон рӯҳи гуногун танида дар тани танҳо.

Чу дид омехта хуни аҷам бо лавси ҳарриман,
Ба ҷои хӯи афришта аён оини Аҳриман.
Нажоде хост нав созад зи бими инҳитот эман,
Салаҳшӯру ҳунаромӯзу покоину рӯинтан.
Дар аз «Шаҳнома» зад, к-аз сури килки растхезангез,
Падид орад дар арвоҳи ниёгон шӯри растохез.

Басо, к-он бостонӣ номаҳо ҳонду кӯҳан дафтар,
Ки гирд оварад ширин достонҳои аҷам яксар.
Пай афканд аз сухан кохе зи қасри осмон бартар,
Дар он ҷоми Ҷаму оинаи Дорову Искандар.
Ба гоҳи неш халқи оташолудаш ҳама ханҷар,
Ба гоҳи нӯш назми шаҳдомезаш ҳама шаккар.

Чу аз «Шаҳнома» Фирдавсӣ чу раъде дар хурӯш омад,
Ба тан эрониёнро хуни миллият ба ҷӯш омад.
Забони порсӣ гӯё шуду тозӣ хамӯш омад,
Зи кунҷи хилвати дил — Аҳриман рафту суруш омад.
Биболад ӯ зи «Шаҳнома» чу шатт Зартушт мо аз Занд,
Бибол, эй модари Эрон, аз ин вахшурфар фарзанд.

Ба «Шаҳнома» дарун Фирдавсии фарзоли фаррухзод,
На танҳо дар ҷаҳон доди сухан, дарси далерӣ дод,
Ало, Фирдавсиё, сеҳрофарино, эй бузург устод,
Чу ту устоди маъниофарине кас надорад ёд,
Надонам Рустаму рӯинтане будаст худ ё на,
Ту будӣ ҳар чӣ будӣ Рустаму рӯинтан афсона.

Ба майдони далерӣ тохтӣ, булфорисӣ кардӣ,
Касӣ бо бекасон дар рӯзгори нокасӣ кардӣ.

Чи заҳматҳо ба ҷон ҳамвора дар он соли сӣ кардӣ,
Ба қавли хештан зинда Аҷам з-он порсӣ кардӣ.
Аҷам то зинда бошад, номи ту вирди забон дорад,
Ба ҷон миннатпазири туст, эй ҷон то, ки ҷон дорад.

Гувоҳи иззатат ин бас, ки бо он ҷуди Маҳмудӣ,
Ки ҳар ёвасарое сар ба авҷи осмон судӣ.
Ҷавонмардо, ту аз ранҷи тиҳидастӣ наосудӣ,
Забону килк бар мадҳу ҳиҷои кас наолудӣ.
Ба ҷуз ишқи ватан дигар куҷо будат ба сар савдо,
Зиҳӣ он ишқу озодӣ, зиҳӣ он фарру истиғно!..

Ту худ гуфтӣ, ҳар он кас роҳи рою ҳӯшу дин пӯяд,
Пас аз маргам чу бар осор бинад, офарин гӯяд,
Худоро, эй ҳақиқатгӯ, ҷаҳон хоки ту меҷӯяд,
Ҷаҳон хоки **ту** мебӯяд, гул аз хоки ту мерӯяд.
Биё, к-омад зи ҳар сӯе ба кӯят офарингӯе,
Баланд аз офарингӯён ба ҳар сӯе хаёҳӯе.

Дар ин рӯзе, ки рашки иди Ҷамшедиву Сирусист,
Дар ин даргоҳ моро ифтихори остонбӯсист.
Зиёратгоҳи олам турбати ин шоири тӯсист,
Дар ин кишвар бапо ҷашнӣ ҳазорум соли Фирдавсист.
Саъодатманд кард ин ҷашни таърихӣ Хуросонро,
Кашид аз бохтар то ховарон ховаршиносонро.

Шумо, эй меҳмонони ҳунарпарвар, сафо кардед,
Музайян[4] аз қудуми хештан Эрони мо кардед.
Аз ин ширкат, ки дар ин ҷашни таърихӣ шумо кардед,
Ҳуқуқи хидмати Фирдавсии тӯсӣ адо кардед.
Ки донишвар ҳама оини донишпарварӣ донад,
Нақӯ гуфтанд, оре «қадри гавҳар гавҳарӣ донад».

---

[4] Музайян — ороста.

# АЗ ҚИТЪАҲО, ДУБАЙТИҲО ВА РУБОИЕТ

## ДУХТАРАКИ ГУЛФУРӮШ

Эй гулфурӯш духтари зебо, ки мезанӣ
Ҳар дам чу булбулони баҳорӣ салои гул.
Нарму сабук ба ҷомаи гулдӯзи зарнигор,
Парвонавор мехазӣ аз лобалои гул.
Ҳаққо, ки ҳамнишини гулӣ, эй бунафшамӯ,
Симои шармгини ту дорад сафои гул.
Он чеҳра бар фарози гул аз нозу нӯшханд,
Чун моҳтоб бар чамани дилкушои гул.
Бар оҷи сина сунбули гесу ниҳода сар,
Ҷон медиҳад ба манзараи дилрабои гул.
Гулзор менамоядам офоқ дар назар,
Аз нағмаи ту булбули дастонсарои гул.
Худ ғунчаи гуливу қабо гул, матоъ гул,
Ман ҳам шикояти ту барам бо худои гул.
Моно ту ҳамчу булбулу парвона, эй парӣ,
Рӯҳи манӣ, ки бол занӣ дар ҳавои гул.
Гул бевафост ин ҳама гирдаш чу ман магард,
Тарсам худо накарда набинӣ вафои гул.
Ман низ боғбони гуле будам, эй парӣ,
Муздам ҳама таҳаммули хори ҷафои гул.
Парвонаваш, ки сӯзаду афтад ба пои шамъ,
Охир гудохтем, ману дил ба пои гул.
Таъриф мекунӣ, гули худрову ғофилӣ,
Қ-аз ишваи ту ҷилва намонад барои гул.
Пеши ту худфурӯшии гул нозукона нест
В-ин аз кучову қиссаи шарму ҳаёи гул.
Аз нӯшханд машқи шукуфтан ба гул диҳӣ?
Ё лаъли ту ба ханда дарорад адои гул.
Эй гулфурӯш духтари зебо, худойро,
Ринданд баччаҳо, набарандат ба ҷои гул.

## ГУЛИ ВАҲШӢ

Дар хонаи ҳамсояи мо шохи гуле ҳаст,
То ғунчаи нозаш ба ниёзи кӣ бихандад?
Ваҳшист бад-он гуна, ки то бингарӣ аз дур,
Дар хона хазад зуду дари хона бибандад.
Чун ман, ки бад-ӯ бинаму худро написандам,
Ӯ низ ба худ бинаду моро написандад.
Ҳон, эй дили пӯсидаи ман, ибраташ омӯз,
Себе, ки ба ҳангом начинанд, бигандад.

## ШИРИНДАҲАНОН

Нагзашта сухан бар лаби он шаккарлаб,
Лаб ғунча шавад, ки дар миёнаш гирад.
Гӯӣ, ки сари фироқ дорад Хусрав,
Ширин зада даст, то инонаш гирад.
Ин аст, ки он хусрави шириндаҳанон,
Чун сози сухан кунад, забонаш гирад.

## МУНОЗИРАИ МИНБАРУ ДОР

Минбар аз пушти шишаи масҷид,
Чашмаш афтоду дид чӯбаи дор.
Асабӣ гашту ғайзиву ғазабӣ,
Бонг барзад, ки эй хиёнаткор!
Ту ҳам аз аҳли байти мо будӣ,
Сахт ваҳшӣ шудиву ваҳшатбор.
Нардаи Қаъба ҳурматаш кам буд,
Ки шудӣ дори шаҳна, шарм бидор.
Мо сару корамон ба сулҳу салоҳ,
Ту ба ҷурму ҷиноятат сарукор.
Дод баъд аз салому арзи адаб
В-аз гуноҳи накарда истиғфор.
Гуфт: «Мо низ ходими шаръем,
Сурати ахъёр гир ашрор.
Ту қалам мезаниву мо шамшер,
Ғилзат аз мо қазоват аз саркор...
Ҳар куҷо панду банд дар монанд,
Навбати дор мерасад ночор:
«Минбареро, ки гирудораш нест,
Ҳама аз давру бар кунанд фирор».

Боз минбар фурӯ намеомад,
Ҳамчунон бар хари ситеза савор.
Оқибат дор ҳам зи ҷо даррафт,
Рӯ ба дар, то ки бишнавад девор.
Гуфт: «Агар минбари ту минбар буд,
Қори мардум намекашид ба дор».

### ДУХТАРЕ ҚУР ГАДОЙ МЕКАРД

Сарваронам чи бегунаҳ мардум,
Ки чу ман тираву табоҳастанд.
Кӯру зиндониянду зинда ба гӯр,
Сахт маҳкуми бегуноҳастанд.
Кӯрмолон ба рӯзгори сиёҳ
Дар ҳаму печи кӯрароҳастанд.
Ҳама торикандду танҳое,
Гӯ, ки дар тангиои чоҳастанд.
Ҳама хоби сиёҳи хунолуд,
Гоҳе аз худ дар иштибоҳастанд.
Гар ки ҳастанд, пас чаро кӯраид?
Гар ки кӯраид, пас чаро ҳастанд?
Сарварон ҳам дар ин муҳити шумо
Рӯсафедон, ки дилсиёҳастанд.
Муҷримонанду мӯҳтарам, оре,
Дузди нагирифта подшоҳастанд.
Мо ба чоҳи фалокату онҳо
Чашмакандози меҳру моҳастанд.
Падару модаре, ки моро зод,
Бадтар аз мо ба даври оҳастанд,
Мо ба айби шумо намебинем
Чашмдорон ҳама гувоҳастанд,
То нигоҳи утуфате бикунед
Дар гурӯҳе, ки бепаноҳастанд.

### ИНСОН

Ҳама дардҳо аз туву худ набинӣ,
Ҳама нусхаҳо дар туву худ нахонӣ.
Ту як лафзӣ, аммо тилисми аҷоиб,
Дареғо, ки маънои худро надонӣ.
Дар ин зарра бинҳуфта кайҳони аъзам,
Чу дар сими тори муғаннӣ ағонӣ.

Туй он китоби муқаддас, ки дар вай,
Набишта ҳама розҳои ниҳонӣ.
Ту шеъриву дар ҷумла девони хилқат,
Куҷо шеъри буғранҷ бо ин равонӣ?
Ба ганҷинаи офариниш биёндеш,
Қадом аст ганҷе бад-ин шойгонӣ?
Замину замоне бурун аз ту, ҳошо,
Ту ҷони ҷаҳонастиву ҷовидонӣ.
Ту инсониву худ худо дар ту махфӣ,
Малак дар ту маҳву фалак дар ту фонӣ.

## МУРҒИ УММЕД

Аз кӯҳу дашт пурс, ки он шабрави ғариб,
Дар кӯрароҳҳо чӣ қадар ранҷ бурда буд.
Аз ҷоми зарду сурх шафаққҳои субҳу шом.
Ӯ заҳрҳо чашидаву хуноба хӯрда буд.
Эй пои пур зи обила хунин яке қалам,
Ҳар нақши хун ба синаи сангӣ супурда буд.
То як қадам ба сахра бикӯбад ба мағзи сар,
Сад зарбаи замину замонро шумурда буд.
Бар киштҳои хуррами ағьёр мегузашт,
Худ як чаман шақоиқи сарду фусурда буд.
То сар диҳад ба гулшани ҷонона гар расид,
Мурғе ба зери боли муҳаббат фушурда буд.
Охир нафасзанон ба дар омад зи гарди роҳ
Аммо чаман хазонзадаву мурғ мурда буд.

## ГУЛИ ҶОВИД

Умр асбоби тараб барчиду рафт,
Чун садои дарҳаме печиду рафт.
Хобҳои нағзу ширин дид дил,
То ба ҳуш оем, ҳама почиду рафт.
Нимшаб то дида бикшоям зи хоб,
Корвони ҳамраҳон кӯчиду рафт.
Як гули ҷовид аз ин ҷумла буд,
Он яке ҳам дасти имон чиду рафт.

## ШЕЪРИ КЛАССИК

Суол кард рафиқе ба содагӣ аз ман,
Туро, ки ин ҳама афкори нағзу борик аст.

Чаро ба сони дигар шоирон на шангулӣ,
Уфуқ ҳамеша барои ту тангу торик аст.
Пас аз тааммули бисьёр гуфтамаш «Эй дӯст,
Хиҷолатам чӣ диҳӣ, шеъри ман классик аст».

## ОРЗУИ МУҲОЛ

Маро, эй кошкӣ модар назодӣ
В-агар зодӣ, ба устодам надодӣ.
Ба ҳар ҳарфе, ки ёдам дода устод,
Маро аз дарду доғе зода ёде.
Хушо, гарди ҳаво будан, ки озод,
Ба абре хусбаду хезад ба боде.

## БЕНИЁЗӢ

То фақирӣ, наволи нанг махӯр,
Мардро факр худ маҳак бошад.
Аз ҳамин фақру бениёзиҳост,
Қ-одамӣ бартар аз малак бошад.
Зишт бошад ҷамоли зеборо,
Гар ба рухсора песу лак бошад.
Сабр кун бозгардадат рӯзе,
Гарчи бар қуббаи фалак бошад.

## АҲДШИКАН

Лаими сифла аз бадқавл беҳтар,
Ки зинҳор аз хилофи ваъда, зинҳор.
Вафое гар набошад, ваъда куфр аст,
Чӣ гуфторе, чу бо вай нест кирдор.
Чу ақлат ҳаст, лекин донишат нест,
Ту бекафшиву роҳат дуру душвор.
В-агар худ фозили даҳриву беақл,
Харидӣ кафшу пое нест дар кор.

## БОНУ ФАРРУХЗАМОНИ ПОРСОЙ

Ваҳ, ки аз ҷаври маҳу меҳри ҳасуд,
Гашт моҳи меҳрубон аз мо ҷудо.
Дасти гулчини фалак чинад нахуст
Он гуле, к-ояд аз ӯ бӯи вафо.

Навгуле аз гулшани мо шуд хазон,
Гашт кори булбулон шӯру наво.
Гар раво бошад ба олам марги пир,
Ҳаст марги навҷавонон нораво.
Аз ғамаш моро раҳоӣ нест лек
Худ зи қайду қайди гетӣ шуд раҳо.
Ахтарон бар вай ҳасад бурдаңду рафт,
Гуфт ё ҷои шумо ё ҷои мо.
Мояи завқу сафои базм буд,
Рафту рафт аз базми мо завқу сафо.
Дар азои ӯ дили бегона сӯхт,
То зи худ бегона гардад ошно.
Орзӯи ҳиҷлааш буд ин арӯс,
Хуҷла шуд чӯру арӯсӣ шуд азо.
Баъд аз ӯ созаш навохон булбулест,
Қ-аз хазони гул бувад дастонсаро.
Шаҳриёр аз баҳри таърихаш суруд:
«Бонуи Фаррухзамону порсо».

## МОДДАИ ТАЪРИХ

### (Марҳум муҳандис[5] Варнус)

Фиғон ё раб, ки аз пой андар овард,
Самуми фитнаи дуньёи солус.
Яке сарв аз равонӣ гулшанорой,
Яке нахл аз баландӣ осмонбӯс.
Ба сарви сарварӣ нозанда тӯтӣ,
Ба боғи мардумӣ боланда товус.
Яке мард аз ҷаҳони мардумӣ рафт,
Қи мардонро ба лаб оҳ асту афсӯс.
Худои хулқ ин хулдошьёнро,
Наёбӣ лафзу таъбире ба қомӯс.
Ҳазору сесаду ҳафдаҳ ба баҳман,
Қи соли наҳсу моҳе буд манҳӯс.
Ба маргаш хонадонҳо гашт торик,
Бад-ои сон, к-аз чароғи мурда фонӯс.
Яке воло муҳандис буду аз ӯст,
Нишонҳо бар хати Табризу Чолӯс[6].

[5] Муҳандис — инженер.
[6] Чолӯс — номи мавзее дар шимоли Эрон.

Паи таърихи ӯ бар даҳ биафзой
«Фусӯс аз реҳлати Аббоси Варнӯс».

## РИСОИ СУРАЙЁ

Сурайё рашки моҳи чордаҳ шуд,
Ниҳон-ш аз дидаи афлок кардам.
Чи гулбози баде будам, ки гулро
Қарин бо хору бо хошок кардам.
Ба доғи лолаам танҳо кафан шуд,
Гиребоне гар аз ғам чок кардам.
Аз ин сӯ бигзар, эй абри баҳорӣ,
Ки ман аз гирья ҳам имсок[7] кардам.
Дили сангин бубин дар боғбонӣ,
Ки парвардам гулу дар хок кардам.

## ДИЛИ МУРТАД

Омад аз паҳлӯи ман, рад шуд рафт,
Хуб буд омаданаш, бад шуд рафт.
Ман, ки ёрои саломем намонд,
Ӯ ҳам, алббата, муқайяд шуд рафт.
Боз ин шарми падар салвотӣ,
Дар миёни ману ӯ сад шуд рафт.
Боз шуд мусиқии ишқ оғоз
В-ин мулоқот даромад шуд рафт.
Дили ман тоза мусулмон шуда буд,
Боз як мартаба муртад шуд рафт.

## МАН АЗ ИН БОДҲО НАМЕЛАРЗАМ

Сахт аз он зулфи суст меларзам,
То бидонӣ, ки ишқ меварзам.
То матои ҳақири ишқ шудам,
Гар ба ҷон мехаранд, меарзам.
Гар кушоянд тор аз пудам
В-ар шикофанд бахья аз дарзам,
Менаёбанд ғайри ишқу ҷунун,
Накунад оқил эйч[8] андарзам.
Шамъам аз оташам метарсонед,
Ман аз ин бодҳо намеларзам.

---

[7] **Имсок** — боз истодан.
[8] **Эйч** — ҳеч.

## ЛИБОСИ ВАТАНӢ

Эй тан, ту ба ҷомаи ватан нозӣ беҳ,
Дар ҷомаи хеш нозу таннозӣ беҳ.
Бегона барои ту кафан медӯзад,
Ҳуш дор, ки хирмани ватан месӯзад.
Бо жандақабои хештан созӣ беҳ.

## АЗ ДУБАЙТИ ВА РУБОИЕТ

Зи ман мапурс, ки чунӣ ба зери путки ҳаводис,
Ба коми кӯраи оташ тафида пораи оҳан.
Агар на теғи ҷиҳоде сабук бароиву сипар шавӣ,
Ки шарми дӯст гарон дидаму шамотати душман.

* * *

Ба шӯхӣ маёлой ҳаргиз забон,
Ки шӯхӣ ба ҳам даркашад ахмҳо[1]!
Надидам ба захми забон илтиём,
Ки хун ҷӯшад аз зери ин захмҳо.

* * *

Қарам назди бузургон ҳусну таҳсин,
Валекин назди дунон айбу заммаст.
Бубин, к-он қатра дар коми садаф дур,
Валекин дар даҳони мор саммаст.

* * *

Илм, к-ӯ роҳи саодат бинамояд, нурест,
Ки худояш ба дилу дидаи пок андозад.
Илми ту боли шикастаст, ки аз боди ғурур,
Мурғи парвози ту дар доми ҳалок андозад.

* * *

Мард аз қибали ҳодиса роҳе бикушояд,
Номард ба хешу дигарон арса кунад танг.
Эй ғам, чӣ фусунӣ ту, ки чун теғ кунӣ тез.
Мард аз ту хӯрад сайқалу номард занад занг.

---

[1] Ахмҳо — чинҳои пешонӣ.

Азизам, ин сафари ту чӣ сард буду чӣ сангин,
Ки то бурун шудӣ аз дар на пайкеву на паёме.
Салом мекунам, эй нозанин, ба санги мазорат,
Туро чӣ шуд, ки ҷавобе намедиҳӣ ба саломе.

* * *

Ду чизанд, к-аз баҳри онҳо аҷаб нест,
Агар хун бигирьяд касе ҷовидонӣ.
Ҷавоно, азизо, биё то бигӯям:
Фироқи азизон, видои ҷавонӣ.

* * *

Ҷони нодонрост пеш аз марг марг,
Ҷисми нодон ҳаст пеш аз гӯр гӯр.
Ҳар кӣ ҷонаш зинда аз దониш нашуд,
Ӯ нушӯраш монд бар явмуннушӯр[2].

* * *

Ту будиву дили хуш буду ишқ буду шубоб,
Чӣ чор ёр, ки ман доштам рафиқу шафиқ
Ҳисоби ҷабри замон касе надошт, к-ин қисмат
Чӣ омилест, ки ҳар ҷамъро кунад тафрик.

* * *

Дӯст бошад касе, ки дар сахтӣ
Боре аз дӯши дӯст бардорад.
На ки сарбори заҳмати худ низ
Бар сари бори дӯст бигзорад.

* * *

Чӣ исроре, ки асрорам бидонӣ,
Агар сирраст пурсидан надорад.
Маро бигзору шеърам бин, ки шоир
Шунидан дораду дидан надорад.

---

[2] **Нушӯр** — зинда шудани мурдагон, явмуннушӯр — рӯзи қиёмат.

Ногузир аз дӯстӣ будем бо аҳриманон,
Аҳли имонро амон аз душмани патьёра[3] нест.
Ин ҳам аз номардии дуньё, ки марди муттақӣ[4]
Душманаш дорад касе, к-аз дӯстияш чора нест.

* * *

Гаҳе гирад суроғ он бону аз ман,
Ки гуфта дӯзах аз ту мину аз ман.
Дило, ашки ғам асту ғамгусорӣ,
Биё, биншин, сар аз ту, зону аз ман.

* * *

Нуктаи нобихрадон дар дил нагирад Шаҳриёр,
Ин на панди оқилон, к-аз ҷон пазирад Шаҳриёр.
Осмонаш дил ба ишқи ҷовидон то зинда кард,
Бар замин ё дар замин дигар намирад Шаҳриёр.

* * *

Ёру[5] даво фурӯшаду номаш давофурӯш,
Мутриб, ки нағмаро фурӯшад — навофурӯш.
Пас чун вуруди боғ барои ҳавохӯрист,
Он, к-ӯ билети боғ фурӯшад — ҳавофурӯш.

* * *

Агар давлат аз дар фароз оядат,
Ба дасту дили боз кун дар фароз.
Ки давлат нахоҳад ба инфоқ[6] рафт,
В-агар рафт н-ояд ба имсок боз.

* * *

Гарат ҳоҷат афтад ба марди карим
Ҳамин бас, ки бо вай бигӯй салом.

---

[3] Патьёра — шабаҳкор, бадкор.
[4] Муттақӣ — некӯкор.
[5] Ёру — вай, он кас.
[6] Инфоқ — харҷ.

Қарим аз ту чун вомдоре хиҷил,
Ки иҳмол[7] кардаст дар радди вом.

* * *

Тору пуди олами ҳастӣ ба ҳам пайваста аст,
Оламеро шод кард он кас, ки як дил шод кард.
Роҳ бисьёраст мардумро ба сӯи ҳақ валек
Роҳи наздикаш дили мардум ба даст овардан аст.

* * *

Мурғи хушхони қафас бо боли рангин диданист,
Қас намесанҷад вале ранҷу шиканҷи домро.
Равғанӣ дар шиша бинӣ софиву равшан, вале,
Ғофилӣ бар сар чӣ ояд кунҷиду бодомро.

* * *

Ба сарангушти ман қалам, гӯй,
Мижа моил ба абрӯи ёр аст.
Тир гӯ дар дили нишона нишин,
Ки камон дар кафи камондор аст.

* * *

Ҳар лаҳза ман ба шаклеву ҳар дам ба шевае,
Аз инқилоби давру замонҳо гиристам.
Аз рӯзҳои рафта азо доштам, вале
Имрӯз дар азои ҳамонҳо гиристам.

* * *

З-ин умри дурӯза кас набинӣ
Ҳаргиз ба муродӣ хеш пирӯз,
Имрӯз ҳама умеди фардо,
Фардо ҳама орзуи дирӯз.

* * *

Ба сандуқи ҳар сина маспор роз,
Ки маҳрам кам афтад дар ин марзу бум.

---

[7] **Иҳмол** — беэҳтиётӣ, беэътиноӣ.

Ва гар роздор аст бозаш мапурс,
Ки мифтоҳ гум гашту дар муҳру мум.

* * *

Дӯст дорам шаби фироқ ки ҳаст
Дар қафояш умеди субҳи висол.
Рӯзи васлам навиди фардо нест,
Ки ба ҳар давлатест бими завол.

* * *

Панд додан ба дӯст пинҳонӣ
Иззати дӯст хостан бошад.
Лек бо будани касони дигар
Ҳурмати дӯст костан бошад.

* * *

Зоҳиран аз ҳуқуқ ҳамсояст
На ҳамин хотираш наёзурдан.
Гар ҳама хор аз ӯву чашм аз туст,
Хам ба абрӯи худ наёвардан.

* * *

То тавонӣ лаими умрат бош,
Мол агар рафт, эй лаим манол.
Метавон моли рафта ёфт ба умр,
Натавон умри рафта ёфт ба мол.

* * *

Гар эҳсон кунӣ, он чунон кун, ки гуфтанд:
«Набинад кас ӯрову бо кас нагӯяд».
Надидӣ, ки то дона пинҳон нагардад,
Ба хок андарун, сунбул аз вай нарӯяд.

* * *

Фарқи ману ту, эй мутазоҳир рафиқ чист?
Боре забон маёл, ки замон доварӣ кунад.

Булбул ба сад тарона ба кунҷи қафас хамӯш,
Тӯтӣ ба як-ду калима забоноварӣ кунад.

* * *

Судат он бошад, ки суди ҷумла мардум низ бо ӯст,
Бар зиёни халқ расвоист, дил дар вай набандӣ.
Хуш мадор аз хештан онро, ки нохуш дорӣ аз халқ,
Он ҳамебипсанд бо мардум, ки бо худ меписандӣ.

* * *

Гули зардест, ки шабҳо ба мазори Ҳофиз
Чашми махмур кушояд ба таманнои насим.
Булбулаш то дами саҳҳори саҳар менолад,
Бо навое, ки диҳад нашъаи Шерози қадим.

* * *

Мо надорему надоре беҳ аз он дороист,
Ки сари нахвату гарданкашӣ орад моро.
Ҳар киро рӯҳи қаноат, ба кифофе дорост
Варна қонеъ нашавад мулки ҳама дуньёро.

* * *

Бо мушти баста чашм кушудӣ дар ин ҷаҳон,
Яъне ба ғайри ҳирсу ғазаб нест ҳолиям.
Бо мушти боз ҳам равӣ охир ба зери хок,
Яъне бубин, ки меравам дастхолиям.

* * *

Чу дудмони каримон ба суд бошу самар,
На ҳамчу деги лаимон ба дуду хокистар.
Зи оҳи гуруснагон сахт барҳазар мебош,
Ки гуфтаанд: «Чароғе насӯхт то саҳар».

* * *

Чу бо ҷоҳил афтад сарукори ман,
Дилозурдаам, лек хушрӯйтар.
Ба ҳилми ман афзояд аз ҷаҳли ӯ,
Қ-аз оташ шавад уд хушбӯйтар.

Сухангӯе, ки лутфи гавҳараш нест,
Нахоҳӣ ёфт лутфе дар баёнаш.
Ниҳоди худ ниҳон дорем, лекин,
Сухан ногоҳ месозад аёнаш.

* * *

Ба ҳар сухане, ки гуфт, бурҳон шуда мард,
Қ-аш поя ба чоҳ ё ба кайҳон шуда мард.
Пас ҳарф ҳамон аст, ки Мавло фармуд:
«Дар зери забони хеш пинҳон шуда мард».

* * *

Қабӯтар бар сари деворам омад,
Чу пайке, к-аз бари дилдорам омад.
Ба рӯҳи рафтагон монад, ки маҳзун
Ба девор аз паи дидорам омад.

* * *

Дар хандаи ту нағма ба ноз омезад,
Дар нолаи ман най ба ниёз омезад.
Дар ҷони ман аз Сабову Нимо[8] ғавғост,
То қавлу ғазал ба сӯзу соз омезад.

### АФСАРИ ШАҲРИЁР

Ба бовафоии ман дар ҷаҳон нахоҳӣ ёфт,
Биё, ки хуб бидонем қадри якдигар.
Ману ту лозиму малзуми якдигар ҳастем,
Ки дар ҷаҳон набувад шаҳриёри бе афсар.

### ЛУТИИ ҲИСОБӢ

Гуфтанд, ки бангиву шаробӣ шудаӣ,
Алҳақ, ки чи лӯтии[9] ҳисобӣ шудаӣ.
Аз сояи хештан ҳазар мекардӣ,
Эй маҳ, ба чи рӯи офтобӣ шудаӣ.

---

[8] Сабо ва Нимо — номи шоирони эронӣ.
[9] Лӯтӣ — ҷавонмард.

## САРБОЗУ СУЛТОН

Сарбози бошаҳомат комаш раво, ки гирад,
Аз душманон ғанимат в-аз дӯстон ғаромат.
Султони бекифоят хокаш ба сар, ки бинад,
Аз душманон шамотат[10] в-аз дӯстон маломат.

## ДИЛИ ХУШ

Дили хуш доштаму дигар ҳеҷ
На матои хушу на манзили хуш.
Ҳолиё мардаму дорам ҳама чиз,
Лек чизе, ки надорам дили хуш.

## ҲАМ БИНЕМ

Биё, аз пушти айнак сарбазериҳои ҳам бинем,
Ҷавониҳои ҳам дидему пириҳои ҳам бинем.
Ба ҳам будем дар озодагиҳову амириҳо
Биё, дар кунҷи меҳнат ҳам асириҳои ҳам бинем.

## ПИР ШУД ДИЛ

Дигар дармони дардаш дер шуд дил,
Чи зуд аз сайри олам сер шуд дил.
Дили пирон ҷавон дидам, вале ман
Ҷавон будам, ки ногаҳ пир шуд дил.

## УЛФАТ

Дило, бо заъфу пирӣ хӯ гирифтан
Чунонам гарм дорад зиндагонӣ.
Ки натвонам ба рӯяш дар кушудан,
Гарам ҳалқа ба дар кӯбад ҷавонӣ.

## ОФТОБИ ШАБ

Дидамаш он маҳ ба хобу гуфт, к-имшаб
Хоб марав, то шаби офтоб бубинӣ.
Рӯз бад-ӯ шарҳи хоби дӯш бигуфтам,
Гуфт, ки рав, рав магар ба хоб бубинӣ.

---

[10] **Шамотат** — сарзаниш.

## ДАРД БАР САРИ ДАРД

Наомад аз дар он дилбар, ки монад
Зи дарди интизорам чашм бар дар.
Чу ман аз дар бурун рафтам, даромад,
Қи бар дардам фазояд дарди дигар.

## ДАР ОИНАИ МОҲ

Шабҳо ба моҳ дида туро ёд мекунам
Бо маҳ фасона гуфтаву фарьёд мекунам.
Шояд ту ҳам ба моҳ кунӣ, моҳи ман, нигоҳ
Бо ин хаёл хотири худ шод мекунам.

## ТАВБАИ МАСТӢ

Имшаб зи миёни ҷамъ ман мастаму дил,
Мастӣ ҳама вогузашт, ман ҳастаму дил.
Дил боз ба мастӣ ба ту пайвасту гила
Ман низ ба тавба ҷом бишкастаму дил.

## ЯҚ БОРИ ДИГАР

На шарбати оби зиндагонӣ хоҳам
На давлати умри ҷовидонӣ хоҳам.
Бо васли ҳабиб агар худо боз диҳад,
Як бори дигар ишқу ҷавонӣ хоҳам.

## ДАР ДИЛ МЕҶӮЯМ

Афрӯхт рухаш шамъи дилафрӯзиро,
Паймуд лабаш шароби ҷонсӯзиро
Имрӯз ҳабиб дархӯри ишқ чу нест,
Дар дил ҷӯям ҳабиби дирӯзиро.

## ҲАСТАМ БОЗ

Имшаб зи шароби шавқи ӯ мастам боз,
Соқӣ надиҳӣ пиёла дар дастам боз.
Дигар ба чӣ рӯ ба хоб бинам рӯяш,
Қ-аз дурии ӯ намурдаму ҳастам боз.

## ҲАСТ ҲАНӮЗ

Аз ёди ту барнадоштам даст ҳанӯз,
Дил ҳаст ба ёди наргисат маст ҳанӯз.
Гар ҳоли маро ҳабиб пурсад гӯед,
Бемори ғаматро нафасе ҳаст ҳанӯз.

## ҲАМОН АСТ, КИ БУД

Қадди ту на он сарви равон аст, ки буд,
Чашми ту на он офати ҷон аст, ки буд.
Ҳарчанд, ки ҳусни ту на ин буд, ки ҳаст,
Боз ой, ки ишқи ман ҳамон аст, ки буд.

## ЁДИ ҶАВОНӢ

То лола ба каф шароби беғаш гирад,
Чун лола дилам доғи ту маҳваш гирад.
Бар зулфи ҷавонон чу вазад боди баҳор,
Бо ёди ҷавонӣ дилам оташ гирад.

## УЗРХОҲИИ ТИФЛ

Тифл аз ғазаби гоҳ ба гоҳи модар,
Бошад чӣ латиф узрхоҳӣ модар.
Модар чу ба қаҳр хезадаш, бигрезад,
Донӣ ба куҷо? Ҳам ба паноҳи модар.

## КУЛОҲИ МОҲ

Гулчин, ки рабудаст кулоҳ аз сари моҳ,
Ҷо монда ба кӯлбаи манаш дӯш кулоҳ.
Ё раб, дили ман нигоҳ кай хоҳад дошт,
Моҳе, ки надорад кулаҳи хеш нигоҳ.

## ХАЁЛУ ОРЗУ

Чун субҳ шавад канори ҷӯ мегирам,
Дунболи хаёли орзӯ мегирам.
Ҳар бод, ки аз Рай ба Нишопур ояд,
Ман бӯи ҳабибро аз ӯ мегирам.

## ДАШТИ ҶУНУН

Имшаб дигар аз шаҳр бурун хоҳам хуфт,
Маҷнунаму дар дашти ҷунун хоҳам хуфт.
Эй дида, биолой ба хун бистари хок,
Қ-имшаб ба миёни хоку хун хоҳам хуфт.

* * *

Ин навҷавон, ки дар дили хокаш гузоштем,
Даст аз сараш чу ганҷи ниҳон бар надоштем.
То соя афканад ба сари хуфтагони хок,
Ин сарвро ба қомати хобида коштем.

* * *

Булбули бишкастаболам бо чаман бегонаам,
Шамъи кунҷи хилватам бо анҷуман бегонаам.
Халқро бегона хондан ин ҳама инсоф нест,
Халқ бо ҳам ошно ҳастанду ман бегонаам.

* * *

Намонд аз дӯстдоронам ба ҷуз ёд,
Сӯроғи рафтагон мегирам аз бод.
Ҷафои меҳнат обод асту пирӣ,
Ҷавонӣ хок шуд дар Беҳҷатобод.

* * *

Ҷавонӣ гум шуду ёрони ҷонӣ,
Ҳама рафтанд дунболи ҷавонӣ.
Сабо ҳам рафту сӯзу сози худ бурд,
Ки гул буданду кӯтаҳ зиндагонӣ.

* * *

Агар рафтам, ба истиқболам омад
В-агар баргаштам аз дунболам омад.
Чи ғам гар боли парвозам ба бар нест,
Ки бар сар тоири иқболам омад.

* * *

Ба ҳам монад дилу дилтангии мо,
Ба беболӣ баландоҳангии мо.
Маро ҳам дил дурангиҳо шикастаст
Салом, эй олами якрангии мо.

Ғаму ҳиммат ба хирвору ба хирман
Ҳамоно бо ту он ҳурмат, ки бо ман.
Яке бошем мисдоқи масалро:
«Сари бишкаставу гирду[11] ба доман».

* * *

Ба дасте, к-аз ту пушти кор бишкаст,
Маро ҳам дасти ёру ёварӣ баст.
Гарат нозу ниёзе буд дасте,
Ки мо озодагон рафтем аз даст.

* * *

Ба сарсахтии ман сандон набошад,
Ба хунсардим яхбандон набошад,
Уфуқ дилтангу пои ман ба занҷир,
Чаро ин зиндагӣ зиндон набошад.

* * *

Ватан дигар барои ман ватан нест,
Ки як тан дар ватан дамсози ман нест.
Қафанро монад ин рози ҷигарсӯз,
Ки як пироҳани маҳрам ба тан нест.

* * *

Саре дар ҳалқаи занҷири мо кун,
Тамошои дили чун шери мо кун
Шабе ҳам оҳи чун шамшери худро
Ҳарифи нолаи шабгири мо кун.

* * *

Гиребон медарад бадбахтии мо,
Чи ҷои ҷома дар ҷорахтии мо·
Зи бедастӣ ба дандон қабзаи теғ,
Мубориз хаста аз сарсахтии мо.

---

[11] **Гирду** — чормағз.

Дило, бо мо ҷафо кардӣ, ҷафо кун,
Сафо бо бесафо кардӣ, сафо кун,
Ба шукри он ки аз озодагонӣ,
Ба аҳли бевафоён ҳам вафо кун.

* * *

Аз заҳри замон зиндагӣ моро кушт
В-аз захми забон газандагӣ моро кушт.
Зиндон тан асту ҷони мо зинда ба гӯр,
Эй марг, биё, ки зиндагӣ моро кушт.

* * *

Сел омаду даррабуд ёронамро,
Печид бисоти навбаҳоронамро,
Ман бар сари хокашон ба чашм абри баҳор,
Меборамашон гавҳари боронамро.

# АЗ НАВОВАРИҲОИ ШОИР

## ҚАҲРАМОНОНИ СТАЛИНГРАД

Бар сари амвоҷи тӯфоне шабонгаҳ Аҳриман
Ногаҳон дуньёи хокӣ дид хандон чун биҳишт.
Духтарони Украин дар киштзорон дода сар
Бо суруди досу чаккуш нағмаи урдибиҳишт.
Ёд кард аз осмон ногаҳ ба худ печиду гуфт:
«Дар замин таҷдид натвонад шудан он сарнавишт»,
Абре аз дарьё баромад бо ниҳеби тундаре.

Чашм даррид аз ғазаб в-он гоҳ дар қалби Уруп[1],
Дид Жарманро[2] димоғ оганда аз кибру манӣ.
Ҳитлерро заду дар хуну раги Жарман дамид,
Ҷуфт шуд дарандахӯе бо ғурури жарманӣ.
Шаб барошуфту баромад шевани буму ғуроб[3],
Дур мешуд дар уфуқ ҳар дам ҳумои эманӣ,
Сар фурӯ бурд ахгаре сӯзанда дар хокистаре.

Лӯлаву чанбар занад дар ғори ваҳшатноки хеш
Аждаҳои садсаре, ҷодуи оташхорае,
Ҳар даҳоне кӯраи сад шӯълаи ҷавволае,
Ҳар шикам обастани сад лашкари ҷаррорае,
Аз даҳан балъад фурӯ ҳар лаҳза тафтаохане
В-аз шикам резад бурун деве, даде[4], патьёрае,
Ҳар саре сар мекашад ҳар дам ба сӯи кишваре.

Ӯ чӣ дӯзахҳои пинҳонӣ, ки дорад таъбия,
Сарнавишти одамӣ онҷо махуфу дардвок,
Заҷрҳо, ишканҷаҳо, фарьёдҳо, дижхимҳо[5],
Дуду ганди устухонҳо, шӯълаҳо, талҳои хок.
Каллаҳову исклетҳо, сояҳо, ифрити марг,
Зинда даргӯрону дилҳои зи ваҳшат чок-чок
Ғулҳо ҳар сӯ раҷазхон, на даре на доваре.

Шаб Урупо бо фурӯғи хирасози худ бахоб,
Ногаҳон дарьёи оташ рехт сели сурбу дуд,

---

[1] **Уруп** — Европа.
[2] **Жарман** — Германия.
[3] **Ғуроб** — зоғ.
[4] **Дад** — дарранда.
[5] **Дижхим** — бадкорӣ.

Шоҳиди илму тамаддун то барорад сар зи хоб,
Қоҳҳои осмонсо бар сараш омад фуруд.
Ҳар саҳар, к-аз кӯҳи Қазбек сар кашидӣ офтоб,
Аждаҳои жарманӣ буму баре балъида буд.
Боз ҳам ғурришкунон метохт сӯи дигаре.

Аз Урупо талли хокистар ба ҷо монду шабест
Бод дар байғулаҳо[6] хонад суруди Аҳриман.
Бар мазори хандаҳову коххои дилфурӯз,
Нолаҳои сарду сангин асту атлолу[7] даман.
Галлаҳои бешубон аз мардуми бехонумон
Дар паноҳи шаб гурезонанд бо фарзанду зан.
То куҷо рӯзе кунадшон осмон обишх(в)арӣ.

Кӯдакон аз модарон дар Мисру Эрон, Ҳинду Чин
Пурсише доранду з-ин пурсиш диҳанд озорашон.
Кистанд ин меҳмонони малӯлу шармгин,
Чун гули пажмурда, беравнақ ҳама бозорашон?
Хонабардӯшони ҷанганд, аз Лаҳистон[8] омаданд,
Ҷанги Жарман сохта аз зиндагӣ безорашон.
Кӯдакон: «Ин ҳамон Жарман, ки худ хонад нажоди бартарӣ»?

Кӯс зад душман ба марзи кишвари озодагон,
Дар ҳама гетӣ талаққӣ шуд ба лабханди фусӯс.
Чашмаҳо дар роҳи аждар хушк буду хоку гил
Чун мису сурбе, ки дар сақфи сипеҳри обнӯс.
Дарраҳо аз сахраҳо[9], чун бабрҳо дандоннамой,
Кӯҳҳо тунду хашан чун паҳлавононе абӯс,
Сабза ҳар як ханҷаре шуд, санг ҳар як сангаре.

Аждаҳо дар сарзамини саҳмгине мехазид
В-он чӣ бо ӯ рӯ ба рӯ, дандоншикан пархошҷӯ,
Ӯ Урупоро ба осонӣ фурӯ балъида аст,
Лекин ин ҷо бо чӣ душворӣ барад шаҳре фурӯ?
Иштиҳои ҳар дам афзунтар ба худ бинад, вале
Луқмаҳои устухондор аст медаррад гулӯ,
Боз дар ҳар хез дарпечад ба ҳам баҳру баре.

---

[6] Байғула — вайрона.
[7] Атлол — талу теппаҳо.
[8] Лаҳистон — Польша.
[9] Сахра — санги калон.

Рӯди Волго дар уфуқ чун каҳкашони бошукӯҳ, —
Осмони сарзаминеро гирифта дар миён.
Софу равшан ҳаргизаш доман наолуда ба нанг,
Қаҳрамонӣ қисаҳо дорад ба ёд аз бостон.
Ин ҳамон Волго, ки дар тӯфони дарьё ғарқ кард,
Гавҳари рахшандае, гар хонда бошӣ достон.
То наафтад дар кафи duздони дарьё духтаре.

Шаҳри Оҳан, сарзамини қаҳрамонон, бошукӯҳ
Ҳалқасон Волго гирифта дар миёнаш чун нигин,
Сабзазорон сар кашида то ба домони уфуқ,
Бешазорон туфта[10] чун маҳди шерон саҳмгин,
Бурҷу боруҳо[11] ба сони посбонони абус,
Чашм дар раҳ ҳар яке аз гӯшае дорад камин,
Ҳаст гӯй интизори фитнаву шӯру шаре.

Шаҳри оҳан ёд дорад шаҳсавори оҳанин,
Қ-ӯ фуруд омад, ба аҳди инқилобаш чун уқоб.
Ӯ, ки фарзанди худои досу чаккуш буд, дошт
Аз падар фармони таҷдиди қуввои инқилоб.
Ҷанг бо Аҳриманонро кард аз инҷо раҳбарӣ,
То фурӯ мурд он сиёҳиву баромад офтоб,
Ҳамчу қалбе, к-ӯ диҳад хун дар уруқи[12] пайкаре.

Шаҳр дар тӯфони ҷанги қиргун дар ихтинок[13]
Чун малах пӯшида рӯи осмон тайёраҳо,
Чун ба шаб дарьёи тӯфонӣ ба ҳар дам зеру рӯ,
Кӯраҳои хоку оташ мезанад фаввораҳо.
Инфиҷору инҳидому[14] дуду оташ, хоку хун,
Тӯпҳову тонкҳову бомбҳо, хумпораҳо.
Бо чунин ғавғо наёбӣ растхезе, маҳшаре.

Моҳ пас зад, пардаи дуду ғубори ҷангу дид
Аждаҳое шаҳрро печида бар даври камар.
Шаҳри оҳан буду бас зеру забар нашнохт моҳ,
Шаб хиҷил шуд дар рухи моҳ, аз ҷиноёти башар.

---

[10] **Туфта** — пуршӯру ғавғо.
[11] **Бурҷу бору** — қалъаву ҳисор.
[12] **Урук** — рагҳо.
[13] **Ихтинок** — хафагӣ.
[14] **Инфиҷору инҳидом** — таркишу харобшавӣ.

Лошахӯрон буду маслаххову[15] шеванхон шум,
Тонкхоро рӯи наъши[16] куштагон хар дам гузар,
Бовафо Волго, чу теғе баста рохи аждаре.

Нимае аз шахр дар коми сиёхи аждахо,
Ними дигар судаву фарсӯда мешуд кам камак.
Оханин чанголхои аждахо хардам фузун,
Тангтар месохт аз хар сӯ бад-ӯ рохи кумак.
Ахриман бо хандахои кини захрогини хеш
Захми хунолӯдагонро дам ба дам пошад намак.
Гесӯ оғишта ба хун Волго — хӯрушон модаре.

Аз ғубори абрхо ногах саворе шуд падид,
Барқ зад махмизхо бар лоҷуварди осмон,
Зери пояш Қахкашон мерехт дар Волго сабук
Ҷаст зад бо асп поён аз масабби[17] Қахкашон.
Дар мехи[18] Волго фурӯ шуд, ох! Волго мешинохт,
Аз худои досу чаккӯш дошт бар сиҷа нишон,
Сар баровард аз миёни дуду шуъла сарваре.

Осмонӣ наърае медод фармони ҷиход:
«Қахрамонон, ин на як ҷанги салозу Жарман аст.
Ин хамон ҷанги сипохи равшанӣ бо тирагист,
Як тараф Охурамазду як тараф Ахриман аст».
Ман садои осмонам, пойдорӣ аз шумо,
Рахбариву муждаи фатхи дурахшон бо ман аст.
То ҷигархо коргар шуд, ин садо чун ханҷаре.

Ин садои ошно дар гӯши ҷонбозони ҷанг
Панди Симурғ аст пиндорӣ ба гӯши Тахмтан,
Марду зан, пиру ҷавон, хурду калон хар, к-ӯ шунид,
Рустаме шуд пеши рӯи душмани рӯинатан.
Як замон хам ин садо бо гӯшхо шуд ошно,
Он сафар хамрохи ӯ боло зад иқболи Ватан.
Ин сафар хам дар сиёхӣ барқ мезад ахгаре.

Кишвари пахноваре чун соати кӯку дақиқ
Бахри як мақсуд кӯшандаст: ҷангу интиқом
Чархҳои коргохон то ба дуки пирзан

[15] Маслах — кушишхона.
[16] Наъш — ҷасад.
[17] Масабб — ҷои резиши об.
[18] Мех — бухори об, абр.

Гирди як меҳвар ба гардиш, инҳироф[19] аз вай ҳаром,
Хоҳишу масраф фурӯ коҳида то ҳадди ақал,
Лек тавлиду[20] захира ёфта авҷи тамом,
Ҳар касе дар кори худ кӯшо ба ҳадди аксаре.

Моҳ дар абр асту сӯи бахшдориҳо равон,
Баҳри сабти номи худ аз марду аз зан дастаҳо.
Кӯдакон чобукдавон сӯи тренҳои[21] фронт,
Ҳадьяи сарбозро зери бағалшон бастаҳо.
Пирҳо дар кори таблиғоту ҳар сӯ кошта
Бо умеди оби теғу хуни душман ҳастаҳо,
То чу пирӯзӣ дарахти ҷанг бор орад баре.

Тифлакон дар барфу бӯрони дили шаб чизаке
Аз силоҳи душманон дар бурдаву меоваранд.
Иктишофиҳо[22] ниҳон бо ҷомаҳои барфгун
Дар шикофи кӯҳҳо иски[23] ба по сур[24] мехӯранд.
Шерзан — Зоя қаровулҳои душман кӯфта,
Ҷангҷӯёни чирик[25] он сӯ шабехун мебаранд.
Боз Зоя, дар миён ғурранда чун шери наре.

Заҳрханди субҳидам буду абӯсн абру меҳ,
Барф, захм аз чӯби дори хасму Зоя сарфароз
Охирин фарьёди ғайрат аз гулӯи мунқабаз[26].
Сахт дилҳоро такон доду уфуқро эҳтизоз,
Модари меҳан таҷаллӣ карда бар хиргоҳи абр,
Шерзоди хешро мехонд бо оғӯши боз,
Бар замин ҳам модаре медиду ҷашмони таре.

Миллате дар хуфья чун ғарқоби дарьё мунқалиб,
Муштҳо хӯрда гиреҳ, рагҳо кашида, хун ба ҷӯш.
Абрӯвон печидаву чашмон чу ахтар барқзан,
Синаҳо оташфишон, лекин фурӯ дуздад хурӯш,

[19] **Инҳироф** — баргаштан, каҷравӣ.
[20] **Тавлид** — истеҳсол.
[21] **Трен** — поезд.
[22] **Иктишофӣ** — разведчик.
[23] **Иски** — лыжа.
[24] **Сурхӯрдан** — лағжидан.
[25] **Чирик** — партизан.
[26] **Мунқабаз кардан** — хафа кардан.

То зану кӯдак ба дӯш аз тӯп то белу табар
Бахри фармони хуҷум аз бому дар хобонда гӯш,
Мӯйҳо бар тан чу ёли шери шарза ништаре.

Он падар ғурришкунон бо панҷ тан фарзанди хеш:
«Қ-эй ба дасти оҳанин сарпанҷа, панҷ ангушти ман,
Муттаҳид хоҳем буд аз ҳам ҷудоинопазир,
То ки пӯлодин фитад, бар фарқи душман мушти ман».
Наъра зад ҳар як давида хун ба сурат, к-эй падар,
«Он на ман бошам, ки рӯзи ҷанг бинӣ пушти ман,
Он манам, к-андар миёни хоку хун бинӣ саре»[27].

Он писар мегуфт паймони падар дорам, ки гуфт:
«Ман туро сарбози ҷонбози ватан парвардаам».
Модаре мегуфт бо духтар: «Ман аз ин обу хок,
Хӯрдаам бар, то туро ширин ба бор овардаам».
Бонуе бо шӯи худ мегуфт: «Дар ҳизби ватан
Чун туро сар дида будам, бо ту шавҳар кардаам».
Бе ватан ҳаргиз мабодо на зане, на шавҳаре!

Тирашаб, сели шабехуни сипоҳе қаҳрамон
Гирди шаҳре ҳалқаи занҷири худро мекашид.
Пушт дар ҳам дода бо Волго ду теғи муттаҳид,
Ҳамчу миқрозе раҳи озоди душманро бурид,
Иртиботи ҳалқаи душман гусаст аз силсила,
Аждаҳо ногаҳ ба гардан оташи печида дид,
Аждаҳои шаҳри оҳан шуд сари бепайкаре.

Субҳдам з-он сӯи Волго тӯпҳои қалъакӯб,
Ногаҳон кӯбид рагбори балое чун тагарг.
Интиқоми хандаҳои Аҳриманро дам ба дам
Лӯлаҳои тӯп мезад қаҳ-қаҳи ҷаллоди марг.
Марг механдиду мепошид сангарҳо зи ҳам,
Он чунон, к-аз ҷунбиши барқи ямонӣ шоху барг,
Сангари рӯин, ки ҳар як дар кушудан Хайбаре

Ҳам дар ин ҳангом аз ҳар ҷонибе тайёраҳо,
Мешикофанд абрҳоро чун уқоби тезҷанг.
Ёрии тайёраҳоеро, ки инак даргирифт,

---

[27] Ин байт аз Саъдии Шерозист.

Бо шикориҳои душман-шон ба сад ҳангома ҷанг.
Баста бар душман мусалсалҳову[28] мемонад ба-дон,
Қ-об дар дарьё занад фаввора аз коми наҳанг,
  Сарнагун тайёраҳо чун киштии бе лангаре.

Тира руи шаҳру оташборҳо оташфишон,
Бо ғиреви саҳмгин тайёраҳо боранд бомб.
Шаҳри оҳан сурати туфони Нуҳе оташин,
Қураҳои қиргун фавворазан бо гумб-гумб.
Инфиҷору инҳидоми доимӣ чун зилзиласт,
Мунъакис дар куҳҳо ҳангомаи гумбу гурумб,
  Дар уфуқ момм ватан пайдо ба ҳоли музтаре.

Ҳамла шуд оғозу сели оташин ҷушиду рехт,
Оҳ! Гуӣ садде аз туфанда дарьёе шикаст,
Чашмҳо хунину дандонҳо фишурда, кинаҷу,
Найзаҳо дар каф, даҳан каф карда чун пилони маст,
Тупу танку бомби душман бо ҳама девонагӣ
Сели дарьёе чунон ҷушанда натвонист баст.
  Ҳашми як миллат, чи фильми мудҳиши заҳрадаре.

Шерзанҳое чу Зоя бомб баста бар камар
Худ ба зери чархи тупу танк меандохтанд,
То зи коми шер бирбоянд тоҷи ифтихор,
Пешбози марги мувҳишро[29] ба сар метохтанд,
Бо сари зулфе, ки дар пои ватан мерехтанд,
Оҳанин тадбири душманро табақ месохтанд,
  Эй фаре, бар инчунин имони пулодин фаре!

Сели лашкар чун ду туфони мухолиф аз ду су,
Сахт дарпечида бо ҳам ҷанги хунин, тан ба тан,
Чок-чоку барқи сарнайзасту гарду хоку хун
Шерзан, шамшерзан, шамшери зан лашкаршикан.
Саҳмгин туфони гулзори башар буду дар у
Бас ниҳолон решакан, бас лолаҳо хунинкафан,
  Хоку хун густурда хунолудагонро бистаре.

Кушту куштору кашокаш ку ба куву дар ба дар,
Бар сари ҳар мушти хоке ҳай дифову, ҳай ҳуҷум,
Лек душман ру ба коҳиш чун сиёҳиҳои шаб,

---

[28] **Мусалсал — пулемёт.**
[29] **Мавҳиш — ваҳшатнок.**

Ҳарчи ҳамдастони меҳан, дар фузунӣ чун ҳуҷум,
Бар фарози гӯрҳо чун дӯзахиҳо рӯзи ҳашр
Хоку оташ буду душман буду шеванҳои шум,
Ваҳ зи чунин умматеву аф ба чунон раҳбаре!

Дар ҳавои мунқалиб ҳайҳову ғавғои ғариб,
Субҳи сахрои қиёмат буду ҳавли растхез.
Лашкаре аз барқи теғу ҳамла уммоли азоб,
Лашкаре чун сели арвоҳи палидон дар гурез.
Наъраҳо, фарьёдҳо кам-кам фурӯкаш мекунад,
Ихтиноқомез[30] шуд як лаҳза ғавғои ситез,
Нолаҳо монду сукуту бӯҳти ҳайратоваре.

Танги мағриб дар ситоди[31] хеш рӯи нақша хам,
Ҳамчу кӯҳе саҳмгин Моршол Жуков тунду абус.
Дар паноҳи байрақи таслим меомад ҷилав[32]
Бо асирони дигар женроли Жарман Поулус.
Аз яке милльюн сипаҳ ниме табаҳ, ниме асир,
Ҷумла саргулҳои Жарман, паҳлавонони Прус
Ҷангро буд ин нахустин рӯҳбахшо манзаре.

Аждаҳо хунину молин боз гашта рӯ ба ғор,
Лек бо дуду дами қаттол дар ҷангу гурез.
Қаҳрамононаш зи пай тозои, савори абру бод
Дам ба дам боранд бо барқу шарораш теғи тез
Ҷодаҳо, бероҳаҳо кушторгоҳи интиқом,
Ҳар қадам аъзои аждар қитъа-қитъа рез-рез
Ҷанг берун шуд зи марзи кишвари пахноваре.

Шаҳсаворон селосо дар пайи душман равон,
Ғурриши фармондеҳон ҳар дам фузун, ҳар лаҳза беш.
Танке аз кор уфтода, тӯпҳову ҳамчунон
Пеш метозад, ки бошад истодан куфркеш,
Чун паланги захмӣ он як дар биронкор ғарқи хун,
Дам ба дам ғурришкунон, худ медиҳад фармон:
«Пеш».
Қист донӣ? Ҳарду поро тӯп бурда афсаре.

---

[30] **Ихтиноқ — гулӯгир кардан, хафа кардан**
[31] **Ситод — штаб.**
[32] **Ҷилав — пеш, рӯ ба рӯ.**

Аждаҳои нимаҷоне дар тақаллои фирор,
Лек моландаш ба гурзи оташин дар хоку хун.
Ҳар сару мағзе, к-аз ӯ кӯбида мегардад ба ғурз,
Обу хоки кишваре меафтад аз комаш бурун.
Қам-кам озодӣ Урупоро ба тан ҷон медиҳад,
Ҷунбуҷӯши зиндагӣ ҳардам фузун, ҳар дам фузун.
В-аз ҳумои эминӣ гаҳ-гаҳ садои шаҳпаре.

Лошаи аждар фитода, ғори дарҳам кӯфта,
Қаҳрамонон гурз дар каф бар сари вай тохта,
Жарман аз он мастии манҳус[33] меояд ба ҳуш,
Хирмани худ сӯхта, кори ҷаҳоне сохта,
Тоза мефаҳмад, ки Аҳриман чи мувҳиш оташе,
Бо ғурури Ҳитлерӣ дар ҷони вай андохта.
Ҷорае ку з-он ки дорад ҳар гуноҳе кайфаре?

Як шаби тӯфонии торик мешуд торумор
Дар набарди охирин бо ханҷари субҳе сапед.
Аҳриман бо сарнавишти шуми худ дар гирудор
Бо сиёҳӣ дар уфуқ он дури махву нопадид
Зад шафақ, бо инъикоси сурх майдонҳои ҷанг
Қам-кам аз дарьёи хуни қаҳрамонон сар кашид
Хандарӯ, хуршеди пирӯзӣ, чӣ раъно дилбаре!..

## ҲАЗЬЁНИ ДИЛ

Дорам саре аз гузашти айём
Тӯфониву молихулиёӣ[34].
Тӯмори хаёлу хотиротам,
Лӯланда ба кори худнамоӣ.
Чун партави фильмҳои дарҳам.
Дар пардаи тори синамоӣ[35].
Бигшуд дилам забони ҳазьён.

Мурғони хаёли ваҳшии ман,
Танҳо, ки шудам бурун бирезанд.
Дар боғчаи шукуфтаи шеър,
Бо шавқу шааф[36] ба ҷастухезанд.

---

[33] **Манҳус** — шум, бад.
[34] **Молихулиё** — нохушии димоғ, парешонхаёлӣ.
[35] **Синамо** (англ.) — кино.
[36] **Шааф** — ишқу шефтагӣ.

То мешунаванд савте аз дур,
Баргашта, чу бод мегурезанд.
Дар хилвати ҳуҷраи димогам.
Ин ҳамраҳи ношиноси ман кист?
Қ-ӯ шефта дорадам ниҳонӣ.
Гӯшам ба навои ишқ бинвохт,
Чашмам ба ҷамоли ҷовидонӣ.
Маҳтобшабе, ки ғарра буданд,
Дарьёву уфуқ ба бекаронӣ.
Пешонии бози худ нишон дод.
Ман бо навасони гоҳвора
Печида ба лобалои қундоқ[37].
В-аз панҷара чашми нимабозам,
Маҷзубӣ таҷаллиёти офоқ,
Гаҳвора маро ба боли лолой.
Бар сина фишурда гарму муштоқ,
Мебурд ба сайри боғи минӯ...
Мо ҳалқа зада ба даври курсӣ,
Шаб зери лиҳофи абр мехуфт,
Хонумнана модари бузургам
Афсонаву саргузашт мегуфт,
Мекард чароғи кӯр кӯрӣ,
Ман ғарқи хаёлу бо парӣ ҷуфт,
Шеърам ба ниҳон ҷавона мезад.
Он беди канори ҷоддаи деҳ,
Оё кӣ пас аз манаш гузар кард?
Ҳар барге аз он забони дил буд,
Бо ман чӣ фасонаҳо, ки сар кард.
Ӯ монду ҷавони ошиқ аз деҳ,
Шаб ҳамраҳи корвон сафар кард.
Аз ёру диёр қаҳр карда.
Он чашмаву сангу домани кӯҳ,
То қиссаи мо шунида буданд.
Бо он ҳама унсу ошноӣ,
Аз суҳбати ман рамида буданд.
Кас бо дили ман сухан намегуфт,
Гӯӣ, ки маро надида буданд.
Эй вой, чӣ бевафост дуньё!
Он ҷо гули ваҳшие ба саҳро,
Дидам ба насим ком ронад.

---

[37] Қундоқ — лӯлак.

Ҳай чодари баргаш аз сару дӯш,
Меафтаду боз мекашонад.
Бо шеъри нигоҳи худ ба гӯшаш,
Тавре ки насим ҳам надонад.
Гуфтам: Гули ман маро зи худ ронд.
Чун дуди муаллақ аз ду сӯ бед,
Оинаи об медурахшид.
Моҳ аз фалаки кабуд ногоҳ,
Симоб ба сабздашт пошид.
Ғалтид дар об завраки моҳ,
Он сон, ки дар обгина хуршед.
Афсӯс, ки корвон наистод.
Соро, гулу моҳи кӯҳпоя,
Дар хонаи зин арӯс мерафт.
Селаш бирабуду аждаҳое,
Тунду хашану абӯс мерафт.
Гулдаста ба обу шевани халқ,
Бар гунбади обнӯс мерафт.
Соро, ту шудӣ арӯси дарьё.
Тӯфони сиёҳии шарарзо,
Силӣ ба узори шарқ мезад,
Гирдоби даҳан даридаву раъд,
Фарьёд зи бими ғарқ мезад.
Чун шӯълаи чашми Аҳриман гоҳ,
Миррих зи дур барқ мезад.
Ларзон дару дашту кӯҳу ҷангал.
Чун чашми ту, эй ғизоли ваҳшӣ,
Рӯзе, ки зи одамӣ рамидам.
Бӯи ту магар бад-ӯ гузаштӣ,
Қ-аз лолаи ваҳшие шунидам.
Бо шӯълаи шавқ дар гирифта,
Шаб ҳамраҳи бодҳо давидам.
То бӯи гулам гирифт доман.
Парвона шудам ба савсанистон,
Худро ба дами сабо супурдам.
Ғавғои чаман, баҳори рангин,
Дар атру тарона ғӯта хӯрдам,
Ҳар гул, ки афифу шармгин буд,
Бӯсидаму дар бағал фишурдам.
Дар домани лола рафтам аз хуш.
Марвориди ҷӯй шадда месохт
В-аз пулаки нуқра чашма ҷӯшид.

В-он жола, ки чун нигини алмос,
Дар ҳуккаи лола медурахшид.
Бар савсани лоҷувард ногоҳ,
Зад шуъла ба инъикоси хуршед.
    Дашт оинахона шуд нигорин.
Бо нағмаи соз пар гирифтам,
Масҳури ҷамоли он ситора.
Овехта кавкабе дурахшон
Бо рақсу ҷилои гушвора,
Қонуни сурӯш буду илҳом
Афшонда фаришта чун шарора,
    У олиҳаи ҷамоли Зӯҳраст.
Хуфта малака ба қасри ёқут,
Давру бари қаср гулъузорон.
Анвори зулоли шеъру нағма,
Фавворазанон зи чашмасорон.
Боранда фариштагони илҳом,
Бо манзараи ситорaборон.
    То ҳадья баранд ошиқонро.
Ногоҳ фарози ғурфа хандон
Ҳофиз, ки ба Зӯҳра нард мебохт.
Зону зада будам ашкрезон,
Қ-аз тарфи дарича гардан афрохт.
Лабхандзанон кулоҳи риндӣ
Аз сар бигирифту бар ман андохт.
    Бишкуфт биҳишти Хоҷа дар ман.
Бишкуфт шукуфа, барф бишкофт.
Ғуррид масилу[38] эл кӯчид.
Бар синаи дарраи Қароқӯл
Чӯпон гала чун ситора по чид
Занги шутурону нолаи най
Дар гарданаҳои кӯҳ печид.
    Дорам сареву ҳазор савдо.
Дӯшизаи моҳпораи деҳ,
Чун лолаи сурх парниёнпӯш.
В-он рӯсарии паранди зарбафт,
Савғотии Бодкӯба то дӯш.
Бо чашму нигоҳи оҳувона
Истодаву баррааш дар оғӯш.

---

[38] **Масил** — ҷои селомад, роҳи сел.

Гуй, ки дар интизори ғалласт.
Парвона чу барги гул нигорин,
Аз бӯсаи гул чӣ шаҳдком аст.

Чун шишаву май хато кунад чашм,
Парвона кадому гул кадом аст.
Чандин насазад ситам ба маъшуқ,
Як бӯсаву кори гул тамом аст,
То шамъ кай интиқом гирад.
Дар хилвати он кабуд соҳил,
Қ-он ҷо ҳама нузҳат асту руъё,
Вақте ба сапедаи маҳолуд,
Боранд фариштагони боло.
В-аз хаймаи мавҷҳои нилӣ
Бархоста духтарони дарьё.
То хандаи меҳр пой кӯбанд.
Хуршед чу гесӯвон фурӯ ҳашт.
Чун зулфи суман ба ҳам бирезанд.
Як даста зи пардаҳои заррин,
Бар кунгураи сипеҳр хезанд.
Як силсила дар паранди амвоҷ,
Чун тобиши нур мегурезанд.
Маҳ хезаду кӯ шитобад он сӯ...
Чун чанги хамида пири чанге,
То нимаи шаб намоз карда.
Бишкофт шабу ба пулки сангин,
Омад дари дайр боз карда,
Бар санги мазори духт[39] роҳиб
Чанге ба тарона соз карда.
Чун абри баҳор ашк мерехт.

Ларзид салибҳову нуре,
Шуд бар сари дайр чун кафан чок.
Арвоҳи латифи осмонӣ,
Оҳиста фурӯ шуданд бар хок
Гирд омада бар таронаи чанг,
Бо пайкаре аз асири афлок.
Мусиқиву эҳтизози арвоҳ.

---

[39] Духт — духтар.

Бишкуфт фариштаи надомат.
Чун нур танида дар маҳу дуд,
Бар сина равон духтари дайр,
Қурбонии ишқи рӯҳи мардуд.
Бо ашки фаришта шуста мешуд,
Маъсуми латифи шубҳаолуд.
Аз лаккаи бӯсагоҳи масмум.
Ман хуфта ба рӯн бому пайдо
Толори ҳарамсарои шоҳӣ.
Бар тоқи дами дарича ларзон
Шамъе ба насими субҳгоҳӣ.
Ғалтида ба тахти хоби тӯрӣ
Моҳӣ чу ба тӯри талламоҳӣ.
Беде ба дарича турраафшон...
Афсонаи умрам оварад хоб,
Умре, ки набуд хоб дидам.
Дар сели гузашти рӯзгорон,
Амвоҷ ба печу тоб дидам.
Аз ишқу ҷавониям чӣ пурсӣ?
Ман дастагуле бар об дидам.
Дил бадрақа бо нигоҳи ҳасрат.
Шаб буду наҳиби боду тӯфон
Мекӯфт дари утоқ бо мушт.
Рагбор ба шишаҳои алвон
Хуш зарб гирифта бо сарангушт.
Тасвири чароғи пушти шиша,
Ҳай шӯъла кашида бод мекушт.
Ҳам шавқ ба дил марову ҳам бим.
Бечора зани сиёҳтолеъ
Як шаб зада роҳи иффаташ ғӯл.
Пистон ба даҳони ширхора,
Он кунҷи хароба монда маслул[40].
Бо ранги парида шаб ба маҳтоб
Чун сози хазан ба нола машғул,
Мегуфт ба ширхора лолой.
Эй сӯхта аз гуноҳи модар,
Дар оташи ҷурму ҷаври бобо.
Лулу мама бурдаву бағал сард.
Бераҳм, надода насья қоқо.
Чун субҳ шавад худо карим аст,

[40] Маслул — касе, ки гирифтори касали сил бошад.

Боз имшаба ҳам чу бахти момо.
Лолой, гули фусурда, лолой...
Шаб буду ба Шашгулони Табрез,
Иқбол, ба чаҳ-чаҳи муноҷот,
Бо замзамаи ҳазордастон
Печида садо ба кӯчабоғот
Таҳрири садо, фариштагонӣ
Парвоз гирифта то самовот.
Руҳи ҳама арш сайр мекард.
Он абри тунук ба ёди дарьё,
Бар домани сабза ашк мерехт.
Аз лолаи гӯш шохаи гул
Овезаи жола чун дур овехт.
Лабханди гули афифи хомӯш,
Булбул ба ғазалсароӣ ангехт.
Ман бе ту дилам гирифта чун абр.
Оби яху барф аз бари кӯҳ
Мегашт ба рудхона партоб.
Гӯӣ, ки яке саманди иблиқ,
Шӯяд думи чун паранд дар об
В-он оби зулоли рудхона,
Чун дастаи гесӯвони пуртоб.
Афшонда ба боди навбаҳорӣ.
Рӯзе, ки ду солу нима гаштам,
Бас хотира доштам сириштӣ.
Дамсозии товусони рангин,
Бо нузҳати оламе биҳиштӣ.
Ногаҳ ба худ омадам, ки будам,
Пири азаливу саргузаштӣ.
Худро ба сазо намешиносам.
Боз он шаби рустост, к-аз кӯҳ
Бархост ғиреви шаҳсаванҳо.
Бар рӯи гавазнҳои бирьён,
Афрӯхта буттаҳо гаванҳо.
Оҳиста миёни мардуми деҳ,
Бо биму умед анҷуманҳо
Ман кӯдаку дар паи тамошо.
Бар мешудам аз гадуки[41] Шиблӣ,
Чун оҳ, ки бар шавад зи сина.

---

[41] **Гадук** — ағба.

В-аз бими балои сангборон,
Бар сина фишурда обгина.
Бо он ҳама обгинаи дил,
Пардохта аз ғубори кина.
З-он оина шарм будат, эй моҳ.
Пайдост, ки буда корвонгоҳ.
Мегуфт дурашкачӣ[42], ки он ҷо,
Оянд ҳаромиён шабонгоҳ.
Афсонаи саҳмгини худро,
Сар карда хароба бо ман он гоҳ.
Шаб дидаму барқи чашми дуздон.
Пӯшида ба барфҳои доим,
Тӯфандаву саҳмгин Дамованд.
Симурғ ба Қофи ӯ гаравгон,
Заҳҳок ба ғори ӯ гаравбанд.
Чун маҳди фириштагон маҳолуд,
Чун қалъаи ҷовидон зафарманд.
Ҷуз абр нагуфта бо касе роз.
Аз ёру диёр мегузаштам,
Як қофила баста бори андӯҳ,
Бо қофила мешудам сарозер,
Аз доманаҳои Қофлонкӯҳ.
Чун ман дили кӯҳ ҳам гирифта,
Субҳ асту маҳи ғализу анбӯҳ.
Як ашки дурушт, кавкаби субҳ.
Бешасту канори бирка[43] он бед,
Бо силсилаи паранди гесӯ.
Чун духтараке бараҳна, к-аз шарм,
Пӯшида ба гесувон бару рӯ.
Дар об фиканда акс гӯӣ,
Дар оина шона мезанад мӯ
В-аз пушти дарахт сар кашад моҳ.
Дарьёву дили шаб асту офоқ,
Бо зилзилаи муҳиб ларзон.
Ғавғои қиёмат аст гӯӣ,
Арвоҳи ҷаҳаname гурезон.
Кӯҳу дара сели мору афъист,

[42] **Дурашка** — коляскае, ки бо асп кашида мешавад.
[43] **Бирка** — ҳавзи об.

Бо барқу шарар хазону ларзон.
Офоқ бирезаду бипошад
Шаб буду манаш муроқиб аз бом.
Шармандаи дуздиву гадой.
Чуз сояи ман, ки буд ваҳшӣ.
Он чо ҳама унсу ошной.
Худ кард чароғи хона равшан
В-аз панчара тофт рушной.
Нур аз паси ашк ларзише дошт.
З-он сӯи Қарочаман диёрест,
Нузҳатгаҳи шоҳидони офоқ,
Он домани кӯҳи Шангулобод
В-он чулгаи сабзи Қайшқуршоқ.
Ёд он шаби Хушкинобу маҳтоб
В-он суҳбати мизбони Қипчоқ.
Он ёру диёри ошной.
Шаб буду савора мегузаштем,
Ҳамроҳи сукути дарраи жарф.
Печида садои пои аспон
Дар кӯҳу шикастани яху барф.
Бод аз паю сояҳо гурезон.
Оҳиста дарахтҳо зади ҳарф.
Бархост садои зӯзаи гург.
Он субҳ, ки моҳтоб ҳам буд,
Ман хуш ба кацова хуфта будам.
Ногоҳ зи ғурриши Қаросӯ,
Чашме ба сапедадам кушудам,
То боз дарои корвоне.
Сар кард фасонаву ғунудам.
Он рӯз сафар чӣ лаззате дошт.
«Эй соҳиби хона, меҳмонам»,
Ин гуфту навохт мушт бар дар.
Дар во шуду ношинос омад,
Андуда ба барф пой то сар.
Даррафта зи барфу боду бурон,
Печида ба бошлиқ сару бар.
Гурге зада буду дашна хунин.
Пошид зи ҳам чароғи хуршед,
Бар оинаи уфуқ фуру рехт.
Дар пунбаи абрҳо зад оташ,
Бас шӯълаву дуд дар ҳам омехт.
В-он шаъшаа мунъакис бар истахр,

Лағзон шуду нақшҳо барангехт.
Чун сурати орзу диловез.
Шаб тираву тозиёнаи барқ,
Печида ба абрҳои анбӯҳ.
Рагбор гирифту сел ғуррид,
Борони балову сели андӯҳ.
Ларзон дару дашту сахра ғалтон,
Бо гумбу гурумб аз бари кӯҳ.
Чангал ба лаҳиби барқ сӯзон.
Он субҳ, ки буд кӯҳсорон,
Аз барф ба сони синаи қӯ.
Бо искии расми рустой,
Сӯр хӯрдани рӯи дастапорӯ[44].
Саргарм шудему пар кушудем,
Бар домани кӯҳ чун парасту.
Хуршед ҳам аз нишот хандид.
Қавсу қузаҳе[45] чу парри товӯс,
Аз гавҳари табъи тар таровид.
Золи фалак аз калофи рангин,
Бас тор таниду турра тобид.
Як силсила аз паранди дарьё,
Як даста зи гесӯвони хуршед.
То бофт ба осмон камарбанд.
Субҳе, ки замин зи барфи дӯшин,
Дебои сапед дошт дар бар.
Хуршед ба нӯшханду моро,
Савдои шикори кабк дар сар.
Мурғи дили ман, ки бачча будам,
Мезад ба ҳавои кабк пар-пар.
Рафтем ба тарфи домани кӯҳ.
Оҳиста фурӯ шудем он шаб,
Аз он тали хоки рези хирман.
Дар он сӯи рудхона ногоҳ
Ду шӯълаи тунду тез равшан.
«Гург аст оҳой», рафиқи ман гуфт,
Баргашта гурехтем, лекин
Бо рашъаву рангу рӯи моҳтоб.
Аз дидаи дил нигар, ки бинӣ,

[44] **Дастапорӯ** — чӯбҳое, ки барои ҳаракат дар рӯи барф ба **даст мегиранд.**
[45] **Қавсу қузаҳ** — рангинкамон, камони Рустам.

Ҳар зарра замину осмонест.
Аз рахнаи танги ҳирс, к-он ҷо,
Як зарра намояд, ар ҷаҳонест.
Ҷон тира аз ӯ шавад ҷаҳон танг,
Ин ҳирс аҷаб балои ҷон аст,
Шахсияти мард мефишорад.
Ёд он шаби ид, к-он парӣ дид,
Овехта шоли ман зи равзан.
Чун ман ҳама шоду ғулғули шавқ
Бар ҳар дару бому кӯю барзан.
Як чӯҷа, ду тухми муғи рангин,
Бастанд ба шоли гардани ман.
Ёд он шаби ид, ёд аз он шаб.
Рӯзе, ки замин ҷудо шуд аз меҳр,
Дилгармии бозгашти худро.
Дар оинаи уфуқ намедид,
Торикии сарнавишти худро.
Он шаб, ки ба гӯши моҳ мегуфт,
Афсонаи саргузашти худро,
Гардун ба ҳазор дида бигрист.
Кӯҳаш варами димору думал[46],
Абраш зи дили гирифта оҳест.
Маҳтобшаб инъикоси дарьё,
Аз чашми пурашки ӯ нигоҳест
В-ин зилзилаи ҷигар шикофаш
Ларзест, ки бар табаш гувоҳест
Аз оташи таб ҷигаргудозон.
Оташкадаро сафои Зартушт,
Чун лаъли музоб[47] оташи тал.
Гӯӣ, ки шикаста обгина,
Бо тобиши худ ба сурхмахмал.
Африштаваше сапедҷома,
Дар сояву равшанӣ муҷаллал.
Бо чанги ибодат аст раққон
Бешасту маху ситора дар об,
Чун бод ҳамевазад гурезон.
Гӯӣ ба ҳарамсарои шоҳӣ.
Урьён малакаст бо канизон.

---

[46] **Думал** — захм, пучак.
[47] **Музоб** — гудохта.

Чун хоҷасаро ниҳебаш ояд,
Шаллоқзанону баргрезон.
Ларзону рамида мегурезанд.
Хомӯшу ҳазин хароба гӯй,
Афсонаи худ ба ёд дорад.
Чун пири пас аз қабила монда,
Умре ба шиканҷа мегузорад.
Бас хотираҳо, ки бо харобӣ,
Ҳарсола ба хок месупорад.
Афсонаи ӯст дар даҳанҳо.
Як қарн ақиб задам хароба,
То сурати аввали шуд, инак,
Қаср асту шукӯҳу меҳмонӣ,
Бо хубба ба сарсаро Атобак.
Аъёну риҷол гӯш то гӯш,
Бар мақдами мавкаби муборак.
Қоляскаи шоҳ шуд намоён.
Дар кулбаи парти рустоӣ,
Мискин зани пир пора медӯхт.
Чахмоқ заду учоқ[48] гиронд
В-аз шӯълаи он чароғаш афрӯхт.
Дар во шуду духтаре даромад,
К-аз рашки рухаш чароғ ҳам сӯхт.
Аз модари пир оташе хост.
Аз айнаки пирзан нигоҳе
Қардам ба гузаштаи ҳазинаш.
Дар боғи шубоб духтари маст,
Меомаду ноз бар заминаш.
Ҳай кохи умеду орзӯ рехт,
Ҳай турра ба чеҳра дод чинаш,
То хам шуду мӯй гашт кофур.
Кӯҳ аз бари осмони нилӣ.
Чун киштии ғарқгашта дар Нил.
В-он абри ситезаҷӯ наҳангест,
Тозон ба шикори худ ба таъҷил.
Дар зулмати шаб нуҳуфту дарьё,
Балъидаи хеш бурд таҳлил.
Чун чашми наҳангҳо кавокиб.
Ҳар гаҳ, ки ба хилвате гурезам,

---

[48] **Учоқ** (ӯчоқ) — оташдон.

Аз ҳавли ғамеву норавой.
Дар нои дили шикаста чун оҳ,
Даргираму сар кунам навое.
Чун най ба равони дардмандон,
Мебахшам аз он наво давое.
Ин аст вагарна мурда будем.
Дар ҷодаи Қаҳкашон ситора,
Медод дафила[49] фавҷ дар фавҷ.
Чун риштаи дуду тӯрии абр,
Бигрифт хаёли ман раҳи авҷ.
Чун мавҷи хаёли хеш дидам,
Ман низ гирифта домани мавҷ.
Рафтем ба ҳам ба кишвари моҳ.
Урьён париёни осмонӣ,
Дар об ба гесӯвони афшон.
Дар ҳавзи булӯри лоҷувардӣ,
Ғалтида чу гавҳари дурахшон.
В-аз дур ба духтарони дарьё,
Лабхандзанон, ситорапошон.
Бо ҷилваи товусӣ гузаштем.
Дар соҳили он сапеддарьё,
Чун соя ба равшанӣ нишастем.
В-аз нили ғубори шаб бару рӯ
Дар чашмаи моҳтоб шӯстем.
Дар чоҳи шаб афтодагонро,
Дар ҷӯи сапеди моҳ ҷӯстем.
Бо рақси сапедакон гузаштем.
Дар роҳ дурашкачӣ нишонам
Як нуқта ба гӯшаи уфуқ дод.
Гуфт: ар падари ту созам онро,
Хоҳӣ чӣ ба ман ба мушталуқ[50] дод?
Ман оби набот додам ӯро,
Ӯ низ пуке ба ман чупуқ[51] дод.
В-он нуқта нухуфт дар паси кӯҳ...

---

[49] **Дафила** — парад.
[50] **Мушталуқ** — муждагонӣ.
[51] **Чупуқ** — чилим.

## НАҚҚОШ

Наққоши азиз!
Дар дурнамои уфуқе рӯъёӣ
Бо тӯрии абрҳои маҳтобандуд
Бар қуллаи қофи узлату истиғно
Мебинамат аз дуру садо медиҳамат.
Ман дар шаби як ғори ҳаросангезам
Дар сояву равшани шукӯҳу андӯҳ
Симои ту ҳам оташи сардест чу ман,
Қ-аз қофилаи гузаштагон ҷо монда.
Эй ворисы қарнҳо нубуғи ҳунарӣ,
Як субҳи сафое, ки на рӯз асту на шаб,
На меҳр дар ӯ ба худфурӯшиву на моҳ,
На ҳарфи сапед мезанад кас на сиёҳ.
Гар бо дили худ даме ба начво[52] будӣ,
Виҷдон ба навозише барангез аз хоб,
Виҷдон! Ки дар ин нашъа ба хобаш карданд.

Наққоши азиз,
Баргир қаламмӯи дақиқе, к-ӯро
Аз мӯи хаёли шоирон сохтаанд,
Аммо на! Хаёли шоирон ҳам шеър аст,
Дар чантаи[53] хотироту виҷдон чун даст,

Ковиш куну хар чи бештар ковиш кун
Он ҷо ҳамаи лавозими кори ту ҳаст.
Он ҷо ба қаламмӯи зарифе бирасӣ,
Қ-аз сояи мижгони зане сохтааст
В-аз ашки ба ҳам фишурдаву яхзада аст.
Мижгони зане ҷавону шавҳармурда,
Дуздони афоф[54] шавҳареро куштанд
То домани иффате ба нанг олоянд
Чашмони афифе ба ҳама умр гирист
Мехост чароғи роҳи тифлон бошад
Афсӯс, ки аз гирья саҳобаш карданд.

Наққоши азиз!
Аз сафҳаи синаҳои соҳибдардон,

---

[52] **Начво** — розгӯи.
[53] **Чанта** — зарф
[54] **Афаф** — покдомани.

Оре, ҳама дар ҷантаи виҷдонат ҳаст
Дар албуми ёдгорҳо даст бубар
Ҳарчанд ҳама мучолаву[55] лула шудаст
Барбанду яке дафтари наққошӣ кун.
Ҳар сафҳаи он саҳнае аз фоҷиаҳост
Аз сафҳаи сина монда танҳо як пӯст
Ҷадвалзада нақши дандаҳошон, оре,
То буда ба рӯи устухон часпида.
Як сафҳа барои худ саво кун хоно,
Як сафҳаи синае, ки аз чину чурук
Вар чеҳраи худ навишта бошад, к-ин ҷо
Вақте ҷигаре буду кабобаш карданд,

Наққоши азиз!
Акнун ба сӯроғи рангҳомон биравем
Аз дӯдаи оҳи бегуноҳӣ маҳкум,
Қ-аз гӯшаи зиндон ба уфуқ менигарад
Як ранги мидоди соявшан кофист
Аз хуни ҷавонӣ, ки ба зӯраш аз роҳ
Дар бурда ба-дон баҳона ҳам куштандаш
Шангарф кунем.
В-аз он чӣ ки аз чеҳраи он тифли ятим
Парвоз гирифту дигараш боз нагашт
Шангарфи дигар бозтару равшантар
Аз заҳри ҷигарҳои кабоби масмум·
Қурбонии нақшаҳои шайтонии шум
Бозичаи идеҳои[56] пучу мавҳум
Зангор кунем.

В-аз ранги баҳоре, ки ҷавонон онро
Аз пушти дару шишаи зиндон диданд,
Зангори дигар, ки боз камрангтар аст
В-он гоҳ ба ҷуз ранги риёву тазвир
Ё ҳар чи аз ин гуна, ки гар пайдо шуд
Дар ҷантаи виҷдони ҳунар бегонаст.
Ҳар ранги фазилату ифофу тақво
Ё ранги муҳаббату садоқат, к-аз худ

---

[55] Мучола — дастзада.
[56] Идеҳо — идеяҳо.

Ё аз дигарон ба даст омад, баргир.
Дар ашки ҷавомеи асири башарӣ
Инҳо ҳамаро бирезу дар ҳам омез
В-он гоҳ, ду-се қатра ашк ҳам боз аз худ,
Қ-аз ҷону дилу ҷигар таровида бурун.
Дар вай рез.
Ин ранги ту ранге, ки худо мехарадаш,
Ранге, ки ба аҳди мо наёмад ба ҳисоб,
Ранге, ки надонам чӣ ҳисобаш карданд.
Наққоши азиз!
Ин рангу мидоду қаламу коғази ту
Вақте ки сари ҳоливу виҷдон бедор,
Хоҳам, ки яке нақши бадеъе бикашӣ
Ман як сужа[57] медиҳам, дигар худ донӣ,
Дастур намедиҳам чӣ ҷурӣ[58] бикашӣ.
Наққош туӣ.
Аз завқу қареҳаи худ илҳом бигир,
Аммо сӯжа: Нақши як нубуғи ноком
Тасдиқ бикун, ки то бихоҳӣ бикр аст
Як моҳ! Ки аз ҳилоли худ то ба маҳок,
Як чашм задан раҳой аз абр надошт.
Як нақш! Ки дар синаи наққошаш мурд
Як роз! Ки нохонда ба гӯраш карданд.
Як лолаи ваҳшӣ! Ки ба чашми шаҳло
Як чеҳра зи худ дар обу оина надид.

Як духтари кулӣ![59] Ки пару пое лухт
Як умр ба офтоби сахро ҷангид,
Чун лола яке танӯри афрӯхта буд,
Як чашма! Ки дар манганаи сахраи кӯх
Як умр ба ихтиноқ дар худ печид.
Як роҳи нафас раҳондан аз сахра надошт
Ӯ ташнаи ҷилваву ҷаҳон ташнаи ӯ
Афсӯс, ки фирӯзаи чашми махмур
Як лаҳза ба ин паранди обӣ накушуд,
Як нола! Ки ҳеҷ кас ба додаш нарасид.
Як нодира меъмор! Ки ҳар тарҳе рехт
То рафт бино кунад, харобаш карданд.

---

[57] Сужа — сужет.
[58] Чӣ ҷурӣ — чӣ тавр.
[59] Кулӣ — лӯлӣ.

Наққоши азиз!
Ин нақши ту аксе аз ҷаҳони балост
Илҳому ҳулули вақт лозим дорад.
Чун сими ҳунар бо абадият шуд васл
Дар ҷону дили ту соя меандозад,
То лавҳи хаёл чеҳра орояд аз ӯ
В-он гоҳ ба рӯи парда ояд тасвир.
Ҷон кандан як фазилати зиндонист
Дарзери фишори юғи зиндонбонҳо.
Сӯ сӯй яке машъалаи имонист
Аз боду дами самуми беимонҳо,
Симои садоқате, ки ҷуз ростӣ нагуфт.
В-аз халқ ба ҷуз дурӯғу ботил нашунуфт
Шахсияти як муҳаббати рӯҳонист
Бо душмани худ ҳамеша дар сулҳу сафо,
Аммо ба режими душманӣ ҷангида
Афтода дар остонаи пирӯзӣ
Пошидани як ситораи нуронист
Бар сар дари дарвозаи симоби саҳар
В-овозаи эъломи тулӯи хуршед
Оре, хуршед,
Қ-он лонаи аждаҳо ба ҳам хоҳад рехт
В-ин занги палидӣ аз ҷаҳон хоҳад шуст
Хуршед, ки бо шафақ хизобаш карданд.

Наққоши азиз,
— Ин тоблуи[60] ту вақти зиёде набарад
Тарроҳиву як рамузи рангомезест
Як нақшу дар ӯ таҷассуми ҳолаҳост
Бинанда гумони ҳаракат дорад аз ӯ
Шояд ҳам
Муҳтоҷ ба тағьири макон хоҳад буд
Ё нур ҷаҳони худ иваз хоҳад кард...
Симои муҳаббате итоболудаст
Ҳам шафқати модар асту ҳам хашми падар
Хуни ҷигарест ҳамраҳи ашки видоъ
Як нафрати омехта бо дилсӯзӣ

[60] **Тоблу** — расм, тасвир.

Нафрин! Ки чилутар бирави боз дуост
Симои Масеҳ аст ба зиндону салиб.
Як Рустами ғам! Ба сарнавишти Суҳроб
Суқроти ҳаким шавкаронаш[61] дар даст
Киштии наҷотест, ки ғарқаш карданд.
Як Нӯҳи набиву иртидоди уммат
В-аз даври ғиреви ҳавлноки тӯфон,
Ҳангомаи ҷангҳову он бозиҳо,
Як саҳнаи он ҷаҳаннами нозиҳо,
Инҳо ҳама бо қалам нишон хоҳӣ дод,
Аммо на дигар зиёд ҳам кеш надиҳем
Якчанд хати шикаста дар пешонӣ,
Як қудрати мағлуб дар аъмоқи нигоҳ,
Як сояи морпечи кобуси замон.
Як ҳоли фушурдагӣ дар аъсобу ҳамин
Ҳо! Нуктаи дигаре, ки ёдат наравад
Як нақши сутурдае ҳам аз рӯъёҳо
Нақше, ки кашиданду бар обаш карданд

Наққоши азиз!
Ин тоблу агар хуб даромад аз кор,
Дар музеи рӯзгорҳо хоҳад рафт,
Дар олбуми ёдгорҳо хоҳад монд
Таърихи таҳаввули ҳунар хоҳад буд.
Имрӯз дар ин кавири[62] кӯру торик

Ин қадр, ки кинае наянгехт бас аст
Диданду надиданд барои ту якест
Нақшест, ки худ ҷоизаи наққош аст.
Ташвиқу ҷавоиз аз касе чашм мадор
Бигзор «нубил»[63] ба нури чашмон бидиҳанд,
Ангор на ангор, ки мо ҳам ҳастем
Ин нақш аз он падид омад, к-аз мо
Ҳар ҷо сари обесту саробаш карданд.

Наққоши азиз,
Аз ҳофизи идеоли мо ҳам шеъре
Бояд, ки ба пои нақши худ бинвисӣ.

---

[61] **Шавкарон** — гиёҳи заҳрнок.
[62] **Қавир** — шӯразор.
[63] **Нубил** — мақсад ҷоизаи нобелист.

Аммо на аз инҳо, ки ба девонаш ҳаст
Он шеър бурун аз ҳамаи девонҳост,
Шеърест, ки дар фикр нагунҷида ҳанӯз.
Шеърест, ки идеоли мо шоирҳост
Шояд, ки зи мо нуҳуфта бошад Ҳофиз
В-онро ба биҳишт гуфта бошад Ҳофиз.
Он ҷо калимоти шеър, кеш меоянд
Зеру забару нуқта ба ҳам қарз диҳанд
Ҳар нуқтаи он занги замонест ба гӯш.
Ӯ бо дили ҳар касе сухан мегӯяд,
Бо сози дилу зарби замон мерақсад...
Ман дастрасе ба як чунин шеърам нест
Онро ба риёзат аз худи Хоҷа бигир
Боре
Ин шеър ба сеҳри худ чунин хоҳад гуфт:

Ин нақши ғамангез зи бемори ғамест,
Бемори хумору хӯраи заҷри замон
Бемори ситамкаше, ки дар дармонаш
Мусиқиву шеъру хатту наққошӣ ҳам
Баъд аз ду ҳазор нусхапечиҳошон
Дармондаву оқибат ҷавобаш карданд.

## ПАЁМ БА ЭЙНШТЕЙН

Эйнштейн[64], як саломи ношинос, албатта мебахшӣ,
Давон дар соявравшанҳои як маҳтоби хулёӣ.
Насими шарқ меояд шиканҷи турраҳо афшон,
Фишурда зери бозӯ шохаҳои наргису марьям,
Аз онҳое, ки дар Саъдияи Шероз мерӯянд.
Зи чину мавҷи дарьёҳову печу тоби ҷангалҳо,
Давон меояду субҳи саҳар хоҳад ба сар кӯбид
Дари хилватсарои қасри султони риёзиро.

Даруни кохи истиғно, фарози тахти андеша,
Сар аз зонӯи истиғроқи худ бардор,
Ба ин меҳмон, ки беҳангому нохондаст дар бикшо,

[64] Эйнштейн (1879 — 1955) — донишманди бузурги соҳаи физика.

Иҷозат деҳ, ки бо дасти латифи хеш бинвозад
Ба нармӣ чини пешонии афкори баландатро
Ба он абрешими андешаҳоят шона хоҳад зад.

Нубуғи шеъри машриқ низ бо оини дарвешӣ,
Ба каф ҷоми шаробе аз сабӯи Ҳофизу Хайём.
Ба дунболи насим аз дар расида мезанад зону,
Ки бӯсад дасти пири ҳикмати донои мағрибро.

Эйнштейн, офарин бар ту!
Халоъ[65] бо суръати нуре, ки дорӣ, дарнавардидӣ,
Замон дар ҷовидон пай шуд, макон дар ломакон тай шуд,
Ҳаёти ҷовидон, к-аз дарк берун буд, пайдо шуд,
Биҳишти рӯҳи улвӣ ҳам, ки дин мегуфт ҷуз ин нест,
Ту бо ҳам оштӣ додӣ ҷаҳони дину донишро.

Эйнштейн, нози шасти ту
Нишон додӣ, ки ҷирму ҷисм чизе ҷуз энержӣ нест,
Утум то мешикофад, ҷузву ҷамъи олами болост,
Ба чашми мӯшикофи аҳли ирфону тасаввуф низ
Ҷаҳони мо ҳубобе руи чини обро монад.
Мани нохонда дафтар ҳам, ки тифли мактаби ишқам,
Ҷаҳони ҷисм мавҷе аз ҷаҳони рӯҳ мебинам.
Асолат нест дар модда.

Эйнштейн, сад ҳазор аҳсану лекин сад ҳазор афсӯс,
Ҳариф аз кашфу илҳоми ту дорад бомб месозад.
Эйнштейн, аждаҳои ҷанг
Ҷаҳаннам коми ваҳшатноки худро боз хоҳад кард
Дигар паймонаи умри ҷаҳон лабрез хоҳад шуд,
Дигар ишқу муҳаббат аз табиат қаҳр хоҳад кард,
Чӣ мегӯям?

Магар меҳру вафо маҳкуми измиҳлол[66] хоҳад буд?
«Магар оҳи саҳархезон сӯи гардун нахоҳад шуд?»
Магар як модар аз дил «вой фарзандам» нахоҳад гуфт.

Эйнштейн, буғз дорам дар гулӯ, дастам ба домонат
Нубуғи худ ба коми илтиёми[67] захми инсон кун,

---

[65] **Халоъ** — холигӣ, ҷои холӣ аз ҳаво.

[66] **Измиҳлол** — нобудӣ, нест шудан.

[67] **Илтиём** — беҳбудӣ, ёфтан, даво.

Сари ин ноҷавонмардони сангиндил ба роҳ овар,
Нажоду кешу миллият яке кун, эй бузург устод,
Замин як импературии виҷдон кун
Тафаввуқ[68] дар ҷаҳон қоил машав ҷуз илму тақворо.

Эйнштейн, номе аз Эрони вайрон ҳам шунидастӣ,
Ҳакимо, муҳтарам медор маҳди Ибни Синоро.
Ба ин ваҳшитамаддун гӯшзад кун ҳурмати моро.

Эйнштейн, по фаротар неҳ, ҷаҳони ақл ҳам тай кун,
Қанори ҳам бубин Мӯсову Исову Муҳаммадро.
Қалиди ишқро бардору ҳалли ин муаммо кун
В-агар шуд аз забони илм ин қуфли куҳан во кун.

## ЭЙ ВОЙ МОДАРАМ

1

Оҳиста боз аз бағали паллаҳо[69] гузашт,
Дар фикри ошу сабзии бемори хеш буд.
Аммо гирифта давру бараи ҳолаи сиёҳ,
Ӯ мурда асту боз парастори ҳоли мост.
Дар зиндагии мо ҳама ҷо вел[70] мехӯрад,
Ҳар кунҷи хона саҳнае аз достони ӯст,
Дар хатми хеш ҳам ба сари кори хеш буд
Бечора модарам.

2

Ҳар рӯз мегузашт аз ин зери паллаҳо,
Оҳиста, то ба ҳам назанад хоби нози ман
Имрӯз ҳам гузашт,
Дар бозу баста шуд.
Бо пушти хам аз ин бағали кӯча меравад
Чодар намози филфилӣ[71] андохта ба сар.
Қафши чурукхӯрдаву ҷӯроби васладор
Ӯ фикри баччаҳост.
Ҳар ҷо шуда ҳавиҷ ҳам имрӯз мехарад
Бечора пиразан, ҳама барф аст кӯчаҳо.

---

[68] **Тафаввуқ — бартарӣ.**
[69] **Палла — зина.**
[70] **Вел хӯрдан — раҳо хӯрдан.**
[71] **Филфилӣ — қаланфурранг.**

3

Ӯ аз миёни кулфату[72] навкар зи шаҳри хеш,
Омад ба ҷустуҷӯи ману сарнавишти ман.
Омад чаҳор тифли дигар ҳам бузург кард,
Омад, ки пайти[73] нафт гирифта ба зери бол
Ҳар шаб дароянд аз дари як хонаи фақир,
Равшан кунад чароғи яке ишқи нимаҷон.

4

Ӯро гузаштаест сазовори эҳтиром:
Табрези мо, ба дурнамои қадим шаҳр.
Дар Боғи беша хонаи мардест бо худо
Ҳар саҳну ҳар сароча яке додгустарест,
Ин ҷо ба доди нолаи мазлум мерасанд.
Ин ҷо кафили харҷ муваккал бувад вакил,
Музду даромадаш ҳама сарфи рафоҳи халқ.
Дар бозу суфра паҳн.
Бар суфрааш чӣ гуруснаҳо сер мешаванд,
Як зан мудири гардиши ин чарху дастгоҳ.
Ӯ модари ман аст.

5

Инсоф медиҳам, ки падар родмард буд
Бо он ҳама даромади саршораш аз ҳалол,
Рӯзе ки мурд, рӯзии яксоли худ надошт.
Аммо қаторҳои пур аз зоди охират
В-аз пай ҳанӯз қофилаҳои дуои хайр,
Ин модар аз чунон падаре ёдгор буд.
Танҳо на модари ману дармондагони хайл[74]
Ӯ як чароғи равшани элу қабила буд,
Хомӯш шуд дареғ.

6

На, ӯ намурда, мешунавам ман садои ӯ,
Бо баччаҳо ҳанӯз сару калла мезанад:

---

[72] **Кулфат** — хизматгорзан.
[73] **Пайт** — зарф.
[74] **Хайл** — гурӯҳ.

«Ноҳид, лол шав»,
«Бижан, бирав канор».
Қафгир бе садо
Дорад барои нохуши худ ош мепазад.

7

Ӯ мурду дар канори падар зери хок рафт.
Ақвомаш омаданд паи сарсаломатӣ,
Як хатм ҳам гирифта шуду пур бадак набуд
Бисьёр таслият, ки ба мо арза доштанд:
«Лутфи шумо зиёд».
Аммо нидои қалб ба гӯшам ҳамеша гуфт:
Ин ҳарфҳо барои ту модар намешавад.

8

Пас ин кӣ буд?
Дишаб лиҳофи радшуда бар рӯи ман кашид
Ливони[75] об аз бағали ман канор зад,
Дар нисфаҳои шаб

Як хоби саҳмноку паридам ба ҳоли таб,
Наздикҳои субҳ,
Ӯ боз зери пои ман ин ҷо нишаста буд.
Оҳиста бо худо
Розу ниёз дошт.
На, ӯ намурдааст.

9

На ӯ намурдааст, ки ман зиндаам ҳанӯз,
Ӯ зинда аст дар ғаму шеъру хаёли ман.
Мероси шоиронаи ман ҳар чи ҳаст, аз ӯст
Қонуни[76] меҳру моҳ магар мешавад хамӯш?
Он шерзан бимурд? Ӯ Шаҳриёр зод!
«Ҳаргиз намирад он ки дилаш зинда шуд ба ишқ».*

---

[75] **Ливон** — зарф, стакан.
[76] **Қонун** — оташдон.
* Ин мисраъ аз Ҳофиз аст.

10

Ӯ бо таронаҳои маҳаллӣ, ки месуруд,
Бо қиссаҳои дилкашу зебо, ки ёд дошт,
Аз аҳди гоҳвора, ки бандаш кашиду баст,
Аъсоби ман ба созу наво кӯк карда буд.

Ӯ шеъру нағма дар дилу ҷонам ба ханда кошт
В-он гаҳ ба ашкҳои худ он кишта об дод.
Ларзиду барқ зад ба ман эҳтизози рӯҳ
В-аз эҳтизози рӯҳ гирифтам ҳавои ноз.
То сохтам барои худ аз ишқ оламе.

11

Ӯ панҷ сол кард парастории мариз,
Дар ашку хун нишасту писарро наҷот дод.
Аммо писар чӣ кард барои ту? Ҳеҷ, хеҷ
Танҳо маризхона, ба уммеди дигарон,
Як рӯз ҳам хабар, ки биё ӯ тамом кард.

12

Дар роҳи Қум[77] ба ҳарчи гузаштам абӯс буд,
Печида кӯҳу фаҳш ба ман доду дур шуд.
Саҳро ҳама хутути каҷу кулаву сиёҳ
,Тӯмори сарнавишту хабарҳои саҳмгин.
Дарьёча ҳам ба ҳоли ман аз дур мегирист.
Танҳо тавофи даври зареҳу[78] яке намоз.
Як ашк ҳам ба сураи ёсини ман чакид,
Модар ба хок рафт.

13

Он шаб падар ба хоби ман омад, садош кард,
Ӯ ҳам ҷавоб дод.
Як дуд ҳам гирифт ба даври чароғи моҳ,
Маълум шуд, ки модарам аз даст рафтанист.

---

[77] **Қум** — номи шаҳрест дар Эрон.
[78] **Зареҳ** — қабр.

Аммо падар ба ғурфаи[79] боғе нишаста буд,
Шояд, ки ҷони ӯ ба ҷаҳони баланд бурд,
Он ҷо, ки зиндагӣ ситаму дарду ранҷ нест.
Ин ҳам писар, ки бадрақааш[80] мекунад ба гӯр,

Як қатра ашк музди ҳама заҷрҳои[81] ӯ.
Аммо халос мешавад аз сарнавишти ман.
Модар ба хоби хуш,
Манзил муборакат.

14

Оянда буду қиссаи бемодарии ман,
Ногоҳ заҷҷае[82] ки ба ҳам зад сукути марг,
Ман медавидам аз васати қабрҳо бурун.
Ӯ буду сар ба нола бароварда аз мағок[83],
Худро ба заъф аз паи ман боз мекашид.
Девонаву рамида давидам ба истгоҳ,
Худро ба ҳам фишурда хазидам миёни ҷамъ,
Тарсон зи пушти шишаи дар, охирин нигоҳ
Боз он сафедпӯшу ҳамон кӯшишу талош.
Чашмони нимабоз:
«Аз ман ҷудо машав».
Меомадему каллаи ман гиҷу манг буд,
Ангор[84] ҷива[85] дар дили ман об мекунанд,
Печида саҳнаҳои замину замон ба ҳам
Хомӯшу хавфнок ҳама мегурехтанд.
Мегашт осмон, ки букӯбад ба мағзи ман.
Дуньё ба пеши чашми гунаҳкори ман сиёҳ

В-аз ҳар шикофу рахнаи мошин ғиреви бод,
Як нолаи заиф ҳам аз пай давон-давон,
Меомаду ба мағзи ман оҳиста мехалид:
«Танҳо шудӣ, писар».

---

[79] Ғурфа — хона, болохона.
[80] Бадрақа — раҳнамо.
[81] Заҷр — ранҷ.
[82] Заҷҷа — нолаву фарьёд.
[83] Мағок — чуқурӣ.
[84] Ангор — пиндор, тасаввур кун.
[85] Ҷива — симоб.

Боз омадам ба хона чӣ ҳоле нагуфтанӣ,
Дидам нишаста мисли ҳамеша канори ҳавз,
Пироҳани палиди маро боз шуста буд,
Ангор ханда кард, вале дилшикаста буд.
«Бурдӣ марову ба хок супурдиву омадӣ,
Танҳо намегузорамат, эй — бенаво писар!»
Мехостам ба ханда дароям зи иштибоҳ,
Аммо хаёл буд,
Эй вой, модарам.

## МУНДАРИЧА


Муҳаммадҳусаини Шаҳриёр . . . . 3
АЗ ҒАЗАЛИЁТ . . . . . . . . . 15
Чӣ мекашам . . . . . . . . . . 17
Ба мурғони чаман . . . . . . . . 17
Закоти зиндагӣ . . . . . . . . . 18
Рӯзашикан . . . . . . . . . . . 19
Тутии қаинод . . . . . . . . . . 20
Лаб . . . . . . . . . . . . . 20
Рахти сиёҳу бахти сафед . . . . . . 21
Шоири «Афсона» . . . . . . . . . 22
Нокомиҳо . . . . . . . . . . . 23
Наи дамсоз . . . . . . . . . . . 23
Қорвони шавқ . . . . . . . . . . 24
Ахгари нуҳуфта . . . . . . . . . 25
Моҳи мактаб . . . . . . . . . . 26
Райҳона ё кабутари ҳарам . . . . . 27
Сиёҳчашмони Шерозӣ . . . . . . . 27
Дуст ё душман . . . . . . . . . 28
Хори домангир . . . . . . . . . 29
Ёри куҳан . . . . . . . . . . . 30
Ғазали худоҳофизӣ . . . . . . . . 30
Нигини гумшуда . . . . . . . . . 31
Сози моҳ . . . . . . . . . . . 31
Шакарин пистаи хомӯш . . . . . . 32
Қумрии маҳзун . . . . . . . . . 33
Русиёҳии ҳиҷоб . . . . . . . . . 34
Малоли муҳаббат . . . . . . . . 35
Ғизоли рамида . . . . . . . . . 35
Дам бизан, эй зан . . . . . . . . 36
Сози Ибодӣ . . . . . . . . . . 36
Гавҳарфурӯш . . . . . . . . . . 37
Тутии хушлаҳҷа . . . . . . . . . 38
Ҷолуи Бобул . . . . . . . . . . 38
Қаламандоз . . . . . . . . . . . 39
Дар роҳи зиндагонӣ . . . . . . . 40
Ӯ буду ӯ набуд . . . . . . . . . 41
Ҳавои Рашт . . . . . . . . . . 41
Хазони ҷовидонӣ . . . . . . . . . 42
Идии ушшоқ . . . . . . . . . . 42
Бахти хуфтаву давлати бедор . . . . 43
Ҳушам меравад . . . . . . . . . 44
Шайдоӣ . . . . . . . . . . . . 44
Ашки надомат . . . . . . . . . 45
Сарви боровар . . . . . . . . . 45
Қорвони гул . . . . . . . . . . 46
Ҳабибӣ . . . . . . . . . . . . 47
Қанди муқаррар . . . . . . . . . 47
Қорвони бехабар . . . . . . . . . 48
Гадо подшоҳкун . . . . . . . . . 49
Моҳи дарьё . . . . . . . . . . 49

Интизор . . . . . . . . . . . . 50
Ту бимону дигарон . . . . . . . . 51
Вой — вои ман . . . . . . . . . . 51
Давлати ҷовид . . . . . . . . . . 52
Хазон . . . . . . . . . . . . . 52
Ғизолу ғазал . . . . . . . . . . 53
Саломи ошно . . . . . . . . . . 54
Видои ҷавонӣ . . . . . . . . . . 54
Ҳоло чаро . . . . . . . . . . . 55
Соҳиб дорад ин дил . . . . . . . . 56
Таронаи ҷовидон . . . . . . . . . 56
Девон ва девона . . . . . . . . . 57
Иди хун . . . . . . . . . . . . 57
Дуньёи дил . . . . . . . . . . . 58
Шамшери қалам . . . . . . . . . 59
Як шаб бо Қамар . . . . . . . . 59
Холи баранда . . . . . . . . . . 60
Гилаи ошиқ . . . . . . . . . . 60
Дарьёчаи ашк . . . . . . . . . . 61
Ваҳшишикор . . . . . . . . . . 61
Парвона дар оташ . . . . . . . . 62
Фитнаи навхоста . . . . . . . . . 62
Ману моҳ . . . . . . . . . . . 63
Дастам ба домонат . . . . . . . . 63
Юсуф дар кулбаи эҳзон . . . . . . 64
Интиқоми ишқ . . . . . . . . . . 64
Ғавғо мекунӣ . . . . . . . . . . 65
Сетори ман . . . . . . . . . . . 66
Афсонаи вафо . . . . . . . . . . 66
Афсонаи шаб . . . . . . . . . . 67
Шаби фироқи ту . . . . . . . . . 68
Шарму иффат . . . . . . . . . . 69
Ашки шавқ . . . . . . . . . . . 69
Гул пушту рӯ надорад . . . . . . . 70
Лолаи сероб . . . . . . . . . . 70
Моҳ бар сари меҳр . . . . . . . . 71
Шамъи тӯфон . . . . . . . . . . 72
Бигзор бимирам . . . . . . . . . 72
Фиғони дил . . . . . . . . . . . 73
Арбоби зимистон . . . . . . . . . 73
Ҳиҷрон кашидаам . . . . . . . . . 74
Ёди Шаҳёр . . . . . . . . . . . 74
Ёри қадим . . . . . . . . . . . 75
Балки биёрем ёрро . . . . . . . . 76
Мактаби Ҳофиз . . . . . . . . . 76
Ҳадья ба Ҳофиз . . . . . . . . . 77
Сипоҳи ман . . . . . . . . . . . 78
Иди султонӣ . . . . . . . . . . 78
Ҷаҳондору ҷаҳондовар . . . . . . . 79
Ҳудҳуди Сабо . . . . . . . . . . 80
Духтари тарсо . . . . . . . . . . 81
Ишқи модарзод . . . . . . . . . 81

Қовап наврӯз . . . . . . . . . . 82
Аруси баҳор . . . . . . . . . . 83
Чашмаи абадият . . . . . . . . . 83
Сухангуи Ҳофиз . . . . . . . . . 84
Меҳробу минбар . . . . . . . . . 85
Шабеҳи сози Сурайё . . . . . . . 86
Раҳоварди Шероз . . . . . . . . 87
Ситораи субҳ . . . . . . . . . . 87
Тахта ба тӯфонҳо . . . . . . . . 88
Сози фаромуш . . . . . . . . . 89
Ҳофиз, худо ҳофиз . . . . . . . . 90
Туи Ҳофиз? . . . . . . . . . . 90
Корвони шаккар . . . . . . . . . 91
Эй зан . . . . . . . . . . . 92
Доғи муоширон . . . . . . . . . 92
Фишори қабр . . . . . . . . . . 93
Дили дарвешнавоз . . . . . . . . 93
Гавҳар ва гавҳарӣ . . . . . . . . 94
Руъёи ҷавонӣ . . . . . . . . . 94
Ду мурғи қосид . . . . . . . . . 95
Дарси муҳаббат . . . . . . . . . 96
Дили ман . . . . . . . . . . . 97

АЗ ҚАСОИД . . . . . . . . . 99

Парвози мурғи биҳиштӣ (Бадрақае аз Нимо) . . . . . . . . . . . 101
Бадрақаи устоди бузурги фақид — Баҳор истиқбол аз ғазали худи устод . . 102
Идеали миллӣ . . . . . . . . . 103
Панди ёдгорӣ . . . . . . . . . 105
Боргоҳи Саъдӣ ва Ҳофиз . . . . . 106
Дар истиқболи мақдами оқои Соя — шоири маъруф . . . . . . . . . . 107
Хайра мақдам ба шоир Фаридуни Муширӣ . 108
Бар сари хоки Эраҷ . . . . . . . . 109
Ба ёди шоираи ноком Парвини Эътисомӣ . 109
Ба ёди марҳум Мирзодаи Ишқӣ . . . 110
Марҳабо Ҳусайн . . . . . . . . . 111
Бадбахтӣ . . . . . . . . . . . 111

АЗ МАСНАВИҲО . . . . . . . 113

Тори ҷонон . . . . . . . . . . 115
Шеъру ҳикмат . . . . . . . . . 121
Ҷон модар . . . . . . . . . . 134
Варзиши тану ҷон . . . . . . . . 137
Дар ҳофизияи Шероз . . . . . . . 138
Омӯзиш . . . . . . . . . . . 141

АЗ МУХАММАС ВА МУСАДДАСҲО . 143
Тазмини ғазали Саъдии Шерозӣ . . . 145

Бачаи ятим . . . . . . . . . . . 146
Ёдгори чашни Фирдавсӣ . . . . . . 147

АЗ ҚИТЪАҲО . . . . . 151

Духтараки гулфуруш . . . . . . . 153
Гули ваҳшӣ . . . . . . . . . . 154
Шириндаҳанон . . . . . . . . . 154
Мунозираи минбару дор . . . . . 154
Духтаре кӯр гадой мекард . . . . . 155
Инсон . . . . . . . . . . . . 155
Мурғи уммед . . . . . . . . . 156
Гули човид . . . . . . . . . . 156
Шеъри классик . . . . . . . . . 156
Орзуи муҳол . . . . . . . . . 157
Бениёзӣ . . . . . . . . . . . 157
Аҳдшикан . . . . . . . . . . 157
Бону Фаррухзамони Порсой . . . . 157
Моддаи таърих . . . . . . . . . 158
Рисои Сурайё . . . . . . . . . 159
Дили муртад . . . . . . . . . 159
Ман из ин бодҳо намеларзам . . . . 159
Либоси ватанӣ . . . . . . . . . 160
Аз дубайтӣ ва рубоиёт . . . . . . 160

АЗ НАВОВАРИҲОИ ШОИР . . . 173
Қаҳрамонони Сталинград . . . . . 175
Хазьёни дил . . . . . . . . . . 183
Наққош . . . . . . . . . . . 196
Паём ба Эйнштейн . . . . . . . 201
Эй вой модарам . . . . . . . 203

Нархаш 2 сўм.

Муҳити нӯҳ фалакаш завраке ба дарьёе.
Диле, ки ғарқ шавад дар шукӯҳи ин дарьё,
Ба чашми боз равад дар шигифти рӯъёе.
Ба чашми ӯ, ки худ аз ломакон кушуда камин,
Чӣ ҷои пасту баланду ниҳону пайдое.
Бихондам ба ниҳебу бирондам ба лаҳиб,
Чӣ моҳи муштаилу шоҳиди муаммое.
Ба қадри хостанам нест тоби сӯхтанам,
Ба исм ошиқаму исми бемусаммое.
Ҷуз ин умед надонам, ки хӯ кунам ба хаёл,
Маро, ки нест ба дидори ёр ёрое...
Саводи зулфи туву сирри ҷодувонаи туст,
Ки ҷилва мекунад аз ҳар саре ба савдое...
Ба хоки пои ту, эй сарви баркашидаи ман,
Ки сар фуруд наёвардаам ба дуньёе...
Ба зери сояи сарвам ба хок биспоред,
Ки сар супорда будам ба сарвболое.
Маро ба нақшу нигори сафина ҳоҷат нест,
Чӣ зеварест зиёдӣ ба рӯи зебое.
Садои Ҳофизи Шероз бишнавӣ, ки расид,
Ба шаҳри шефтагон Шахриёри шайдое.

## СУХАНГӮИ ҲОФИЗ

Рӯ ба ҳар қибла, ки кардам, санамо, сӯи ту буд
В-он чи меҳроб ба меъмории абрӯи ту буд.
Нақши ҳар чеҳра аён ғолияи хатти ту дошт,
Пушти ҳар парда ниҳон оинаи рӯи ту буд.
Турраҳо то сари душ аз қибали пирояст
В-арна ин силсила ҳам то сари зонуи ту буд.
Чашми дил равзанаи хилвати ҷон з-он доданд,
Ки аз ин равзана роҳе ба сари кӯи ту буд.
Ишқбозон ҳама донанд, ки дар ғазваи[75] ишқ,
Дари ҳар қалъа кушоданд, ба бозуи ту буд.
Аҳриман рахна ба мақсураи дил натвонист,
З-он ки ин савмиа бурҷи туву борӯи ту буд.
Он ки дар баст ба рӯи ту, ба найранги ту баст
В-он ки барканд дар аз қалъа, ба неруи ту буд.
Ҷӯи хулде, ки ба сар сояи тубо дорад,
Ҳама дар ҳасрати сарви қади дилҷӯи ту буд.

---

[75] **Ғазва** — ҳарбу зарб, ҷанг.